**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД:** 343+343.1(575.3)

**ТКБ:** 67.99(2)93+67.99(2)9(2тоҷик)

**Ю –** 88

**ЮСУФЗОДА ФАРИДУН АСАДУЛЛО**

# ПРОБЛЕМАҲОИ ИНСТИТУТИ ДОҒИ СУДӢ ДАР ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКСИТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ)

**РОҲБАРИ ИЛМӢ**

**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

**ШАРИПОВ Т.Ш.**

**ДУШАНБЕ – 2026**

## МУНДАРИЧА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**...........................................................3

**МУҚАДДИМА**…………………………………………………….......................4

**БОБИ 1. ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ИНСТИТУТИ ДОҒИ СУДӢ МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**...........................................................21

1.1. Андешаҳои гуногун нисбати мафҳуми институти доғи судӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ……..........................................................21

1.2. Ҷой ва нақши институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ..........................32

**БОБИ 2. ОҚИБАТҲОИ ИНСТИТУТИ ДОҒИ СУДӢ**................................53

2.1. Оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии институти доғи судӣ……..........................53

а) Тавсифи умумии оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии институти доғи судӣ..........................................................................................................53

б) Доғи судӣ ҳамчун асоси эътироф намудани ретсидиви ҷиноят.................55

в) Доғи судӣ ҳамчун ҳолати маҳдудкунандаи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо…….....................................65

2.2. Оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ………...............................................83

**БОБИ 3. ПРОБЛЕМАҲОИ БАРҲАМ ХӮРДАН ВА БАРДОШТАНИ ДОҒИ СУДӢ ДАР ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ**..................................................104

3.1. Проблемаҳои барҳам хӯрдани доғи судӣ................................................104

3.2. Проблемаҳои бардоштани доғи судӣ.....................................................129

**ХУЛОСА**..........................................................................................149

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**........................................................................................153

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**......................................................155

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**........................................................................................174

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМҶ ҶТ** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КО ҶТ** – Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶФР** – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**ИДМ** – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

**ҶШСТ** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ШВКД** – Шуъбаи вазорати корҳои дохилӣ

**СРИҶҶ ҶТ** – Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**с.** – сархат

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳо

**б.** – банд

**б.б.** – бобҳо

**б.** – боб

**с.** – саҲифа

**с.** – сол

**ѓ.** – ѓайра

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мутобиқи м. 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ мебошанд» [1]. Ғайр аз ин мутобиқи моддаи мазкур «ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд» [1].

Кафолат додан ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон вазифаи муҳимтарини давлат буда, давлат бояд татбиқи комил ва воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, ки дар Конститутсия ва қонунҳо пешбинӣ шудаанд, таъмин намояд. Дар робита ба ин, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирӣ ва қатъи саривақтии ҷиноятҳо, инчунин ошкор кардани фаврии онҳо вазифаҳои аввалиндараҷаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

Институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон, ки ҷузъи ҷудонашавандаи низоми чораҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии муқовимат бо ҷинояткорӣ мебошад, ба иҷрои самараноки вазифаҳои номбурда мусоидат менамояд.

Ҳалли самараноки масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии замони муосир бо такмили қонунгузории миллӣ вобастагии зич дорад, ки мақсади асосии он таъмини амнияти шаҳрвандон ва ҷомеа аз ҳар гуна амалҳои ҷинояткорона мебошад. Дар ин замина, рушди минбаъдаи институти доғи судӣ аҳаммияти хос пайдо мекунад, ки вазифаҳои асосии он пешгирии ҷинояткорӣ, таъмини муносибати инфиродӣ ҳангоми таъини ҷазо, пурзӯр намудани чораҳои мубориза бо такрори ҷиноятҳо ва пешгирӣ кардани воридшавии ҷинояткорӣ ба соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа мебошад.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2024 махсус таъкид гардид, ки «рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, суботи сиёсӣ ва оромиву осудагии мардуми Тоҷикистон аз таъмини амнияти миллӣ вобаста мебошад. Яъне таъмин намудани амнияти

давлат ва ҷомеа дар шароити имрӯза зарурат ва аҳаммияти аввалиндараҷа дорад» [168].

Бо вуҷуди кӯшишҳои зиёд дар ин самт, сатҳи ҷинояткорӣ ҳанӯз ҳам баланд боқӣ мемонад. Дар байни гурӯҳҳои гуногуни ҷинояткорон, махсусан он нафароне, ки қаблан барои содир намудани ҷиноят маҳкум шудаанд, хавфи бештар доранд. Мутаассифона, таҷриба нишон медиҳад, ки қисмати муайяни шахсони маҳкумшуда баъд аз адои ҷазо аз кирдори пешинаашон пушаймон намешаванд ва бо вуҷуди доштани доғи судӣ боз ҳам даст ба содир намудани ҷиноят мезананд.

Чунончӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи маълумоти оморӣ, дар соли 2018 – 21 957, соли 2019 – 21 996, соли 2020 – 23 460, соли 2021 – 24 118, соли 2022 – 22 481, соли 2023 – 21 319 ва дар 10 моҳи соли 2024 – 18 620 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст. Шумораи шахсони пеш ҷиноят содир намуда дар соли 2018 – 1128 нафар, соли 2019 – 951 нафар, соли 2020 – 991 нафар, соли 2021 – 788 нафар, соли 2022 – 888 нафар, соли 2023 – 395 нафар ва дар 10 моҳи соли 2024 – 290 нафарро ташкил додаанд [171].

Ин вазъият аҳаммияти махсус доштани масъалаи ретсидивро таъкид менамояд ва зарурияти андешидани чораҳои муассири пешгирикунандаро нисбат ба ин категорияи шахсон ба миён мегузорад. Дар робита бо ин, таҳлили ҳамаҷониба ва омӯзиши амиқи оқибатҳои ҳуқуқии доғи судӣ ва таъсири он ба пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав яке аз вазифаҳои муҳим ва зарурии сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Доғи судӣ марҳилаи ниҳоии татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ буда, мустақиман бо шахсияти маҳкумшуда ва вазъи ҳуқуқии ӯ алоқаманд мебошад. Ин ҳолати ҳуқуқӣ ба мавқеи иҷтимоии шахс таъсири зиёд расонида, нақш ва мавқеи минбаъдаи ӯро дар ҷомеа муайян мекунад. Аз ин рӯй, омӯзиши амиқи моҳияти ҳуқуқӣ ва паҳлӯҳои иҷтимоии доғи судӣ зарур аст, зеро фаро расидани он оқибатҳои ҷиддӣ ба вуҷуд меорад, ки метавонанд ба ҳаёти минбаъдаи маҳкумшуда таъсири назаррас дошта бошанд.

Доштани доғи судӣ мақому вазъи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии инсонро дар ҷомеа тағйир медиҳад. Ҳатто пас аз расман барҳам хӯрдани доғи судӣ на ҳама вақт таъсири манфии ахлоқии он аз байн меравад: барои инсон он метавонад ҳамчун ёдоварии доимӣ ва бори гароне боқӣ монад, ки солҳои тӯлонӣ ва баъзан тамоми умр ӯро ҳамроҳӣ мекунад. Аз ин рӯ, масъалаҳои оқибатҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии доғи судӣ аҳаммияти хоса доранд, зеро ба сарнавишти минбаъдаи шахси маҳкумшуда таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон на ҳамаи масъалаҳои вобаста ба пайдоиш ва қатъи доғи судӣ ба таври кофӣ танзими ҳуқуқии худро ёфтаанд.

Институти доғи судӣ дар низоми институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мавқеи хосро ишғол менамояд, ки ин бо аҳаммияти он на танҳо барои ҳаллу фасли масъалаҳои назариявии ҳуқуқи ҷиноятӣ, вобаста ба татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, балки барои татбиқи амалии як қатор институтҳои қисми умумӣ ва махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ низ вобаста мебошад. Муҳтаво ва моҳияти ҳуқуқии институти доғи судӣ ҳамоно мавзуи баҳсҳои доимии илмӣ боқӣ мемонад. Дар айни замон, ҳанӯз шумораи зиёди масъалаҳои ҳалнашуда вуҷуд доранд, ки на танҳо бо ихтилофи назар дар байни муҳаққиқон, балки бо номукаммалии баъзе меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятие, ки ин институтро танзим мекунанд, алоқаманд мебошанд.

Дар шароити ислоҳоти мунтазами низоми ҳуқуқии Тоҷикистон меъёрҳои марбут ба институти доғи судӣ ба таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи илмӣ эҳтиёҷ доранд. Илова бар ин, як қатор масъалаҳои алоҳидаи вобаста ба ин институт, ки қаблан дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди омӯзиши мукаммал қарор нагирифта буданд, асосноккунии назариявиро талаб менамоянд, зеро бори аввал онҳо танҳо дар Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998 дар боби 13 таҳти унвони «Авф. Бахшиши ҷазо. Доғи судӣ. Сафедкунӣ» ба таври махсус ҷудо шудаанд.

Маҳкум намудани шахси ҷинояткор фарорасии оқибатҳои манфиро барои ӯ дар назар дорад, ки дар маҳдуд кардан ё маҳрум кардани ҳуқуқ,

озодиҳо ва манфиатҳои қонунии муайяни ӯ ифода меёбад. Маҳдудиятҳои мазкур на танҳо бо таъин ва иҷрои ҷазо вобастаанд, балки метавонанд бо доштани доғи судии чунин шахс низ алоқаманд бошанд.

Доғи судӣ то имрӯз ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, моҳият ва мазмуни худро дорад, ҳамчунин функсияҳо ва вазифаҳои муайянро иҷро мекунад.

Бо вуҷуди ин, доғи судӣ падидаи мураккаб ва гуногунҷанба буда, пеш аз Ҳама бо вазъи Ҳуқуқии шахс алоқаманд аст, ки дар бисёр маврид мавқеъ ва нақши иҷтимоии ўро дар ҷомеа муайян мекунад. Азбаски доғи судӣ мақоми ҳуқуқии шахсиятро то як андоза маҳдуд мекунад, як қатор ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он ба таҳқиқи амиқ ниёз доранд. Мутаассифона, аз рӯйи бисёр ҷанбаҳои доғи судӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавқеи ягонаи асоснок ва қобили қабул вуҷуд надорад. Дар назария ба вобаста ба таърифи доғи судӣ, моҳияти он андешаҳои гуногун иброз мешавад. Дар навбати худ, ин ҳолат ба вазъи қонунгузории танзимкунандаи татбиқи доғи судӣ таъсири манфӣ расонида, ба мухолифати меъёрҳо оид ба доғи судӣ сабаб мегардад.

Доғи судӣ бевосита бо иҷрои ҷазо ва мутобиқшавии минбаъдаи шахсони маҳкумшуда дар ҷомеа алоқаманд аст. Ин масъалаи мураккабест, ки паҳлӯҳои гуногуни ахлоқӣ, равонӣ ва амалии одаткунонии иҷтимоии шахсро дар бар мегирад.

Яке аз вазифаҳои асосии институти доғи судӣ истифода бурдани он дар мубориза бар зидди ҷиноятկории ретсидивӣ мебошад. Ҷиноятկории ретсидивӣ ба маънои муайян «ҷавҳар»-и тамоми ҷиноятկорӣ мебошад, зеро сухан дар бораи доираи ҷиноятկорон меравад, ки ба арзишҳои ахлоқии ҷомеа, волоияти қонун дидаву дониста муқобилат мекунанд ва шахсони дигарро ба ҷиноят ҷалб мекунанд.

Тибқи ҳисобҳои тахминӣ, ретсидиви ҷиноят барои ба роҳи ҷиноятկорӣ бурдани аз 3 то 8 нафар, аз ҷумла аз байни ноболиғон мусоидат мекунад. Ресидивистон бо дараҷаи баланди таҷовузкорӣ фарқ мекунанд ва хавфи бештареро барои ҷомеа ба вуҷуд меоранд. Дар аксари мавридҳо,

ресидивистон кирдорҳои худро бо усулҳои мураккабтар ва бо истифода аз таҷрибаи ҷиноятии худ анҷом дода, чораҳои махсусеро ҷиҳати пинҳон кардани ҷиноят меандешанд. Ҳамаи ин ҳолатҳо зарурати такмил додан ва ҷустуҷӯи воситахои нави мубориза алайҳи ҷинояти ретсидивиро муайян мекунанд. Шубхае нест, ки дар мубориза ба муқобили ретсидив институти доғи судӣ накши пешбарро иҷро мекунад.

Дар айни замон доғи судӣ аҳаммияти худро гум накардааст. Аз сабаби мураккабии худ, доғи судӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ ифода меёбад.

Институти доғи судӣ дар ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии давлат, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон нақши муҳим мебозад. Гуногун будани функсияҳои доғи судӣ ҳамчун зуҳуроти ҳуқуқии ҷиноятӣ ва умумиҳуқуқӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки он як падидаи мураккаби ҳуқуқӣ буда, моҳият ва мақсади он пурра ошкор нашудааст.

Таҳқиқоти аз ҷониби мо анҷомдодашуда нишон дод, ки ҳангоми муайян кардани оқибатҳои ҳуқуқии доғи судӣ масъалаҳои баҳснок ба миён меоянд. Як қатор муқарраротии КҶ ҶТ оид ба доғи судӣ ба тағйиру иловаҳо ниёз доранд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло гувоҳӣ медиҳад, ки ҳолати ҳуқуқии доғи судӣ ҳамчун институти ҳуқуқии ҷиноятӣ ба таҳқиқ ва асоснокии минбаъдаи илмӣ ниёз дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҷанбаҳои гуногуни институти доғи судӣ дар осори илмии олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқ гардидаанд. Аз олимони ватанӣ шахсиятҳои зерин институти доғи судиро дар маҷмуъ бо дигар масъалаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ таҳқиқ намудаанд: А.А. Абдурашидзода [44], В.А. Абдуҳамитов [45], У.А. Азиззода (У.А. Азизов) [145], Н.Б. Азимзода (Н.Б. Азимов) [146], З.А. Камолов, А.И. Сафарзода, Т.Ш. Шарипов [105], Н.А. Қудратов [71], Ҷ.З. Маҷидзода [125], Р.Ҳ. Раҳимзода, И.Ҳ. Бобоҷонзода [80], Б.С. Саидвализода [134], Ҳ.С. Салимов [103], З.С. Тайфуров [136], И.Р. Тулиев [163] ва ғайра.

Таҳқиқоти диссертатсионии институти доғи судии аз ҷониби олими тоҷик С.З. Музаффаров анҷомдодашуда [158] қобили таваҷҷуҳи хоса аст, аммо дар таҳқиқоти мазкур институти доғи судӣ сирф аз рӯйи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода нашуда, бештар хислати муқоисавии байни қонунҳои ҷиноятии Тоҷикистону Русияро дорад.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятии даврони шӯравӣ институти доғи судӣ ба ҳайси предмети мустақили таҳқиқот дар корҳои олимони зерин таҳқиқ гардидааст: В.В. Голина [51], В.И. Горобтсов [52], С.И. Зелдов [56], Т.М. Кафаров [60], А.М. Яковлев [108] ва ғайра.

Ҳамчунин, олимони зерин аз рӯйи ҷанбаҳои гуногуни институти доғи судӣ таҳқиқотҳои диссертатсионӣ анҷом додаанд: А.А. Абдурахманова [143], И.А. Архенголтс [147], Г. Галбат [148], М.В. Грамматчиков [149], С.И. Зелдов [150], Г.Ю. Зинин [151], А.Ю. Маршенов [157], С.З. Музафаров [158], А.Ю. Соболев [161], А.В. Улянов [164], Г.Х. Шаутаева [166].

Новобаста аз мавҷуд будани таҳқиқотҳои зиёд оид ба институти доғи судӣ баъзе аз масъалаҳои он, аз қабили мафҳум ва моҳияти доғи судӣ, оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва умумиҳуқуқии доғи судӣ, барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судӣ аз рӯйи КҶ ҶТ ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудаанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур кӯшиш карда шудааст, ки ин холигӣ бартараф шавад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои солҳои 2021-2025» омода карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили илмии институти доғи судӣ ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқии ҷиноятӣ, муайян намудани мазмуни ҳуқуқӣ ва таҷрибаи татбиқи меъёрҳо оид

ба доғи судӣ, ҳамчунин таҳияи пешниҳодҳо баҳри мукаммал намудани қонунгузории ҷиноятӣ оид ба масъалаи доғи судӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсадҳои номбурда ҳалли вазифаҳои зерин зарур шуморида мешавад:

– таҳқиқи мафҳум, мақсад, мазмун ва хусусиятҳои доғи судӣ;

– пешкаш намудани мафҳуми доғи судӣ вобаста ба ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани ҷой ва нақши институти доғи судӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ;

– таснифи оқибатҳои доғи судӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– баррасии оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии доғи судӣ;

– муайян намудани оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ тибқи конунгузории ҶТ;

– омӯзиш ва таҳлили шартҳо, инчунин тартиби барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судӣ;

– таҳияи пешниҳодҳо баҳри мукаммал намудани КҶ ҶТ ва дигар қонунҳои ҷумҳурӣ, ки ба институти доғи судӣ дахл доранд.

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсиониро муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳад, ки дар ҳолати мавҷудияти доғи судӣ ҳамчун оқибати маҳкумнамоии ҳуқуқии ҷиноятӣ ба миён меоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** меъёрҳои муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ, меъёрҳои дигар соҳаҳои қонунгузории мамлакат ташкил медиҳанд, ки оқибатҳои доғи судиро пешбинӣ менамоянд; ҳамчунин мавзуи таҳқиқотиро ҳуқуқи ҷиноятии замони шӯравӣ, таҷрибаи судӣ ва корҳои илмие, ки ба институти доғи судӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо мақсади низомнок, пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани институти доғи судӣ ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии он диққати ҷиддӣ дода шуда, танзими ҳуқуқии ҷиноятии он аз замони

истиқлолият то инҷонибро дар бар мегирад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогирандаи солҳои 2021-2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** манбаъҳои илмии дохилӣ ва хориҷӣ вобаста ба институти доғи судӣ, инчунин маводи таҳлилӣ дар самти ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ, ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Дар доираи мавзуи мавриди омӯзиш инчунин захираҳои иттилоотии глобалии шабакаи Интернет истифода гардидаанд.

Ҳангоми баррасии масъалаҳои тадқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, маҷмӯаҳои маводҳои конфронсҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ омӯхта ва таҳлилу натиҷагирӣ карда шуданд.

Муаллиф ҳангоми таҳияи таҳқиқоти мазкур ба асарҳои олимони ватанӣ, аз қабили А.А. Абдурашидзода, В.А. Абдуҳамитов, У.А. Азиззода, Н.Б. Азимзода, З.А. Камолов, Ҷ.З. Маҷидзода, С.З. Музаффаров, Б.С. Саидвализода, Ҳ.С. Салимов, К.Х. Солиев, Т.Ш. Шарипов ва олимони хориҷӣ, аз ҷумла А.А. Абдурахманова, И.А. Архенголтс, Г. Галбат, В.В. Голина, В.И. Горобтсов, М.В. Грамматчиков, С.И. Зелдов, Г.Ю. Зинин, Л.В. Иногамова-Хегай, Т.М. Кафаров, А.Ю. Маршенов, А.Ю. Соболев, А.В. Улянов, Г.Х. Шаутаева, А.М. Яковлев ва дигарон такя намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқот маҷмуи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии дарки зуҳуротҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад. Ба усулҳои умумиилмии истифодашуда дохил мешаванд: усули диалектикӣ, ки имкон дод институти доғи судӣ ҳамчун падидаи мураккаб ва дар ҳоли рушди динамикӣ қарордоштаи ҳуқуқӣ баррасӣ гардад, ки бо шароити таърихӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ вобастагӣ дорад; таҳлил ва синтез, ки ба ҷудо намудан ва омӯхтани унсурҳои алоҳидаи институти доғи судӣ ва сипас муттаҳид сохтани онҳо дар як низоми воҳид мусоидат намуданд; инчунин индуксия ва дедуксия, ки бо ёрии онҳо хулосаҳои умумӣ дар асоси таҳлили меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ва намунаҳои амалияи ҳуқуқӣ таҳия карда шуданд.

Илова бар ин, дар таҳқиқот усулҳои махсуси илмӣ, ки ба хусусиятҳои таҳқиқоти ҳуқуқи ҷиноятӣ мувофиқанд, истифода гардиданд:

Усули таърихӣ барои таҳқиқи пайдоиш ва ташаккули доғи судӣ дар раванди таърихӣ истифода шуд. Ин имконият дод, ки марҳилаҳои пайдоиш ва ташаккули доғи судӣ дар Тоҷикистон аз давраи шӯравӣ то замони муосир дақиқ муайян карда шавад.

Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар таҳқиқоти мазкур барои омӯзиши таҷрибаи танзими масъалаҳои доғи судӣ дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар кишварҳои хориҷи дур истифода шуд. Ин усул имкон дод, ки хусусиятҳо ва камбудиҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо меъёрҳои байналмилалӣ муайян карда шуда, роҳҳои такмил додани он пешниҳод карда шаванд. Усули догматикӣ (расмӣ-ҳуқуқӣ) дар рафти таҳқиқот бо мақсади муайян кардани мухтавои мафҳумҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки доғи судиро тавсиф менамоянд, инчунин барои мушаххас кардани қонуниятҳои амали ҳуқуқ тавассути қоидаҳои мантиқи ҳуқуқӣ истифода гардид. Ҳамзамон, бо истифода аз ин усул, шарҳи дақиқи меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба доғи судӣ дода шуда, таносуби онҳо муайян карда шуд.

Усули низомнокӣ барои омӯзиши доғи судӣ ҳамчун институти ягона ва мураккаби ҳуқуқӣ истифода гардид. Ба шарофати татбиқи ин усул робитаҳои дохилии меъёрҳои институти доғи судӣ байни ҳамдигар, инчунин робитаҳои берунии он бо дигар институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва меъёрҳои соҳаҳои дигари ҳуқуқ ошкор ва таҳлил карда шуданд.Усули оморӣ низ барои таҳлили маълумоти амалӣ ва таҷрибавии дар рафти тадқиқот бадастомада истифода гардид. Бо истифода аз усули мазкур зиёда аз 150 парвандаи ҷиноятӣ оид ба ретсидиви ҷиноят дар судҳои ш. Душанбе, инчунин маълумотҳои омории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти судӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтанд.

Ғайр аз ин, дар рафти тадқиқот, инчунин усулҳои антропологӣ ва генетикӣ истифода шуданд, ки онҳо имкон доданд, ки ба масъалаҳои рушди

шахсият ва таҳаввули оқибатҳои доғи судӣ дар давраи баъди иҷрои ҷазо диққати бештар дода шавад.

Истифодаи маҷмуии усулҳои зикршуда ба таъмини пуррагӣ, объективӣ ва низомнокии таҳқиқоти институти доғи судӣ мусоидат намуда, ҳамзамон имконият фароҳам овард, ки тавсияҳои мушаххаси илмӣ-асоснок таҳия карда шаванд, ки ба баланд бардоштани самаранокии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми танзими масъалаҳои доғи судӣ равона гардидаанд.

**Заминаи эмпирикии** диссертатсияро зиёда аз 150 парвандаҳои ҷиноятии нисбати ретсидивҳои ҷиноят дар ҳар чаҳор ноҳияи ш. Душанбе оғозгардида, ҳукму таъинотҳои судии судҳои юрисдиксияи умумӣ, омори Вазорати корҳои дохилии ҶТ, санадҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ва Вазорати адлияи ҶТ дар давраи солҳои 2018-2025 ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, маълумотҳое, ки дар воситаҳои ахбории омма ва сомонаҳои интернетӣ вобаста ба доғи судӣ нашр гардидаанд, ба даст оварда шуда, мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Нововарии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф андешаҳо ва тавсияҳои нави асоснокшударо вобаста ба такмили меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба институти доғи судӣ пешниҳод намудааст.

Ҷанбаи нави илмии натиҷаҳои бадастомада дар он ифода меёбад, ки рисолаи мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммал ва низомноки монографӣ дар илми ватанӣ оид ба масъалаҳои консептуалии доғи судӣ мебошад, ки бо назардошти принсипҳои пазируфташудаи таълимот дар бораи ҳуқуқҳои инсон анҷом дода шудааст.

Дар кори мазкур бори аввал як қатор хулосаҳо, қоидаҳои назариявӣ ва пешниҳодоте, ки дорои аломатҳои нововарии илмӣ мебошанд, баён гардида, далелнок ё иловатан асоснок шудаанд. Аз ҷумла:

– бори аввал консепсияи моҳияти ҳуқуқии доғи судӣ бо назардошти робитаҳои низомноки он бо категорияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ба монанди

«ҷиноят», «ҷавобгарии ҷиноятӣ» ва «ҷазо» таҳия ва аз лиҳози назариявӣ асоснок шудааст;

– бо назардошти муайян намудани мафҳуми «доғи судӣ» аломатҳо ва шартҳои равшантар ва муфассали мансуб донистани шаҳрвандон ба шахсони бе доғи судӣ таҳия гардида, инчунин аломатҳои шахсоне, ки мувофиқи ҳолатҳои пешбининамудаи қонуни ҷиноятӣ доғи судӣ доранд, муайян карда шудаанд, ки ин дар татбиқи моддаҳои 84 ва 94 КҶ аҳаммияти муҳимми ҳуқуқтатбиққунӣ дорад;

– бори аввал таснифи вазифаҳои доғи судӣ пешниҳод гардидааст, ки ба ду гурӯҳ ҷудо карда шудаанд: 1) вазифаҳо дар соҳаи танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ ва 2) вазифаҳо дар соҳаи танзими дигар соҳаҳои ҳуқуқ. Ҳамзамон асоснок гардидани тақсими вазифаҳои мазкур ба вазифаҳои асосӣ, ки мавҷудият ва фаъолияти муассири худи институти доғи судиро дар доираи расидан ба мақсадҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ таъмин менамоянд, ва вазифаҳои ёрирасон, ки барои амалисозӣ ва устувории дигар институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳамчунин институтҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ мусоидат мекунанд, пешниҳод шудааст;

– таҳлили нақши доғи судӣ дар низоми дигар институтҳои Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз ҷумла, институтҳои «такрори ҷиноятҳо», «ресидив», «озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ», «озод кардан аз ҷазо», «озод кардан аз адои ҷазо», «афв», «бахшиши ҷазо», «сафедкунӣ») гузаронида шуда, дар заминаи он аҳаммияти функсионалии доғи судӣ дар робитаи мутақобилаи он бо институтҳои ҳуқуқии номбаршуда муайян карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Муҳимтарин натиҷаҳое, ки навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсиониро собит менамоянд, аз хулосаҳо, қоидаҳо ва тавсияҳои зерин иборат мебошанд:

1. Дар асоси таҳлили санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва бо назардошти маънидоди мафҳуми доғи судӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, таърифи зерини доғи судӣ пешниҳод карда мешавад:

«Доғи судӣ – ин оқибати ҳуқуқии маҳкум шудани шахсе мебошад, ки ҷиноят содир намудааст, ки дар пайдо шудани мақоми махсуси ҳуқуқии шахси маҳкумшуда аз лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунандаи суд то лаҳзаи барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ ифода ёфта, боиси ба зиммаи ӯ гузоштани уҳдадориҳо ва маҳдуд кардани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ӯ мегардад».

Гуногун будани оқибатҳои доғи судӣ тақозо менамояд, ки онҳо ба гурӯҳҳо ҷудо карда шаванд. Асоси аз ҳама мувофиқ барои чунин тасниф мақсади татбиқи онҳо мебошад. Бо назардошти ҳамин мақсад, оқибатҳои доғи судиро метавон ба се гурӯҳи асосӣ тақсим кард:

– маҳдудиятҳо оид ба ишғоли мансабҳо дар мақомоти давлатӣ ва хизмати давлатӣ;

– маҳдудиятҳое, ки бо фаъолият дар соҳаи тартиботи ҷамъиятӣ, амният ва ҳифзи саломатии аҳолӣ алоқаманд мебошанд;

– маҳдудиятҳо дар иҷрои уҳдадориҳои алоҳида дар муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ.

2. Дар қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ имконияти бо санади афв ё бахшиши ҷазо бардоштани доғи судӣ пешбинӣ шудааст, аммо барои ин зарур аст, ки чунин имконият дар ин санадҳо бевосита зикр гардад. Дар амал бошад, мутаассифона, дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба афв чунин меъёрҳое, ки бардоштани доғи судиро пешбинӣ намоянд, вуҷуд надоранд. Аз ҷумла, дар ҳамаи чор қонуни афве, ки дар даҳ соли охир қабул шудаанд, ифодаи якхела зикр шудааст: «Татбиқи Қонуни мазкур доғи судии шахсро намебардорад».

Бинобар ин, бо назардошти муқаррароти бандҳои «а» ва «б» қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ ва таҷрибаи мамлакатҳое, ки қонунгузории ҷиноятиашон ба мо наздиканд, пешниҳод карда мешавад, ки дар қонунҳои минбаъдаи авф муқаррароти «Татбиқи Қонуни мазкур доғи судии шахсро намебардорад» бардошта шаваду, имконияти бекор шудани доғи судӣ нисбати категорияи

муайяни ашхос муқаррар гардад. Ин иқдом ҷиҳати амалӣ намудани принсипи инсондӯстӣ мусоидат хоҳад намуд.

3. Қисми 4 моддаи 78 КҶ ҶТ пас аз ҳаштсола шудани кӯдак ё дар ҳолати вафот кардани ӯ, эҳтимолияти аз тарафи суд озод кардани зани маҳкумшударо аз адои ҷазо ё онро бо ҷазои нисбатан сабуктар иваз намуданро пешбинӣ намояд ҳам, аммо дар он гуфта намешавад, ки суд доғи судиро мебардорад. Аз ин рӯ, чунин пешниҳод дорем, ки қисми 4 моддаи 78 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин қабул карда шавад: «4) Пас аз ҳаштсола шудани кӯдак ё дар ҳолати вафот кардани ӯ, суд вобаста ба рафтори зани маҳкумшуда метавонад ӯро аз адои ҷазо озод кунад ва доғи судиашро бардорад ё онро бо ҷазои нисбатан сабуктар иваз намояд ва ё зани маҳкумшударо барои адо намудани ҷазои бо ҳукм таъиншуда фиристад». Ин аз хислати инсондӯстона доштани қонуни ҷиноятӣ гувоҳӣ дода, зани кӯдаки хурдсол доштаро, ки дар таълиму тарбияи ӯ машғул хоҳад буд, аз маҳдудиятҳои ба доғи судӣ алоқаманд озод хоҳад намуд.

4. Мафҳумҳои «бардоштани доғи судӣ» ва «бекор кардани доғи судӣ»-ро таҳлил намуда, мушоҳида менамоем, ки дар матни тоҷикии қ. 6 моддаи 84 КҶ ҶТ ба чунин хатогӣ роҳ дода шудааст: дар он қайд мегардад, ки шахс пас аз адои ҷазо озодшуда агар рафтори бенуқсон нишон диҳад, баъди гузаштани нисфи муҳлати барҳамхурӣ ӯ метавонад доғи судиашро «бекор» кунад. Ин ҷо ба ҷойи истилоҳи «бекор кунад» бояд истилоҳи «бардорад» истифода шавад, зеро ки суд наметавонад доғи судиро бекор кунад, вай танҳо салоҳияти пеш аз муҳлат бардоштани доғи судиро дорад.

Ҳамин тариқ, пешниҳод менамоем, ки қисми 6-и моддаи 84-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири дуруст ва бо истифодаи истилоҳи «бардоштани доғи судӣ» баён карда шавад.

Ҳамзамон, бо мақсади муайян намудани масъалаи ҳисоби муҳлати барҳамхурии доғи судӣ ҳангоми иваз намудани ҷазои вазнин ба ҷазои сабук ва баръакс, пешниҳод дорем, ки ба моддаи 84 КҶ ҶТ банди мазкур илова карда шавад: «Дар ҳолати иваз намудани қисми адонакардаи ҷазо ба ҷазои

нисбатан сабуктар (вазнинтар) мӯҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ аз рӯйи намуди ҷазои дар аввал таъиншуда ҳисоб карда мешавад».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар рушди минбаъдаи консепсияи доғи судӣ ҳамчун зуҳуроти мураккаби ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Муқаррароти диссертатсия назарияи илмиро оид ба мафҳум, моҳият, мазмун ва таснифи доғи судӣ пурра гардонида, ғояҳои илмиро оид ба масоили сабабияти иҷтимоӣ, аҳаммияти ҳуқуқии ҷиноятӣ ва умумиҳуқуқии доғи судӣ ва тартиби беэътибор гардонидани оқибатҳои онро инкишоф медиҳад, ҳамчунин пешниҳодҳоро бахри мукаммал намудани қонуни ҷиноятӣ ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқии доғи судӣ асоснок намуда, самтҳои рушди минбаъдаи институти доғи судиро муайян мекунад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо, пешниҳодот ва тавсияҳои дар он мавҷудбуда метавонанд дар фаъолияти судӣ-тафтишотӣ ҳангоми ташкили чорабиниҳои пешгирӣ ва мубориза бо ҷиноятҳои ретсидивӣ ба таври васеъ ва самаранок истифода гарданд. Ин ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судяҳо имкон медиҳад, ки меъёрҳои қонунгузории ҷиноятиро, ки оқибатҳои доғи судӣ ва маҳдудиятҳои бо он вобастаро танзим менамоянд, ба таври объективӣ ва пайгирона татбиқ намоянд.

Ғайр аз ин, пешниҳодҳои дар кори мазкур пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ бо мақсади такмил додани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба доғи судӣ ва институтҳои ҳуқуқии ба он алоқаманд мавриди истифода қарор гиранд. Татбиқи чунин пешниҳодот имкон медиҳад, ки нуқсонҳо ва камбудиҳои ҳуқуқии мавҷуда бартараф гардида, самаранокии танзими ҳуқуқӣ беҳтар ва хусусияти инсондӯстонаи қонунгузории ҷиноятии кишвар таҳким дода шавад.

Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ ва методологӣ барои гузаронидани тадқиқотҳои минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология, бахшида ба масъалаҳои доғи судӣ,

оқибатҳои ҳуқуқии он ва азнавҷамъиятӣ шудани шахсони маҳкумшуда хизмат намоянд.

Ниҳоят, мавод ва хулосаҳои асосии диссертатсия метавонанд дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми тадриси фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ», «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо», «Криминология» ва дигар фанҳои алоқаманд васеъ истифода шаванд. Ин омил ба баланд гардидани сатҳи тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи ҳуқуқ ва беҳтар шудани сифати раванди таълим мусоидат менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо татбиқи муносибати маҷмуӣ ҳангоми омӯзиши мушкилоти мавриди баррасӣ, инчунин бо истифодаи усулҳои муосири таҳлили илмӣ, ки пурра ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ мебошанд, муайян карда мешавад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллиф бар омӯзиш ва ҷамъбасти қонунгузории амалкунанда, маводи амалияи судӣ ва маълумоти актуалии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ такя мекунанд.

Тасдиқи иловагии эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсионӣ мавҷудияти заминаи васеи эмпирикӣ мебошад, ки таҳлили амиқи шумораи зиёди парвандаҳои ҷиноятӣ, низомнокӣ ва ҷамъбасти амалияи судӣ-тафтишотиро дар бар мегирад. Объективӣ будан ва асоснокии хулосаҳо, инчунин бо татбиқи усулҳои муосири коркард ва таҳлили иттилоот таъмин карда мешаванд.

Илова бар ин, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо мутобиқати қатъии онҳо ба муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъмин мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқ муаллифи диссертатсия ба таври кофӣ санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ ва ҶТ оид ба институти доғи судиро таҳлил намудааст. Ҳамчунин, аз ҷониби диссертант коркарди амалӣ ва назариявии тавсияҳо баҳри такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба доғи судӣ пешниҳод гардидааст.

Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия бо мақола ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ дар соҳаи татбиқи меъёрҳои КҶ ҶТ оид ба инститyти доғи судӣ ироа гардиданд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** дар гузориши нуктаҳои асосии диссертатсия дар, конференсияҳо, маҷлисҳо, семинарҳо, ҳангоми хондани маърузаҳо дар муассисаҳои таълимӣ корбурд мегарданд. Диссертатсия дар кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омода ва мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст. Нуктаҳои асосии назариявии ба ҳимоя пешниҳодшуда ҳангоми таълими фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода мешаванд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ба тариқи маъруза аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳод гардидаанд:

**А) байналмилалӣ:**

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети

ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Оқибатҳои умуми ҳуқуқии доғи судӣ» (ш. Душанбе, соли 2019).

**Б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҲои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ» – маърӯза дар мавзуи «Масоили доғи судӣ» (ш. Душанбе, соли 2019).

Инчунин, ин натиҷаҳо дар ҷараёни таълим ва фаъолияти илмии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон васеъ истифода мешаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосии назариявии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 6 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонида шудаанд.

**Сохтор ва Ҳаҷми диссертатсия.** Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ буда, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 174 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ИНСТИТУТИ ДОҒИ СУДӢ МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Андешаҳои гуногун нисбати мафҳуми институти доғи судӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ

Новобаста аз аҳаммияти муҳим доштани институти доғи судӣ, мафҳуми он дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой надорад. Вай дар доктринаи ҳуқуқии ҷиноятӣ таҳия мегардад. Мафҳуми доғи судӣ сар карда аз нимаи дуюми асри XX бештар мавриди таҳқиқи муҳаққиқон қарор гирад ҳам, оид ба масъалаи мазкур байни олимон нуктаи назари ягона ҷой надорад. Дар ин ҳолат ақидаҳои олимони муосири тоҷику рус ва пасошӯравӣ оид ба мавзуи мазкур бештар мавриди ба ақидаи олимони шӯравӣ мувофиқанд, яъне ба корҳои муайяни аз тарафи олимони шӯравӣ анҷомдодашуда асос меёбанд. Ба монанди пештара дар замони ҳозира байни олимон оид ба мафҳум ва моҳияти доғи судӣ ақидаи ягона ҷой надорад. Дар назария мумкин аст якчанд муҳокимаронихоро оид ба ин масъала мушоҳида намоем. Алалхусус, А.В. Улянов чунин меҳисобад, ки доғи судӣ – ин «ҳолати ҳуқуқии шахс мебошад, ки бо ҳукми айбдоркунии суд ҳангоми таъини ҷазои воқеӣ ба миён омада, як қатор оқибатҳо ва маҳдудиятҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва баъзе оқибатҳо ва маҳдудиятҳои умумиҳуқуқиро пеш меорад ва онҳо дар давраи адои ҷазо ва пас аз озод шудан аз ҷазо қувваи қонунӣ доранд» [164, с. 9].

Нуктаи назари мушобеҳро М.В. Грамматчиков баён намудааст. Ба ақидаи ӯ доғи судӣ ҳамчун ҳолати ҳуқуқии махсуси шахс мебошад, ки бо факти маҳкум шудани ӯ барои содир намудани ҷиноят ба миён омада, бо оқибатҳои ҳуқуқии барои маҳкумшуда вобаста аст ва он чи ҳангоми адои ҷазои таъингардида бо ҳукми суд ва чи пас аз адои он то гузаштани муҳлати барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ амал мекунад [149, с. 7].

Ба ақидаи Д.А. Семёнов доғи судӣ «ҳолати ҳуқуқии махсуси шахс мебошад, ки ҳангоми таъини чораҳои эътиноии мушаххаси қонуни ҷиноятӣ

дар намуди ҷазо ба миён омада, ба як қатор маҳдудиятҳои манфии ҳуқуқӣ вобаста буда, хислати ҳуқуқии ҷиноятӣ ва ғайраро доро мебошад» [64, с. 161].

А.Ю. Соболев доғи судиро ҳамчун падидаи ҳуқуқие шарҳ медиҳад, ки мақоми ҳуқуқии шахсро пас аз маҳкумият тағйир медиҳад. Ба андешаи ӯ, доғи судӣ дар асоси ҳукми айбдоркунандаи суд, аз рӯзи ба қувваи қонунӣ даромадани он, ба вуҷуд омада, то анҷоми муҳлати муайяннамудаи қонун идома меёбад. Дар ин давра шахс вобаста ба талаботи қонун бо оқибатҳои муайяни ҳуқуқии ҷиноятӣ ва умумиҳуқуқӣ рӯ ба рӯ мегардад[161, с. 11].

Л.В. Лобанова ва Д.А. Терешин пешниҳод доранд, ки доғи судӣ ҳамчун ҳолати шахс баррасӣ гардад, ки барои содир намудани ҷиноят бо ҳукми айбдоркунии суд бо таъини ҷазо гунаҳкор эътироф гардида, аз рӯйи он ба ин шахс бояд ё ҷазои воқеӣ татбиқ гардад, ё нисбаташ санҷиш гузаронида шавад, ки дар вақти он таҳдиди бевоситаи татбиқи ҷазои таъингардида нигоҳ дошта мешавад, ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ҳолати содир намудани ҷинояти нав вазнин карда мешавад, чораҳои махсуси бехатарӣ дар намуди маҳдудиятҳои ҳуқуқи аз тарафи дигар соҳаҳои қонунгузорӣ пешбинигардида татбиқ мегарданд [124, с. 17].

Муҳаққиқи ватанӣ Салимов Ҳ.С. мафҳуми доѓи судиро чунин пешниҳод намудааст: «Доғи судӣ – Ҳолати Ҳуқуқии бадномкунандаи шахси мушаххас буда, дар оқибати эътибори қонунӣ пайдо кардани Ҳукми айбдоркунанда ба вуҷуд омада ва то гузаштани муҲлати дар қонун пешбинишуда ё то рӯзи бардоштани доѓи судӣ давом мекунад» [103, с. 274].

Равиши нисбатан паҳнгардида эътирофи доғи судӣ ҳамчун вазъи ҳуқуқии махсус мебошад. Масалан, К.Х. Солиев доғи судиро ҳамчун вазъи ҳуқуқии шахс баҳо медиҳад, ки дар натиҷаи аз тарафи суд таъин намудани ҷазо ва дар ҳолати пешбининамудаи қонун ба миён омада, метавонад оқибатҳои муайяни ҳуқуқии ҷиноятиро ба миён орад [86, с. 60]. Ин ҷо муаллиф дуруст қайд мекунад, ки чунин вазъи ҳуқуқӣ танҳо дар натиҷаи таъини ҷазо ба миён меояд. Аммо бо сабаби зерин мо ба он пурра розӣ шуда

наметавонем, ки доғи судӣ на танҳо оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, балки оқибатҳои умумиҳуқуқиро ба миён меорад.

З.А. Незнамова қайд мекунад, ки «доғи судӣ – ин вазъи ҳуқуқии махсуси шахс мебошад, ки бо факти маҳкум намудани ӯ бо чораи муайяни ҷазо барои содир намудани ҷиноят ба миён меояд» [95, с. 466].

Нуктаи назари ба ин наздикро А.В. Наумов дастгирӣ мекунад ва қайд мекунад, ки «доғи судӣ оқибати ҳуқуқии махсуси ҳукми суд бо татбиқи ҷазо мебошад, ки вазъи ҳуқуқии махсуси шахсро, ки барои содир намудани ҷиноят аз тарафи суд гунаҳкор эътироф гардидааст ва бо ҷазои ҷиноятӣ маҳкум шудааст, муайян мекунад» [78, с. 503].

Дар навбати худ С.В. Маликов доғи судиро вазъи махсуси ҳуқуқии шахс меҳисобад, ки бо факти маҳкум намудани ӯ бо чораҳои муайяни ҷазо барои содир намудани ҷиноят ба миён омада, дар имконияти фаро расидани оқибатҳои муайяни (ҳуқуқмаҳдудкунандаи) хислати умумиҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ зоҳир мегардад [93, с. 456].

А.М. Потапов пешниҳод дорад, ки доғи судӣ ҳамчун вазъи махсуси ҳуқуқии шахс муайян карда шавад, ки барои содир намудани ҷиноят маҳкум шуда, дар фаро расидани оқибати номусоид нисбат ӯ, ки дар қонун мустаҳкам гардида, мақсадаш пешгирии ҷинояти нав мебошад, зоҳир мегардад [53, с. 82].

Олими ватанӣ С.З. Музафаров низ доғи судиро ҳамчун вазъи махсуси шахс баҳо дода, чунин менависад: «Доғи судӣ ин вазъи махсус буда, ба таври қатъӣ хислати шахсӣ доштаи шахси дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор мебошад, ки аз лаҳзаи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми айбдоркунии суд ба миён омада, баҳри амалӣ гардидани мақсадҳои он бо роҳи таҳдиди дар оянда татбиқ намудани чораҳои нисбатан пурзӯри хислати ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ, ки давомияташро қонун муайян мекунад, равона мегардад» [158, с. 72].

Баъзе муаллифон доғи судиро ҳамчун оқибати муайян арзёбӣ мекунанд. Хусусан, Ю.М. Ткачёвский онро ҳамчун оқибати ҳуқуқии маҳкум

намудани шахс барои содир намудани ҷиноят муайян мекунад, ки ҳолати махсуси ҳуқуқиро ба миён меорад [94, с. 473].

Н.Г. Иванов доғи судиро ҳамчун паёмади иҷтимоӣ-ҳуқуқии маҳкумият маънидод менамояд, ки нисбат ба шахсе ба миён меояд, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор дониста шуда, бо ҳукми суд ба ҷазои муайян маҳкум гардидааст. Ба андешаи муаллиф, доғи судӣ на танҳо натиҷаи формалии татбиқи ҷазо мебошад, балки ҳамзамон ҳолати махсуси ҳуқуқии шахсро инъикос мекунад, ки дар худ маҷмӯи маҳдудиятҳо ва таъсирҳои иҷтимоиро дар бар мегирад. Чунин фаҳмиш доғи судиро ҳамчун падидае нишон медиҳад, ки ҳамзамон хусусияти ҳуқуқӣ дошта, ба мақоми иҷтимоии шахси маҳкумшуда низ таъсир мерасонад [59, с. 373].

Ба андешаи Е.В. Медведев, доғи судӣ ҳамчун оқибати ҳуқуқии татбиқи маҷмӯи чораҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ баромад мекунад. Муаллиф таъкид менамояд, ки доғи судӣ на танҳо бо таъини ҷазо, балки бо татбиқи тамоми низоми чораҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ иртибот дорад, ки нисбат ба шахси дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор эътирофшуда истифода мешаванд. Дар ин маъно, доғи судӣ натиҷаи ҷамъбастии таъсири ҳуқуқии маҳкумият буда, мақоми махсуси ҳуқуқии шахсро дар давраи пас аз татбиқи чораҳои ҷиноятӣ муайян менамояд.

Чунин равиш имкон медиҳад, ки доғи судӣ ҳамчун унсури мустақили механизми ҷавобгарии ҷиноятӣ баррасӣ гардида, на танҳо ба ҷазо, балки ба тамоми паёмадҳои ҳуқуқии маҳкумият пайваст карда шавад [128, с. 18-21].

Дар адабиёт дигар нуктаҳои назар оид ба мафҳум ва моҳияти доғи судӣ ҷой доранд. Ф.Р. Сундуров дар зери доғи судӣ малолҳои ҳуқуқии ҷиноятиро дар назар дорад, ки бо факти воқеан маҳкум намудани шахс бо ҷазои муайян ба миён омада, номгӯи пурраи оқибатҳои номусоиди байнисоҳавиро пешакӣ муқаррар мекунад [90, с. 510-511].

Тибқи мавқеи В.П. Малков, моҳияти ҳуқуқии доғи судӣ бо мафҳумҳои анъанавӣ, аз қабили далели маҳкумияти қаблӣ, ҳолати ҳуқуқии шахс ҳангоми маҳкумшавӣ ё шакли татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ маҳдуд намегардад.

Муаллиф доғи судиро ҳамчун чораи бехатарӣ мешуморад, ки вазифаи асосии он дар муқаррар ва татбиқи назорати иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ нисбат ба шахсе ифода меёбад, ки бо содир намудани ҷиноят хатарнокии рафтори худро барои ҷомеа дарк кардааст [74, с. 89-90].

Дар як қатор ҳолатҳо дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ доғи судӣ ҳамчун факти ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешавад. Хусусан, аз нуктаи назари Г.Х. Шаутаева доғи судӣ – ин факти ҳуқуқии хислати муҳлатнок дошта мебошад, ки ҳамчун оқибати содир намудани ҷиноят (дар ҳукми айбдоркунии суди ба қувваи қонунӣ даромада бо таъини ҷазо ифода меёбад) боиси ба миён омадани ҳуқуқмаҳрумкунӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва умумиҳуқуқӣ мегардад. Ба ақидаи муаллиф, табиати ҳуқуқии доғи судӣ дар хусусияти мураккаби он зоҳир мегардад, зеро ин падида ҳамзамон аз ду унсури ба ҳам вобаста иборат аст. Аз як тараф, он ба факти ҳуқуқии яккарата: эълон намудани ҳукми айбдоркунӣ аз ҷониби суд бо таъини ҷазо нисбат ба шахси ҷиноятсодиркарда такя мекунад. Аз тарафи дигар, дар асоси ин амал ҳолати мустақили ҳуқуқӣ, яъне мавҷудияти доғи судии шахс, ташаккул меёбад [139, с. 8].

Ба ақидаи А.И. Чучаев ва А.П. Фирсов доғи судӣ ин «чораи эътиноии ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ҳангоми содир намудани ҷиноят мебошад, ки ба ҷамъият хавфнокии он имкон медиҳад, то ҷазои мушаххас татбиқ карда шавад» [104, с. 39].

Дар баъзе ҳолатҳо доғи судиро дар қатори озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, авф, бахшиши ҷазо ва ғайра ҳамчун чораи дигари хислати ҳуқуқии ҷиноятӣ баррасӣ мекунанд [130, с. 266].

Муаллифони алоҳида доғи судиро ҳамчун аломати босифати ҷазо баҳогузорӣ мекунанд. Масалан, ба ақидаи В.И. Зубкова моҳияти доғи судӣ дар ҳуқуқмаҳдудкуниҳои муайян барои шахси маҳкумшуда, ки ҷазоро адо карда истодааст, ё адо кардааст, зоҳир мегардад. Азбаски доғи судӣ ба муҳлати иҷрои намудҳои ҷазо дохил шуда, хислати муваққатӣ дорад, вай дар ин ҳолат аломати ҷазо мебошад. Агар ҷазо дар баробари доғи судӣ адо гардад, дуюмин пас аз иҷрои ҷазо низ ҷой дорад [58, с. 51].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ нуктаи назаре мавҷуд аст, ки доғи судиро ҳамчун як шакли амалигардонии ҷавобгарии ҷиноятӣ эътироф мекунад. Масалан, С.Г. Келина ишора мекунад, ки доғи судӣ марҳилаи ниҳоии ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад, зеро мавҷудияти он бо як қатор маҳдудиятҳои ҳуқуқи шахси содирнамудаи ҷиноят вобаста аст [68, с. 700].

Чунин ақидаро Г.Х. Шаутаева низ дастгирӣ мекунад. Ба андешаи ӯ «доғи судӣ вазъи мухлатноки манфии шахс мебошад, ки боиси маҳрумият ё маҳдудиятҳои хислати ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва умумиҳуқуқӣ мегардад. Доғи судиро дар ин ҳолат набояд ҳамчун оқибати ҷавобгарии ҷиноятӣ баҳогузорӣ намуд, балки баръакс, доғи судӣ ҳамчун шакли мустақили амалигардонии ҷавобгарии ҷиноятӣ баромад мекунад» [139, с. 102].

А.А. Нечепуренко пешниҳод менамояд, то доғи судӣ ҳамчун чораи ҷавобгарии ҷиноятӣ баррасӣ гардида, дар маҷмуи маҳдудиятҳои ҳуқуқу озодиҳои дар ҳаҷми баробар ба ҳамаи маҳкумшудагон татбиқшаванда ифода ёбад [159, с. 12].

Ҳамин тариқ, дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои гуногун оид ба моҳияти доғи судӣ дарҷ ёфтаанд. Аммо бояд қайд намуд, ки новобаста аз асоснокиашон ҳеҷ кадоме аз равишҳои болозикр дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ идеалӣ набуда, мавриди танқид қарор гирифтаанд. Масалан, Т.Г. Понятовская нисбати он ки доғи судӣ ҳамчун чораи дигари хислати ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ мебошад, шубҳа дорад, зеро хусусияти ин чораҳо аз як тараф истифодаи маҷбурсозӣ бошад, аз тарафи дигар – малоли шахс бо ҳуқуқмаҳдудкуниҳои муайян аст. Доғи судӣ ҳамчун оқибати (вазъи) ҳуқуқии ҷиноятии маҳкум намудани шахс бо таъини ҷазо дар худ унсурҳои худии маҷбурсозиро надорад ва ҳуқуқмаҳдудкуниҳои худиро (мақомиро) пешбинӣ намекунад [99, с. 230].

Бо нуктаи назари В.Д. Малков, ки доғи судиро чораи бехатарӣ меҳисобад, Л.В. Лобанова ва Д.А. Терешин розӣ нашуда, қайд мекунанд, ки доғи судӣ ба ҳайси ин ё он чора, аз ҷумла чораи назорати давлатӣ ва иҷтимоӣ

баромад карда наметавонад. Чунин чора на худи доғи судӣ, балки оқибати ҳуқуқии он мебошад [124, с. 17].

А.Ф. Митскевич як қатор аломатҳои фарққунандаи доғи судӣ ва мазмуни ҷазои ҷиноятиро номбар мекунад: «1) хислат ва ҳаҷми ҳуқуқмаҳдудкунӣ дар ҳолати доғи судӣ аз ҷинояти содиршуда ва шахсияти ҷиноят кор вобаста намебошад; 2) ҳолати доғи судӣ ҳангоми шартан маҳкум намудан, пеш аз муҳлат адо намудани ҷазо ҷой дорад, ки табиати ҳуқуқии он бо ҷазои ҷиноятӣ яксон нест; муҳлати доғи судӣ дар ҳолатҳои алоҳида воқеан метавонад аз тарафи суд дароз карда шавад, ки нисбати ҷазои ҷиноятии аз тарафи суд таъингардида комилан имконнопазир аст; 4) доғи судӣ аз чаҳорчӯбаи муҳлати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ берун мебарояд, аммо дар ин ҳолат ҳаҷми маҳдудиятҳо, ки мазмуни доғи судиро ташкиш медиҳад, дар давраи иҷрои ҷазо ва пас аз адои он якхела аст» [77, с. 23-25].

Ҳамчун факти ҳуқуқӣ эътироф намудани доғи судӣ низ он қадар дуруст нест. Ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми айбдоркунии суд танҳо асоси пайдоиши доғи судӣ мебошад, ки фаро расидани он барои маҳкумшуда оқибатҳои манфӣ меорад. Аз тарафи Г.Х. Шаутаева ба ҳайси факти ҳуқуқии дуюм эътироф намудани ҳолат, ки доғи судиро ба миён меорад, аз рӯйи моҳият вазъи ҳуқуқии махсуси маҳкумшудаи дорои доғи судӣ буда мебошад.

Малолҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ низ моҳияти доғи судиро ташкил намекунанд. Ҳамчун маҳдудиятҳои муайяни ҳуқуқҳои маҳкумшуда вай ҳамчун оқибати доғи судӣ баромад мекунад.

Ошкор намудани норасоиҳои равишҳои пешниҳодгардидаро боз давом додан мумкин аст. Ин ҳолат то андозае имкон фароҳам меорад, ки яке аз ҳадафҳои асосии таҳқиқоти мазкур:  ташаккули равиши илмии қобили қабул нисбат ба мафҳуми доғи судӣ  амалӣ гардад. Бо вуҷуди ин, барои дарки амиқи моҳияти доғи судӣ зарур аст, ки пеш аз ҳама ба баъзе муқарраротиумумии фалсафӣ муроҷиат карда шавад. Аз нигоҳи фалсафа, моҳият чунин муносибат ё хусусияти низом ба ҳисоб меравад, ки дигар муносибатҳо ва хосиятҳо маҳз аз он сарчашма мегиранд ва вобастагии худро пайдо

мекунанд. Моҳият категорияи фалсафиест, ки ҳолати устувори предметро ифода намуда, дар ягонагии устувори ҳамаи шаклҳои гуногун ва мухолифи ҳастии он зоҳир мегардад.

Дар ҳамин замина, моҳияти доғи судӣ ҳамчун асоси муайянкунандаи тамоми аломатҳои минбаъдаи он баррасӣ мешавад. Мазмуни аслии ин моҳият дар он ифода меёбад, ки доғи судӣ оқибати маҳкумияти ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ буда, дорои хусусияти манфӣ мебошад. Ин сифат имкон медиҳад, ки доғи судӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқии мустақил шинохта шуда, дигар хусусиятҳои он, аз ҷумла шакл ва мазмун, муайян карда шаванд. Дар фалсафа мафҳуми мазмун тамоми маҷмӯи унсурҳои дохилии низомро дар бар мегирад, ки ба онҳо на танҳо ҷузъҳои алоҳида, балки муносибатҳо, робитаҳо, равандҳо, самтҳои рушд ва сохтори умумии низом дохил мешаванд. Шакл бошад, тарзи зуҳури зоҳирии ҳамин мазмун ба ҳисоб меравад [46, с. 471-472].

Шакл ва мазмун ягонагии ба ҳам вобастаро ташкил медиҳанд, ки ҷудо намудани онҳо ғайриимкон аст. Дар ин иртибот мазмун нақши асосӣ дошта, шаклро муайян менамояд ва тағйирёбии мазмун боиси тағйири шакл мегардад. Бо вуҷуди ин, шакл низ ба мазмун таъсири баргаштӣ мерасонад, зеро метавонад ё рушди онро таъмин созад ё онро маҳдуд намояд [106, с. 275].

Аз таҳлили муқарраароти фалсафӣ бармеояд, ки мазмуни доғи судӣ дар маҳдудиятҳои муайяни ҳуқуқӣ ифода меёбад, ки нисбат ба шахси маҳкумшуда муқаррар гардидаанд. Ин маҳдудиятҳо вазъи махсуси ҳуқуқии шахсро ташкил намуда, шакли зуҳури доғи судӣ ба ҳисоб меравaнд. Муайян намудани моҳият, шакл ва мазмун заминаи назариявиро барои ташаккули мафҳуми доғи судӣ фароҳам меорад.

Яке аз аломатҳои асосии он дар он ифода меёбад, ки доғи судӣ танҳо пас аз баровардани ҳукми айбдоркунандаи суд ва ба қонуният даромадани он ба вуҷуд меояд (қисми 1 моддаи 84 КҶ ҶТ). Ҳарчанд ҷазо ва доғи судӣ аксаран ба ҳамдигар вобастаанд, дар амал мумкин аст, ки суд ба ҷои ҷазо

дигар чораҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқиро татбиқ намояд ва дар чунин ҳолат низ доғи судӣ ба миён ояд.

Истилоҳи «чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ» дар як қатор моддаҳои КҶ ҶТ истифода мегардад (қ.2 м. 2, м.6, м.8, қ.2 м.9), аммо таърифи он дода нашудааст. Категорияи мазкур солҳои охир дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ фаъолона мавриди коркард қарор дода шудааст, дар як маврид нуктаи назари ягона оид ба мафҳум ва намудҳои он ҷой надорад ва оид ба ин масъала нуктаҳои назари гуногун мавҷуданд, ки бештари ҷанбаҳои онҳо барои мубоҳиса кушода аст.

Ба ҳар ҳол, ҳатто дар ҳолати мавҷуд будани равишҳои гуногуни баррасии масъалаи мазкур зери «чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ» бояд дилхоҳ шаклҳои эътиноии пешбининамудаи қонуни ҷиноятӣ ба ҷиноят, ба истисноии ҷазо фаҳмида шавад. Дар ин ҳолат ба шумораи инҳо категорияи «ин ё он намудҳои озод намудан аз ҷазо»-ро дохил намудан мувофиқи мақсад аст.

Мавриди зикр аст, ки доғи судӣ инчунин ҳангоми озод намудани шахс аз ҷазо ҷой дорад, агар онро ба сифати яке аз чораҳои хислати ҳуқуқии ҷиноятӣ баррасӣ кунем. Аммо тааҷҷубовар он аст, ки дар фарқият аз КҶ ҶТ (моддаи 84, ки «Доғи судӣ» ном дорад) дар қисми 2 моддаи 86 КҶ ФР муқаррар шудааст, ки шахси аз ҷазо озодшуда доғи судӣ надошта ба ҳисоб меравад. Аммо ба ақидаи розӣ Г.Ю. Зинин шудан мумкин аст, ки чунин менависад: «Дар ҳақиқат меъёри мазкур ба таври маҳдуд маънидод карда мешавад. Ба ин он вақт муътақид шудан мумкин аст, ки агар ба матни қ. 4 м. 86 КҶ ФР таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Дар он шарти ҳисоб кардани муҳлати доғи судӣ ҳангоми пеш аз муҳлат озод намудан аз ҷазо ё иваз намудани он ба ҷазои сабуктар оварда шудааст» [151, с. 45].

КҶ ҶТ ду намуди озод намудан аз ҷазоро пешбинӣ мекунад. Пеш аз ҳама ин озод намудан аз ҷазо, вақте ки доғи судӣ ба миён намеояд. Қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ чунин ҳолатҳои доғи судӣ нагирифтани шахсро ҳангоми озод гардидан аз ҷазо пешбинӣ менамояд: озод намудани ноболиғ аз ҷазо бо

татбиқи чораҳои маҷбурсозии дорои хислати тарбиявӣ дошта (дар асоси қ.1 м.90) ва вобаста ба ҷойгир намудани ӯ дар муассисаҳои махсуси тарбиявӣ ё табобатӣ-тарбиявӣ (дар асоси қ.2 м. 90), инчунин мутобиқи қ.2 м.84 КҶ ҶТ «дар сурати қабули санадҳои авф ё бахшиши ҷазо, агар дар ин санадҳо бардоштани доғи судӣ пешбинӣ шуда бошад - аз рӯзи эътибори қонуни пайдо кардани чунин санадҳо; дар сурати қабули санади авф ба шарте, ки он барои кирдори содиркардашуда татбиқ намудани ҷазоро бекор кунад ва ин ҳолат дар рафти мурофиаи судӣ ошкор шавад - аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунӣ; дар сурати қабул намудани қонуни нави ҷиноятӣ, ки ҷиноят будани кирдорро бартараф мекунад - аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани чунин қонун; дар сурати иҷро накардани ҳукми айбдоркунӣ - аз рӯзи гузаштани муҳлатҳои иҷрои ҳукми айбдоркунӣ» [3]. Дар ин ҳолатҳо маҳкумшуда пурра аз ҷазо озод гардида, ба адои он шуруъ намекунад.

Аммо вақте шахс воқеан ҷазоро адо намекунаду, аммо аз ҷазо озод намегардад, доғи судии ӯ ҷой дорад. Ин дахл дорад нисбати озод кардан аз ҷазо дар ҳолати мавқуф гузоштани адои ҷазо нисбати занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони то синни ҳаштсола доранд (м. 78 КҶ ҶТ). Чӣ тавре аз мазмуни моддаи мазкур бармеояд, доғи судӣ дар ин ҳолат ҷой дорад.

Мутаассифона, қонуни ҷиноятии кишварамон дар асоси қ.4 моддаи 78 КҶ ҶТ пас аз ҳаштсола шудани кӯдак ё дар ҳолати вафот кардани ӯ, эҳтимолияти аз тарафи суд озод кардани зани маҳкумшударо аз адои ҷазо ё онро бо ҷазои нисбатан сабуктар иваз намуданро пешбинӣ намояд ҳам, аммо дар он гуфта намешавад, ки суд доғи судиро мебардорад. Аз ин рӯ, чунин пешниҳод дорем, ки қисми 4 моддаи 78 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин қабул карда шавад: «4) Пас аз ҳаштсола шудани кӯдак ё дар ҳолати вафот кардани ӯ, суд вобаста ба рафтори зани маҳкумшуда метавонад ӯро аз адои ҷазо озод кунад ва доғи судиашро бардорад ё онро бо ҷазои нисбатан сабуктар иваз намояд ва ё зани маҳкумшударо барои адо намудани ҷазои бо ҳукм таъиншуда фиристад» [3]. Ин аз хислати инсондӯстона доштани қонуни ҷиноятӣ гувоҳӣ дода, зани кӯдаки хурдсол доштаро, ки дар таълиму тарбияи

ӯ машғул хоҳад буд, аз маҳдудиятҳои ба доғи судӣ алоқаманд озод хоҳад намуд.

Тибқи қисми 3 моддаи 86 Кодекси ҷиноятии намунавӣ барои давлатҳои иштирокчии Иддиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 17 феврали соли 1996 «Шахсе, ки бо ҳукми суд маҳкумшуда, нисбаташ ҷазо татбиқ намегардад, ё бо ҳукми суд аз адои ҷазо озод мегардад ё барои кирдоре ҷазоро адо мекунад, ки сазовори ҷазо будани он бо қонун бартараф гардидааст, доғи судӣ надошта эъироф мегардад».

Дар натиҷаи таҳлили андешаҳои олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории хориҷӣ чунин мафҳуми доғи судиро пешниҳод менамоем: «Доғи судӣ-ин оқибати маҳкум шудани шахси содирнамудаи ҷиноят мебошад, ки дар мавҷудияти вазъи ҳуқуқии махсус аз лаҳзаи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми айбдоркунии суд то барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ ифода ёфта, боиси вогузоштани уҳдадориҳо ва маҳдудиятҳои ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ нисбати ин шахс мегардад» [158, с. 260].

Ҳамин тариқ, аз навиштани параграфи мазкур чунин хулоса баровардан мумкин аст:

1) Доғи судӣ яке аз институтҳои муҳимми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб равад ҳам, аммо таърифи он дар қонуни ҷиноятии кишварамон оварда нашудааст. Бо ин сабаб дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаҳои гуногун оид ба мафҳум ва моҳияти доғи судӣ баён гардидаанд;

2) Истилоҳи «чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ» дар як қатор моддаҳои КҶ ҶТ истифода гардад ҳам, аммо таърифи он дар қонуни ҷиноятӣ оварда нашудааст. Новобаста аз он ки солҳои охир категорияи мазкур дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, нуктаи назари ягона оид ба мафҳум ва намудҳои он ҷой надорад. Ба ҳар ҳол, зери «чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ» бояд дилхоҳ шаклҳои эътиноии пешбининамудаи қонуни ҷиноятӣ ба ҷиноят, ба истиснои ҷазо фаҳмида шавад. Дар ин ҳолат ба шумораи инҳо категорияи «ин ё он намудҳои озод намудан аз ҷазо»-ро дохил намудан мувофиқи мақсад аст;

3) Қисми 4 моддаи 78 КҶ ҶТ пас аз ҳаштсола шудани кӯдак ё дар ҳолати вафот кардани ӯ, эҳтимолияти аз тарафи суд озод кардани зани маҳкумшударо аз адои ҷазо ё онро бо ҷазои нисбатан сабуктар иваз намуданро пешбинӣ намояд ҳам, аммо бораи бардошта шудани доғи судиаш чизе намегӯяд. Аз ин рӯ, чунин пешниҳод дорем, ки меъёри мазкур дар таҳрири зерин қабул карда шавад: «4) Пас аз ҳаштсола шудани кӯдак ё дар ҳолати вафот кардани ӯ, суд вобаста ба рафтори зани маҳкумшуда метавонад ӯро аз адои ҷазо озод кунад ва доғи судиашро бардорад ё онро бо ҷазои нисбатан сабуктар иваз намояд ва ё зани маҳкумшударо барои адо намудани ҷазои бо ҳукм таъиншуда фиристад»;

4) Андешаҳои олимони гуногуни ватанию хориҷӣ ва қонунгузории мамлакатҳои аъзои ИДМ-ро оид ба мафҳуми доғи судӣ таҳлил намуда, чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки новобаста аз асоснокиашон ҳеҷ кадоме аз онҳо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ идеалӣ набуда, мавриди танқид қарор гирифтаанд. Вобаста ба ин мафҳуми зерини доғи судиро пешниҳод мекунем: «Доғи судӣ - ин оқибати маҳкум шудани шахси содирнамудаи ҷиноят мебошад, ки дар мавҷудияти вазъи ҳуқуқии махсус аз лаҳзаи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми айбдоркунии суд то барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ ифода ёфта, боиси вогузоштани уҳдадориҳо ва маҳдудиятҳои ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ нисбати ин шахс мегардад».

## 1.2. Ҷой ва нақши институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ

Баррасии доғи судӣ ҳамчун падидаи мураккаби ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки аз як қатор унсурҳои ба ҳам вобаста иборат мебошад, имконият медиҳад ҷойгоҳи онро дар низоми институтҳои ҳуқуқӣ муайян намуд. Доғи судӣ дорои хусусияти фарогир буда, унсурҳои таркибии он дар меъёрҳои соҳаҳои гуногуни қонунгузории миллӣ инъикос ёфтаанд.

Табиати ҳуқуқии институти доғи судӣ, пеш аз ҳама, бо ду ҷанба муайян карда мешавад: мансубияти соҳавии он ва муайян намудани моҳияти ҳуқуқии институт, аз ҷумла тавассути таҳлили зуҳуротҳои ҳуқуқии ҳамсон [160, с. 102]..

Бо ин вуҷуд, пеш аз ҳалли ин масъала зарур аст, ки муайян карда шавад, оё маҷмӯи меъёрҳои марбут ба доғи судӣ метавонад ҳамчун институти мустақили ҳуқуқӣ баррасӣ гардад. Ҳамзамон, масъалаи таалluқияти соҳаи ҳуқуқии он низ аҳаммияти муҳим дорад. Дар назария баҳс идома дорад, ки оё институти доғи судӣ танҳо аз меъёрҳои КҶ ҶТ иборат аст ё ҳамаи меъёрҳое, ки вазъи шахси дорои доғи судиро танзим менамоянд, ба он дохил мешаванд. Дар шароити муосир, набудани равиши ягона нисбат ба шомил намудани оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ ба мазмуни ин институт ва парокандагии меъёрҳои маҳдудиятҳои умумиҳуқуқӣ боиси гуногунандешӣ дар муайян намудани таалluқияти ҳуқуқии он гардидааст. Бо вуҷуди ин, агар доғи судӣ ҳамчун институти ҳуқуқӣ мавҷуд бошад, яке аз асосҳои он маҳз мансубияти соҳаи ҳуқуқии он ба шумор меравад.

Истифодаи мафҳуми «институти доғи судӣ» дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ васеъ аст, аммо баҳс дар бораи табиати назариявии он ва то кадом андоза ба нишонаҳои институти ҳуқуқӣ ҷавобгӯ будани доғи судӣ идома дорад. Ба андешаи В.В. Голина, доғи судӣ метавонад ҳамчун институти ҳуқуқӣ баррасӣ шавад [51, с. 41]. Баръакс, С.О. Зелдов онро феномени мураккаби ҳуқуқӣ меҳисобад, ки бештар ба «таркиби ҳуқуқӣ» наздик аст, зеро модели муташаккилеро ифода менамояд, ки унсурҳои аз ҷиҳати таркиб мураккаб ва назаррасро муттаҳид намуда, дар як замон ҳам зуҳурот ва ҳам ҳолати ягонаи ҳуқуқиро инъикос мекунад [56, с. 3].

И.А. Ребане низ доғи судиро «таркиб»-и дорои хусусияти робитадор ба адо ё кашидани ҷазои ҷиноятӣ арзёбӣ карда, онро нишонае ба шахсияти маҳкумшуда дониста, бо забони тасвирӣ «равшани ҷинояткор» меномад [132, с. 4].

Дар натиҷа, то ҳол муайян нест, ки доғи судӣ дар иерархияи сохторҳои назариявии ҳуқуқ кадом мақомро ишғол мекунад (институт, зеринститут ё ҷузъи соҳа). Ҳамзамон, ин самт бо вуҷуди мавҷудияти таҳқиқоти ҷиддӣ оид ба систематизатсияи ҳуқуқ, таваҷҷуҳи кофӣ дар сатҳи махсуси илмию назариявӣ пайдо накардааст.

Душвории шинохти ҳар гуна ташкилаи ҳуқуқии байнисоҳавӣ ҳамчун институти мустақили ҳуқуқӣ дар он ифода меёбад, ки истилоҳи мазкур то ҳол дорои дақиқияти кофии назариявӣ нест. Ин ҳолат боиси истифодаи аз ҳад васеи мафҳуми «институти ҳуқуқӣ» гардидааст, ки чунин раванд ҳанӯз дар нимаи дуюми асри XX мушоҳида мешуд. Масалан, Л.И. Дембо ҳанӯз соли 1956 қайд карда буд, ки истилоҳи институти ҳуқуқӣ дар адабиёти илмӣ бидуни мазмуни аниқ истифода шуда, қариб ба ҳама гуна зуҳуроти ҳуқуқӣ татбиқ мегардад [112, с. 93].

Аз дидгоҳи дигар, В.С. Якушев бар он таъкид менамояд, ки институти ҳуқуқӣ бояд ба маҷмӯи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ такя кунад, ки бо якнавохтии таркиби худ фарқ мекунанд [110, с. 344-345]. Ин муносибатҳо ҳангоми танзими ҳуқуқӣ хусусияти нав пайдо намуда, ба муносибатҳои ҳуқуқӣ табдил меёбанд.

Маҳз чунин муносибатҳои ҷамъиятӣ асоси институти доғи судиро ташкил медиҳанд. Онҳо ҳамчун нишонаи моддии институти ҳуқуқӣ баромад карда, таъиноти иҷтимоӣ ва ҳуқуқии онро муайян месозанд. Аз ин рӯ, тибқи андешаи Е.А. Киримова, таҳқиқи сохтори институти ҳуқуқӣ бидуни баҳисобгирии ҷанбаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, идеологӣ ва равонӣ ғайриимкон аст [62, с. 25].

Ба назари мо, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие, ки масъалаҳои вобаста ба доғи судиро ба танзим медароранд, дар маҷмӯъ дорои ҳамаи аломатҳои моддии институти мустақили ҳуқуқӣ мебошанд. Ин меъёрҳо на танҳо оқибатҳои ҳуқуқии маҳкумиятро муайян месозанд, балки тартиби ба вуҷуд омадан, давомнокӣ, тағйирёбӣ ва қатъ гардидани доғи судиро низ ба таври низомнок танзим менамоянд, ки ин ҳолат аз мавҷудияти сохтори мукаммали институтсионалӣ шаҳодат медиҳад.

Нақш ва аҳамияти иҷтимоии доғи судӣ ба дараҷае назаррас аст, ки таъсири он аз доираи маҳдуди ҳуқуқи ҷиноятӣ берун рафта, ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ густариш меёбад. Мавҷудияти доғи судӣ метавонад ба мақоми ҳуқуқии шахс, имкониятҳои меҳнатӣ, иштироки ӯ дар

муносибатҳои ҷамъиятӣ, инчунин ба баҳодиҳии иҷтимоии шахсият таъсир расонад. Дар натиҷа, худи падидаи доғи судӣ ва шаклҳои ҳаммонанди он пайваста дар низомҳои гуногуни танзими ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ зуҳур намуда, ҳамчун омили муҳимми таъсиррасон ба равандҳои иҷтимоӣ баромад мекунанд.

Ҳамин тариқ, доғи судӣ на танҳо як категорияи техникии ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки падидаи дорои аҳамияти васеи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки таҳлили он дар доираи назарияи институтҳои ҳуқуқӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Илова бар ин, институти ҳуқуқӣ на танҳо бо аломати моддӣ, балки бо як қатор нишонаҳои дигар низ тавсиф меёбад. Яке аз онҳо дар он ифода меёбад, ки институти ҳуқуқӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиест, ки муносибатҳои ҷамъиятии асоси онро ташкилкунандаро ба таври меъёрӣ мустаҳкам месозанд. Ин меъёрҳо метавонанд ҳам дар қонун ва ҳам дар санадҳои зерқонунӣ ҷой дошта бошанд.

Ба чунин маҷмӯи меъёрҳо хос аст, ки онҳо одатан дар шакли сохторҳои мустақили санадҳои меъёрӣ: бобҳо, фаслҳо ё моддаҳои алоҳида мураттаб мегарданд [47, с. 127]. Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои асосии вобаста ба доғи судӣ дар моддаи 84 КҶ ҶТ ҷамъбаст шудаанд, ки мавҷудияти маҳдудияти меъёриро дар доираи як модда нишон медиҳад. Бо вуҷуди ин, таҳлили қонунгузорӣ гувоҳӣ медиҳад, ки қисме аз меъёрҳои марбут ба доғи судӣ дар дигар моддаҳои қонуни ҷиноятӣ ва ҳатто дар қонунҳои дигар ҷойгир шудаанд.

Дар ҳамин замина, баъзе муаллифон, аз ҷумла В.И. Горобтсов, оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судиро аз доираи мазмуни он берун гузошта, онҳоро ҳамчун институти мустақили ҳуқуқӣ, ки ба таъмини фаъолияти бехатари давлат ва ҷомеа нигаронида шудааст, арзёбӣ мекунанд. Ӯ онҳоро ба чораҳои таъсири пас аз ҷазо дохил мекунад [52, с. 41]. Аммо оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судиро мувофиқи мақсад аст, ки ба институти доғи судӣ дохил кунем. Ин бо он асоснок мегардад, ки дараҷаҳои гуногуни умумият,

тамомияти низомноки институтҳо мавҷуданд, аз ин ҷо объектикунонии зоҳирии онҳо дар низоми ҳуқуқӣ ба миён меояд [61, с. 249]. Аз ин бармеояд, ки институти доғи судӣ ҳамчун маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ баррасӣ мегардад, ки дар сохтори он меъёри дорои хусусияти умумӣ ҷой дорад. Ин меъёр дар қисми 1 моддаи 84 КҶ ҶТ муқаррар гардида, барои мушаххас намудани дигар қоидаҳои марбут ба доғи судӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

Яке аз аломатҳои асосии институти ҳуқуқӣ мансубияти сирф соҳавии он мебошад. Ин аломат нишон медиҳад, ки меъёрҳои институт ба як соҳаи муайяни ҳуқуқ тааллуқ дошта, берун аз он маънои мустақил пайдо намекунанд. Барои муайян намудани чунин мансубият, таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқии институт зарур мебошад. Сарчашмаҳои ҳуқуқ шаклҳои расмии ифодаи меъёрҳои ҳуқуқ дар қонунгузорӣ буда, ҳастии воқеии ҳуқуқро таъмин менамоянд [85, с. 353].

Бо вуҷуди эътирофи доғи судӣ ҳамчун институти ҳуқуқи ҷиноятӣ, онро танҳо ба моддаи 84 КҶ ҶТ маҳдуд намудан нодуруст аст. Гарчанде моддаи мазкур муқаррароти асосӣ ва калидиро дар бар гирад ва заминаи меъёрии институтро ташкил диҳад, танзими муносибатҳои вобаста ба доғи судӣ танҳо бо он маҳдуд намешавад. Мавҷудияти моддаи алоҳида, ки ба доғи судӣ бахшида шудааст, аз мустақилияти зоҳирии ин институт дар сохтори қонуни ҷиноятӣ шаҳодат медиҳад, аммо барои фарогирии ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятии дахлдор кофӣ нест.

Институти ҳуқуқӣ, аз лиҳози мазмун ва вазифаи худ, бояд танзими ҳамаҷониба ва мукаммали муносибатҳои ҳуқуқӣ-ро таъмин намояд. Аз ин лиҳоз, аҳаммияти асосии м. 84 КҶ ҶТ, пеш аз ҳама, дар муайян намудани мӯҳлат ва шартҳои амали доғи судӣ, лаҳзаи ба вуҷуд омадан ва қатъ гардидани он ифода меёбад. Илова бар ин, меъёри мазкур нақши калидӣ дар муайян намудани аҳаммияти ҳуқуқии доғи судӣ ҳамчун оқибати махсуси маҳкумият бозида, доираи таъсири онро ба мақоми ҳуқуқии шахс, татбиқи меъёрҳои дигари ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазо равшан месозад.

Ҳамин тариқ, м. 84 КҶ ҶТ ҳамчун меъёри марказӣ дар доираи институти доғи судӣ баромад намуда, пайвастагии мантиқӣ ва ҳуқуқии байни ҳукми суд, иҷрои ҷазо ва паёмадҳои минбаъдаи ҳуқуқии маҳкумиятро таъмин менамояд.

Вазъи ҳуқуқии шахси дорои доғи судӣ бевосита ба муқаррароти моддаи 84 КҶ ҶТ асос ёфта, берун аз он амал карда наметавонад. Ин вазъ бо фаро расидани маҷмӯи оқибатҳои гуногун, аз ҷумла оқибатҳои ҷиноятӣ ва умумиҳуқуқӣ, тавсиф мегардад, ки дар маҷмӯъ вазъи ягонаи ҳуқуқии шахсро ташкил медиҳанд.

Бебаҳс гуфта метавонем, ки тибқи қисми 1 моддаи 1 КҶ ҶТ сарчашмаи ягонаи ҳуқуқи ҷиноятӣ КҶ ҶТ аз 21 майи соли 1998 мебошад, ки тибқи он қонуни ҷиноятӣ танҳо аз ҳамин кодекс иборат аст. Ҳамчунин тибқи қ. 1 м. 4 КҶ ҶТ: «ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ будани онро танҳо ҳамин Кодекс муайян менамояд» [3]. Муқаррароти мазкур дар Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия аз 13 июни соли 1996 [40] (қисми 1 моддаи 1, моддаи 3), Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 22 сентябри соли 1994 [31] (м. 3, м. 4), Кодекси ҷиноятии Туркманистон аз 12 июни соли 1997 [41] (қ. 1 м. 1, қ. 2 м. 3, м.4), Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон аз 2 феврали соли 2017 [37] (қ. 1 м. 1 ва м.2) ва баъзе дигар кодексҳои ҷинояти мамлакатҳои пасошӯравӣ мустаҳкам гардидааст. Шумораи муаллифоне, ки нуктаи назари мусбиро оид ба қонуни ҷиноятӣ ҳамчун сарчашмаи беҳамтои ҳуқуқи ҷиноятӣ баён мекунанд, зиёданд. Аммо чӣ тавре О.Н. Бибик менависад, «...мо наметавонем ки аввалан, бо мавҷудияти анъанаи ҷой доштани сарчашмаи ягонаи ҳуқуқи ҷиноятӣ розӣ шавем, дуюм, кӯшиши дар ҳаёт татбиқ намудани ин ғояро, ки таърихан ба дараҷаи нопурра ба талаботи танзими ҳуқуқии ҷиноятӣ мувофиқ аст, асоснок эътироф намоем. Принсипи қонуният ва ба қонунгузории ҷиноятӣ шомил намудани танҳо Кодекси ҷиноятӣ баҳри муайян намудани нақши Кодекси ҷиноятӣ ва амалӣ гаштани функсияҳои он равона гардидааст» [49, с. 39-40]. Ба ақидаи мазкур розӣ шудан мумкин аст, зеро дар меъёрҳои

мазкур ҷиноят будани кирдор ва сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ будани онро танҳо ҳамин Кодекс муайян менамояд, ки соҳаи амали санади баррасишавандаро муайян менамояд. Яъне «...қатъияти тасвияи ҳуқуқии ҷиноятии принсипи қонуният бештар хислати функсионалӣ дорад, на хислати мутлақ» [55, с. 43]. Дигар муаллифон баъзе истисноҳоро аз ин қоидаи қатъӣ раво мебинанд, масалан дар КҶ ФР муқаррароте ҷой дорад, ки тибқи он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ дар замони ҷанг ё дар ҳолати ҷангӣ содир шудааст, бо қонунгузории давраи ҷанги Федератсияи Русия муайян мегардад ва аз ин рӯ ҳалли масъала ба қонунгузории давраи ҷанг ҳавола карда мешавад [63, с. 3]. Аммо чунин муқаррарот дар КҶ ҶТ ҷой надорад, аз ин рӯ, тибқи қоидаҳои умумӣ дар Тоҷикистон чӣ дар давраи ҷанг ва чӣ дар замони осоишта КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ муқаррар мекунад.

Мо фикри он олимонеро дастгирӣ мекунем, ки сершумории сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятиро эътироф мекунанд.

Сершумории сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар сатҳи қонунгузории баъзе мамлакатҳои аъзои ИДМ эътироф гардидааст. Масалан, гарчанде дар қ. 1 моддаи 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон аз 3 июли соли 2014 [39] қайд гардад, ки қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон иборат аст, дар қисми 2 ҳамин модда қайд мегардад, ки қарори меъёрии Шӯрои конститутсионӣ ва Суди Олии Ҷумҳурии Қазоқистон қисми таркибии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистонро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, дар қисми 3 моддаи мазкур «бартарияти шартномаҳои байналмилалии аз тарафи Ҷумҳурии Қазоқистон батавсибрасида нисбати Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон зикр гардида, тартиб ва шарти амал намудани онҳо дар қаламрави мамлакат пешбинӣ гардидааст» [39].

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосии ҳуқуқӣ дар самти танзими институти доғи судӣ баромад мекунад, зеро маҳз дар доираи ҳамин санади меъёрӣ асосҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ

муайян карда мешаванд. Қонунгузор дар КҶ ҶТ муқаррар менамояд, ки «кадом кирдор дорои хусусияти ҷиноятӣ мебошад ва барои содир намудани он кадом навъ ва андозаи ҷазо татбиқ мегардад» [3]. Аз ин рӯ, маҳз меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ на танҳо асоси таъини ҷазо, балки ҳамчунин заминаи ҳуқуқии ба вуҷуд омадан, амал кардан ва қатъ гардидани доғи судиро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, доғи судӣ ҳамчун оқибати мустақими маҳкумият бевосита аз муқаррароти Кодекси ҷиноятӣ бармеояд ва берун аз доираи он наметавонад вуҷуд дошта бошад, ки ин нақши калидии КҶ ҶТ-ро дар танзими ҳамаҷонибаи институти мазкур таъкид менамояд.

Дар айни замон, наметавон гуфт, ки тамоми моддаҳои КҶ сарчашмаи танзими доғи судӣ мебошанд, зеро як қисми меъёрҳои он ба доғи судӣ иртибот надоранд. Ба ғайр аз м. 84, баъзе моддаҳои дигари Қисми умумӣ ва инчунин муқаррароти алоҳидаи Қисми махсус, ки таркиби бандубастшавандаи ҷиноятро дар ҳолати содир намудани он аз тарафи шахси қаблан доғи судӣ дошта барои ҷиноятҳои ҳамшабеҳ ташкил медиҳад низ сарчашмаи ҳуқуқии танзимкунандаи институти доғи судӣ маҳсуб меёбанд.

Ба институти доғи судӣ б. «п», қ. 2 м. 104, б. «б», қ. 3 м. 110, б. «г», м. 130, б. «в», қ. 3 м. 130 (1), б. «б», қ. 3 м. 138, б. «в», қ. 3 м. 167, б. «е», қ. 2 ва б. «в», қ. 3 м. 179 ва даҳҳо моддаи дигари қисми махсуси КҶ ҶТ дохил мешаванд, ки доғи судӣ доштани шахси содирнамудаи ҷиноятро нишон медиҳад.

Ҳамаи ин меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ба андешаи мо дар институти доғи судӣ муттаҳид шудаанд.

Ба сарчашмаи институти доғи судӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21 майи соли 1998, №574 [22] низ дохил мешавад. зеро вай қонунҳои ҷиноятии даврони шӯравӣ (Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз 17 августи соли 1961) ва муосирро (Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998) ба ҳам мепайвандад. Масъалаи доғи судии шахсоне, ки дар давраи амали Кодекси ҷиноятии ҶШС

Тоҷикистон аз соли 1961 маҳкум шуда буданд, бо татбиқи қисми 1 моддаи 12 КҶ ҶТ (амали қонуни ҷиноятӣ дар замон) ҳал мегардад. Бе шомил намудани қонуни мазкур ба сарчашмаи доғи судӣ мумкин буд, ки як қатор муносибатҳои ҳуқуқии ба доғи судӣ алоқаманд ва ба қонуни ҷиноятии пештара вобаста аз соҳаи амали институти мазкур берун монад.

Санади авф ва бахшиши ҷазо ба андешаи В.П. Коняхин аз рӯйи мавзуи танзимашон ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравand [67, с. 118]. Ин фикрро И.А. Архенголтс низ ҷонибдорӣ намуда, таъкид мекунад, ки чунин санадҳо асос барои аз байн бурдани доғи судӣ нисбат ба гурӯҳҳои муайяни шахсон мебошанд [147, с. 53]. Худи КҶ ҶТ дар қисми 2 моддаи 84 имконияти бо қонун дар бораи авф ё санади бахшиши ҷазо бекор шудани доғи судиро пешбинӣ намуда бошад ҳам, аммо шарт гузоштааст, ки агар дар ин санадҳо чунин ҳолат пешбинӣ шуда бошад. Аммо дар таҷрибаи кишварамон дар қонунҳои авф, мутаассифона, муқаррарот оид ба бардошта шудани доғи судӣ ҷой надорад. Аниқтараш, қисми 2 м. 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи авф» аз 20 августи соли 2011 [21], ки ба муносибати 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, қисми 2 моддаи 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи авф» аз 29 октябри соли 2014 [21], қисми 2 моддаи 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи авф» аз 24 августи соли 2016 [21], ки бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, қисми 2 моддаи 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи авф» аз 25 октябри соли 2019 [21], ки бахшида ба 25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, пешбинӣ мекунанд, ки «Татбиқи Қонуни мазкур доғи судии шахсро намебардорад».

Дар таҷрибаи давлатҳои пасошӯравӣ имконияти бардошта шудани доғи судӣ аз категорияи муайяни шаҳрвандон пешбинӣ шудааст. Масалан, тибқи банди 12 Қарори Думаи Давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Русия аз 24 апрели соли 2015 №6576-6 ГД «Оид ба эълони авф бахшида ба 70-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ» доғи судӣ аз гуруҳи муайяни шахсон бардошта шуда буд [169].

Аз ин рӯ, бо назардошти муқаррароти бандҳои «а» ва «б» қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ ва таҷрибаи мамлакатҳое, ки қонунгузории ҷиноятиашон ба мо наздиканд, пешниҳод дорем, ки дар қонунҳои минбаъдаи авф муқарраароти «Татбиқи Қонуни мазкур доғи судии шахсро намебардорад» бардошта шаваду, имконияти бекор шудани доғи судӣ нисбати категорияи муайяни ашхос муқаррар гардад. Ин иқдом ҷиҳати амалӣ намудани принсипи инсондӯстӣ мусоидат хоҳад намуд.

Санадҳои дар боло баррасишуда сарчашмаҳои ҳуқуқии ҷиноятии институти доғи судӣ мебошанд. Дар баробари ин, пайомадҳои ҳуқуқие, ки бо доштани доғи судӣ алоқаманданд ва вазъи ҳуқуқии чунин шахсонро муайян менамоянд, дар санадҳои меъёрии дигар соҳаҳои ҳуқуқ низ дарҷ ёфтаанд. Мансубияти соҳавии чунин меъёрҳо то ҳол мавриди баҳс мебошад. А.А. Ашина ва Е.В. Лошенкова бар ин ақидаанд, ки маҳдудиятҳои умумии ҳуқуқии вобаста ба доғи судӣ аз ҷониби санадҳои меъёрии соҳаҳои дигари ҳуқуқ пешбинӣ шудаанд ва ба сохтори институти ҳуқуқи ҷиноятӣ дохил намешаванд [48, с. 88]. Дар маҷмуъ, санадҳои ҳуқуқие, ки аз ҷониби муаллифон мавриди истинод қарор гирифтаанд, ба гурӯҳи сарчашмаҳои моддии ҳуқуқ мансуб мебошанд [49, с. 187].

Ба ҳақиқат бештар мувофиқ он мавқеъ ба назар мерасад, ки тибқи он мазмуни диспозитсияҳои бланкетии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муроҷиат ба меъёрҳои соҳаҳои дигари ҳуқуқ мушаххас мегардад. Дар чунин ҳолат меъёри ҷиноятӣ худи рафтори манъшударо пурра тавсиф накарда, барои муайян намудани унсурҳои таркиби ҷиноят ба қоидаҳо ва талаботи ҳуқуқии соҳаҳои дигар истинод менамояд.

Ҷонибдорони ин равиш бар он ақидаанд, ки санадҳои меъёрие, ки диспозитсияҳои бланкетии меъёрҳои ҷиноятӣ ба онҳо такя мекунанд, набояд танҳо ҳамчун манбаи ёрирасон баррасӣ шаванд. Ба андешаи онҳо, чунин санадҳо, бо назардошти нақши мустақимашон дар муайян намудани мазмун ва ҳудуди ҷавобгарии ҷиноятӣ, бояд ҳамчун сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ эътироф гарданд [131, с. 38].. Ин мавқеъ аз он бармеояд, ки бидуни муроҷиат

ба чунин санадҳо татбиқи дурусти меъёрҳои бланкетии қонунгузории ҷиноятӣ ғайриимкон мегардад.

Ҳамин тариқ, диспозитсияҳои бланкетӣ робитаи зичи ҳуқуқи ҷиноятиро бо дигар соҳаҳои ҳуқуқ инъикос намуда, масъалаи доираи сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятиро дар сатҳи назариявӣ боз ҳам мубрам мегардонанд.

Ҳамзамон, вақте ки сухан дар бораи диспозитсияҳои бланкетӣ меравад, бояд қайд намуд, ки чунин диспозитсияҳо таркиби ҷиноятро тавассути истинод ба меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ ифода мекунанд. Дар ин маврид маҳдуд кардани доираи сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ комилан мантиқӣ мебошад. Дар акси ҳол, мебоист тамоми санадҳои қонунгузории дигар соҳаҳо низ ба сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дохил карда мешуданд, зеро ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳз меъёрҳои онҳоро таҳти ҳимоя қарор медиҳад.

Бо вуҷуди ин, дар мавриди институти доғи судӣ хусусиятҳои махсусе ҷой доранд, ки бояд пеш аз рад кардани аҳаммияти санадҳои меъёрии дигар соҳаҳо ба назар гирифта шаванд. Аввалан, м. 84 КҶ ҶТ таркиби ҷиноятро тавсиф намекунад ва барои содир намудани кирдори муайян ҷавобгарӣ пешбинӣ намекунад. Ҳамчунин, худи доғи судӣ ба криминализатсияи ягон кирдор алоқаманд нест. Аз ин рӯ, андешаи дар бар гирифтани дигар санадҳои қонунгузорӣ ба ҳайси сарчашмаҳои институти доғи судӣ бо талаботи м. 4 КҶ ҶТ мухолифат намекунад.

Дуюм, далеле, ки меъёрҳои соҳаҳои дигари ҳуқуқ гӯё танҳо ҳамчун унсури техникӣ ба таркиби қонуни ҷиноятӣ ворид мешаванд, дар мавриди доғи судӣ дурустии худро тасдиқ намекунад [72, с. 256].

Меъёрҳое, ки дар м. 84 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, якҷо бо дигар қоидаҳои қисмҳои умумӣ ва махсуси ҳамин кодекс, инчунин бо муқаррароти дигари ҳуқуқие, ки маҳдудиятҳоро барои шахсони дорои доғи судӣ муайян мекунанд, якҷоя институти доғи судиро ба вуҷуд меоранд. Ин институт дорои хусусияти соф соҳавӣ нест, зеро сарчашмаҳои он ҳамчунин аз санадҳои ҳуқуқии дигар соҳаҳо иборат мебошанд. Аммо чунин ҳолат набояд

боиси он шавад, ки мо доғи судиро институти мустақили ҳуқуқӣ ҳисоб накунем.

Хусусияти дигари муҳимми институти доғи судӣ мавқеи он дар байни дигар институтҳои ҳуқуқӣ мебошад. Ҳар як институти ҳуқуқӣ ҳамчун унсури мустақил дар алоҳидагӣ вуҷуд дошта наметавонад, балки дар робитаи наздик бо дигар унсурҳои ҳуқуқӣ ҷойгир аст ва як қисми ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқ ба шумор меравад.

Қисми умумии қонуни ҷиноятӣ масъалаҳои муҳимро танзим мекунад, ки барои тамоми низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва институтҳои он аҳаммияти умумӣ доранд. Сохтор ва таркиби қисмати умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар як қатор таҳқиқоти илмӣ ба таври кофӣ омӯхта шудааст. Дар ин таҳқиқотҳо, асосан, қонуният ва принсипҳои сохтори қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ мегарданд.

Ҷой ва алоқамандии институтҳои алоҳидаи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар корҳои Е.А. Каданева [154, с. 25], О.И. Лепешкина [156, с. 18], В.Д. Толков [162, с. 14], Д.А. Илло [152, с. 17] ва дигарон мустақилона баррасӣ гардидаанд. Бо вуҷуди ин, гуфтан мушкил аст, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаи ягонае дар бораи шумора ва робитаи байни институтҳои Қисми умумӣ вуҷуд дошта бошад. Дар таҳқиқоте, ки ба институтҳои алоҳидаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудаанд, мавзуи доғи судӣ аксаран ба таври кофӣ баррасӣ нашудааст.

Вақте ки дар сохтори ҳуқуқи ҷиноятӣ институтҳои калони баробарқимат ҷудо мешаванд, доғи судӣ ҳамчун институти нисбатан хурд бе таваҷҷуҳи зарурӣ мемонад ва одатан ба гурӯҳи «дигар институтҳо» ворид мегардад. Барои мисол, В.П. Малков дар байни институтҳои Қисми умумӣ институтҳои зеринро номбар мекунад: институтҳои ҷиноят ва ҷазо, ҳолатҳое, ки кирдорро аз ҷиноят будан берун мекунанд, ҷинояти нотамом, шартан татбиқ накардани ҷазо ва шартан пеш аз мӯҳлат озод намудан аз ҷазо ва ғайра [73, с. 10].

Ҳангоми таҳлили ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун низоми иерархӣ, ки аз институтҳо ва зеринститутҳо иборат аст, масъалаҳои сохторӣ равшантар мегарданд. Масалан, Э.С. Тенчов пешниҳод менамояд, ки дар доираи чунин низом институти вазифаҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва институтҳои умумии ҷиноят ва ҷазо ҷудо карда шаванд, ки онҳо дар навбати худ аз зеринститутҳое чун гунаҳкорӣ, субъекти ҷиноят, иштирок дар ҷиноят, мақсад ва навъҳои ҷазо, таъини ҷазо, шартан татбиқ накардани ҷазо, озодкунӣ аз ҷазо ва ғайра иборатанд [137, с. 61-63]. Дар навбати худ Ю.И. Ляпунов ва А.Ф. Истомин чаҳор институти асосии ҳуқуқи ҷиноятиро зикр мекунанд: 1) ҷиноят; 2) ҷазо; 3) ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун алоқаи байни ҷиноят ва ҷазо; 4) чораҳои дигари маҷбурсозии ҳуқуқи ҷиноятӣ. Ба ақидаи онҳо, институтҳои хурдтар, мисли шарикӣ дар ҷиноят, бояд ба яке аз ин чор институт дохил шуда, ҳамчун ҷузъи онҳо дида шаванд.

Барои муайян намудани ҷойгоҳи доғи судӣ дар сохтори Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ, пеш аз ҳама зарур аст робитаи он бо дигар институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва нақши функсионалии онро дар низоми танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ равшан намуд. Танҳо дар асоси таҳлили ҳамбастагии доғи судӣ бо институтҳое чун ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷазо, озодкунӣ аз ҷавобгарӣ ва ҷазо, ретсидиви ҷиноят, инчунин иҷрои ҷазо, имкон пайдо мешавад, ки моҳияти ҳуқуқии он дуруст муайян гардад.

Дар навбати аввал зарур аст, ки робитаи доғи судӣ бо институти ҷазо муайян карда шавад. Институти ҷазо яке аз институтҳои бузургу умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Он маҷмуи қоидаҳоеро дар бар мегирад, ки чораҳои татбиқшавандаро нисбат ба шахсони ҷиноятсодиркарда пешбинӣ мекунанд. Дар баробари ҷазо, ки оқибати асосии ҷиноят аст, тадриҷан дар қонунгузории ҷиноятӣ чораҳое пайдо шуданд, ки ба тартиби таъини ҷазо таъсир мерасонанд ва ҳатто метавонанд аз ҷазо даст кашанд. Баъзе муҳаққиқон қайд мекунанд, ки пас аз солҳои 1950-ум чунин чораҳо зиёд гаштанд ва қонунгузор онҳоро бо истилоҳи ягонаи «чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ» ифода намуд [58, с. 28].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба мақоми доғи судӣ ҳамчун чораи мустақили ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидаҳои мухталиф мавҷуданд. Масалан, С.Г. Келина доғи судиро ҳамчун яке аз чораҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ медонад [121, с. 286-287], аммо Т.Г. Понятовская бо ин ақида мувофиқ нест. Ба назари ӯ, доғи судӣ танҳо оқибати татбиқи ҷазо буда, хислати маҷбурӣ ё ҳуқуқмаҳдудкуниро надорад [98, с. 230]. Ф.Б. Гребенкин низ доғи судиро ҳамчун чораи ҳуқуқи ҷиноятӣ эътироф намекунад, зеро ӯ онро танҳо ҳолати вазнинкунандаи ҷазо ва барои муайян кардани ретсидив зарур медонад [111, с. 127-128]. Дар муқобили ин андешаҳо, А.Л. Иванов қайд мекунад, ки байни маҳкум намудани шахс ва пайдо шудани доғи судӣ на танҳо фарқи вақтӣ, балки фарқи мазмунӣ низ вуҷуд дорад [58, с. 60]. Илова бар ин, мавҷудияти доғи судӣ ҳангоми муайян кардани ҳолати аввалин ҷиноятро содир кардани шахс аҳаммияти муҳим дорад [147, с. 62]. Доғи судӣ инчунин яке аз шартҳои муқаррар намудани назорати маъмурӣ мебошад.

Доғи судӣ дорои ҳамаи аломатҳои зарурии чораҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ аст: танҳо бо қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ мешавад, аксуламали давлатӣ ба ҷинояти содиршуда аст, хусусияти маҷбурсозии давлатӣ дорад, танҳо нисбати шахсони воқеӣ татбиқ мешавад ва хислати инфиродӣ дорад, бо маҳдуд ё маҳрум кардани ҳуқуқҳои шахс алоқаманд буда, боиси зарари ҷисмонӣ ва паст шудани обрӯйи шахс намегардад. Мақсади он пеш аз ҳама дар таъсири инфиродӣ ба шахси маҳкумшуда ифода меёбад. Доғи судӣ аксаран ба таври мустақил пас аз таъини ҷазо пайдо мешавад, ба истисноии ҳолатҳои махсусе, ки дар қонун пешбинӣ шудааст.

Ҳамин тариқ, агар мо ҷазо ва чораҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятиро ҳамчун институтҳои бузурги ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ кунем, пас доғи судӣ низ ҷузъи ҳамин низом аст. Ин институт бо дигар институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ робитаи зич дорад. Дар баробари доғи судӣ, чораҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ низ вуҷуд доранд, ки ҳамаи онҳо бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Яке аз институтҳое, ки бо доғи судӣ робитаи наздик дорад, ин институти ҷазо мебошад, зеро мавҷудияти доғи судӣ боиси як қатор оқибатҳои ҳуқуқӣ

мегардад. Ин оқибатҳо дар се ҳолати асосӣ зоҳир мешаванд: 1) доғи судӣ ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷиноят эътироф мегардад (б. «а», қ. 1, м. 62 КҶ ҶТ); 2) мавҷудияти доғи судӣ ба таъини намуди муассисаи ислоҳӣ таъсир мерасонад (м.м. 58 ва 66 КҶ ҶТ); 3) доғи судӣ хусусиятҳои иҷрои ҷазоро дар ҳолати маҳрум сохтан аз озодӣ муайян мекунад (м. 71 КИҶҶ ҶТ).

Ҳамаи ин ҳолатҳо барои фардӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва расидан ба мақсадҳои ҷазо равона шудаанд. Доғи судӣ ҳамчунин шарти асосии муайян намудани ҳолати вазнинкунанда (ретсидив) мебошад, ба шарте ки ретсидив ҷузъи ҳатмии таркиби ҷиноят набошад.

Барои беҳтар кардани робитаи байни институтҳои доғи судӣ ва ҷазо, пеш аз ҳама, бояд ба масъалаи пешгирии ҷиноятҳои ретсидивӣ аҳаммияти махсус дода шавад. Дар ҳамин замина, масъалаи таҳкими робитаи институтии доғи судӣ бо ретсидив аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Яке аз роҳҳои амалии ҳаллу фасли он метавонад афзоиш додани нақши ҳуқуқии навъҳои гуногуни ретсидив бошад. Илова бар ин, пешниҳод мегардад, ки доғи судӣ ҳамчун ҳолати вазнинкунанда дар ҳолатҳое истифода шавад, ки ҳангоми муайян намудани ретсидив ба ҳисоб гирифта намешавад, аз ҷумла нисбат ба ҷиноятҳои қасдии дараҷаи пасти вазнинӣ ё нисбат ба шахсоне, ки дар синни ноболиғӣ маҳкум шудаанд.

Ҳамзамон, дар адабиёти илмӣ нуқтаи назаре вуҷуд дорад, ки мувофиқи он ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷиноят бояд ҳатто пас аз аз байн рафтани доғи судӣ низ таъсири ҳуқуқии худро нигоҳ доранд [119, с. 57]. Дар чунин мавридҳо барҳам додан ё бекор кардани доғи судӣ вазъи ҳуқуқии шахсро мустақиман бад намекунад, аммо ҳангоми баровардани ҳукм аз ҷониби суд ба назар гирифта мешавад.

Институти дигари ба доғи судӣ наздик – ин озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар асоси боби 11 КҶ ҶТ ва меъёрҳои Қисми махсуси қонуни ҷиноятӣ, ки озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳои алоҳида пешбинӣ мекунанд, сурат мегирад. Доғи судӣ имконияти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятиро бо

сабаби пушаймонӣ аз кирдор (м. 72 КҶ ҶТ), бо сабаби тағйир ёфтани вазъият (м. 74 КҶ ҶТ) истисно мекунад. Шарти муҳимми ин ду ҳолати озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бори аввал содир намудани ҷиноят мебошад ва доғи судӣ ба тарви ғайримустақим ба ин шарт таъсир мерасонад.

Институти доғи судӣ бо институти озод намудан аз ҷазо чунин робита дорад, ки доғи судӣ метавонад татбиқи ин институтро нисбат ба баъзе шахсон маҳдуд кунад. Шартан пеш аз мӯҳлат озод кардан аз адои ҷазо нисбат ба ҳама гуна шахс татбиқшаванда аст. Асоси татбиқи ин институт дар он аст, ки рафтори шахси маҳкумшуда аз тағйироти мусбат дарак диҳад ва ӯ ба роҳи ислоҳ қадам гузошта бошад. Дар ҳамин замина, ба охир расидани мӯҳлати доғи судӣ метавонад ҳамчун далели паст шудани хавфи иҷтимоии шахс арзёбӣ гардад.

Ҳангоми татбиқи институти озодкунӣ аз адои ҷазо қонунгузор мавҷудияти доғи судиро барои ҷиноятҳои қаблан содиршуда ҳамчун шарти ҳатмӣ пешбинӣ накардааст. Аз шарҳи моддаи 77 КҶ ҶТ бармеояд, ки иваз намудани қисми адонашудаи ҷазо бо ҷазои сабуктар танҳо ба воқеияти адо гардидани қисми муайяни ҷазои таъингардида вобаста мебошад. Бинобар ин, доғи судӣ худ ба худ барои татбиқи ин институт маҳдудият эҷод намекунад. Бо вуҷуди чунин равиши қонунгузор, дар баъзе манбаъҳои илмӣ пешниҳод мешавад, ки дар чунин ҳолатҳо доғи судӣ ба назар гирифта шавад [149, с. 160].

Меъёр оид ба мавқуф гузоштани адои ҷазо тибқи моддаи 78 КҶ ҶТ низ масъалаи таносуби он бо институти доғи судиро ба миён меорад. Мавҷуд будани доғи судии зани ҳомила ё кӯдаки то ҳаштсола дошта ҳамчун монеа барои мавқуф гузоштани адои ҷазо баромад мекунад, агар ҷинояти аз нав содирнамуда махсусан вазнин бошад. Дар дигар ҳолатҳо доғи судӣ ба моддаи 78 КҶ ҶТ таъсир намерасонад.

Аз ин мисолҳо маълум мегардад, ки иститути доғи судӣ амали институтҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, озод кардан аз ҷазо ва озод кардан аз адои ҷазоро саҳеҳ мекунад.

Институти доғи судӣ бо институти сершуморагии ҷиноят робитаи зич дорад. Тибқи моддаи 21 КҶ ҶТ «ретсидиви ҷиноят – ин содир намудани ҷинояти қасдона аз тарафи шахси қаблан барои содир кардани ҷинояти қасдона доғи судӣ дошта мебошад» [3]. Яъне робитаи байни ин институтҳо асос барои эътирофи мавҷудият ё ҷой надоштани ретсидив дар кирдори шахс мебошад. Қонунгузор кирдори ҷиноятии шахсро, ки пас аз хотима ёфтани муҳлати доғи судӣ содир шудааст, ба ҳайси ретсидив ба инобат намегирад. Институти доғи судӣ дар давлатҳои гуногун тибқи қоидаҳои қатъӣ ба назар гирифта мешавад. Дар баъзе кишварҳо, ба мисли Испания, ретсидиви воқеӣ ва ретсидиви қонунӣ аз нигоҳи моҳият ба ҳам монанд мебошанд; яъне, доғи судии пешина новобаста аз замони содир кардани ҷинояти аввалин, ҳамеша ба эътибор гирифта мешавад. Гурӯҳе аз олимони пасошӯравӣ низ ҷонибдори консепсияи ретсидиви воқеӣ мебошанд. Дар айни замон, баъзе муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки танҳо мавҷудияти доғи судӣ метавонад асоси ретсидиви қонунӣ бошад ва агар чунин набошад, пас худи ин институт беаҳаммият мегардад. Вале ин далел чандон эътимодбахш нест. Асоси эътирофи институтҳои ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, бояд зарурати амалии онҳо барои ба танзим даровардани муносибатҳои иҷтимоӣ бошад. Аз ин рӯ, доғи судӣ наметавонад танҳо ҳамчун унсури ёрирасон барои асоснок намудани ретсидиви қонунӣ вуҷуд дошта бошад, балки бояд нақши мустақими танзимкунанда дошта бошад. Дар ҳамин замина, консепсияи ретсидиви воқеӣ аз ҷиҳати назариявӣ бештар асоснок менамояд. Ба назари мо, доғи судӣ дар ин маврид ҳамчун далеле баромад мекунад, ки дорои хусусияти нисбатан доимӣ буда, муҳлати таъсири он бо чорчӯбаи қатъӣ маҳдуд намегардад. Хусусан таъсири чунин далел дар соҳаи оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ равшан мушоҳида мешавад, ки метавонанд тамоми ҳаёти шахсро фаро гиранд.

Бо дарназардошти он ки доғи судӣ бо маҷмӯи тамоми оқибатҳои ҳуқуқии худ ба гурӯҳи чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ мансуб мебошад, барои ошкор намудани моҳияти оқибатҳои умумиҳуқуқии он

зарурати фарқгузории дақиқи ин институт аз дигар институтҳои ба он наздик ва вобаста ба миён меояд. Танҳо тавассути ҷудо намудани доғи судӣ аз чунин институтҳо, ба монанди ҷазо, ҷавобгарии ҷиноятӣ, ретсидиви ҷиноят, озодкунӣ аз ҷазо ва иҷрои ҷазо, имкон пайдо мешавад, ки хусусиятҳои мустақили он ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ муайян карда шаванд.

Чунин фарқгузорӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, имконият медиҳад, ки доираи таъсири доғи судӣ, табиати маҳдудиятҳои ҳуқуқии ба он вобаста ва ҷойгоҳи он дар низоми умумии чораҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври дақиқ муайян гардад.Ба оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ назорати профилактикӣ, баъди пенитенсиарӣ наздик аст.

Назорати баъди пенитенсиарӣ шакли назорати иҷтимоӣ-ҳуқуқие мебошад, ки нисбат ба шахсони аз муассисаҳои иҷрои ҷазо озодшуда татбиқ гардида, ба пешгирии такрори ҷиноят равона шудааст. Он аз ҷониби мақомоти ваколатдор амалӣ шуда, як қатор чораҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, аз ҷумла назорат аз болои рафтори шахсоне, ки иҷрои ҷазои онҳо мавқуф гузошта шудааст (м. 78 КҶ ҶТ), ва ҳамчунин назорат нисбат ба шахсоне, ки шартан пеш аз муҳлат аз маҳрум сохтан аз озодӣ озод шудаанд (м. 76 КҶ ҶТ).

Як қисми олимон бар ин назаранд, ки оқибатҳои умумии ҳуқуқии доғи судӣ танҳо вазифаи профилактикӣ доранд. Гурӯҳи дигари олимон бошанд, бар он ақидаанд, ки доғи судӣ асоси ҳуқуқии муқаррар намудани назорати баъди пенитенсиарӣ мебошад. Аз нигоҳи мо, доғи судӣ дар қатори дигар омилҳо (масалан, шартан пеш аз муҳлат озод кардан ё мавқуф гузоштани иҷрои ҷазо) яке аз асосҳои ҷорӣ намудани чунин назорат мебошад. Бо ин роҳ доғи судӣ ҳамчун воситаи маҳдудкунанда барои муайян кардани доираи шахсоне хизмат мекунад, ки назорати пешгирикунанда нисбати онҳо татбиқ мегардад.

Ҳангоми таҳлили робитаи байни оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ ва институти назорати баъдикриминалӣ бояд таъкид намуд, ки чунин назорат нисбат ба шахсоне татбиқ мегардад, ки қаблан ҷиноят

содир кардаанд ва аз ҷазо озод шудаанд ё ҷазоро адо намудаанд. Дар ин раванд, мавҷудияти доғи судӣ ҳамчун нишондиҳандаи махсуси мақоми ҳуқуқии шахс аҳамияти калидӣ пайдо мекунад.

Асоси ҳуқуқии татбиқи назорати баъдикриминалӣ дар бисёр ҳолатҳо маҳз доғи судии бекорнашуда ба ҳисоб меравад, зеро он далели нигоҳ доштани робитаи ҳуқуқии муайян байни шахс ва давлат пас аз анҷоми марҳилаи ҷазодиҳӣ мебошад. Мавҷудияти чунин доғи судӣ ба мақомоти салоҳиятдор имкон медиҳад, ки бо мақсади пешгирии такрори ҷиноят, таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва назорати рафтори минбаъдаи шахс чораҳои муайяни ҳуқуқиро татбиқ намоянд.

Ҳамин тариқ, назорати баъдикриминалӣ яке аз шаклҳои амалисозии оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ буда, вобастагии зичи ин ду институтро дар низоми танзими муносибатҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ инъикос менамояд.

Дар ин замина, доғи судӣ ҳудуди шахсон, муҳлати амалкарди назорат ва самтҳои такмили онро муайян менамояд. Аз ҷумла, муҳлати назорати баъдикриминалӣ наметавонад аз муҳлати барҳам хӯрдан ё бекор шудани доғи судӣ зиёд бошад.

Аз навиштани параграфи мазкур чунин хулоса баровардан мумкин аст:

1) Гарчанде меъёрҳои асосӣ оид ба доғи судӣ дар м. 84 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, як қатор меъёрҳои иловагӣ вобаста ба он дар моддаҳои дигари ҳамин Кодекс, инчунин дар қонунҳои алоҳида ва санадҳои зерқонунӣ низ ҷойгир гардидаанд. Институти доғи судӣ бошад, аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат аст, ки дар сохтори ин институт меъёри генералӣ, яъне қисми 1 моддаи 84 КҶ ҶТ мавҷуд аст, ки дигар меъёрҳоро мушаххас мекунад;

2) Доғи судӣ институти ҳуқуқии ҷиноятӣ буда, набояд гӯем, ки он танҳо дар моддаи 84 КҶ ҶТ ифода ёфтааст. Моддаи 84 КҶ ҶТ нақши асосӣ ва муайянкунандаро дар ташаккули институти доғи судӣ иҷро

намуда, муқаррароти калидиро фаро мегирад, ки муносибатҳои ҷамъиятии ба ин падида вобастаро танзим менамоянд. Ҷудо шудани чунин моддаи мустақил худ далели мустақилияти нисбии доғи судӣ дар сохтори ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Бо ин вуҷуд, возеҳ аст, ки як меъёри алоҳида наметавонад ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятиро, ки дар робита бо доғи судӣ ба вуҷуд меоянд, ба таври пурра фаро гирад. Барои танзими пурраи чунин муносибатҳо, меъёрҳои иловагии ҳуқуқӣ заруранд.Институти ҳуқуқӣ бояд танзими ҳаматарафаро дар соҳаи зери он қарордоштаи муносибатҳои ҳуқуқӣ таъмин намояд;

3) Вазъи шахси доғи судӣ дошта бунёде мебошад, ки ба он моддаи 84 КҶ ҶТ дахл дорад ва бе он амал карда наметавонад. Вазъи ҳуқуқии шахси доғи судӣ дошта дар фаро расидани на танҳо оқибатҳои гуногуни ҳуқуқии ҷиноятӣ, балки оқибатҳои умумиҳуқуқӣ ифода меёбад. Маълум аст, ки оқибатҳои умумиҳуқуқӣ дар қатори оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии иҷрои ҷазои ҷиноятӣ вазъи ҳуқуқии ягонаи шахсро ташкил медиҳанд.

4) Ба фикри мо эътироф намудани сершуморагии сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба доғи судӣ қобили қабул аст. Ин равиш дар сатҳи қонунгузории баъзе мамлакатҳои аъзои ИДМ эътироф гардидааст. Дар ҳама гуна ҳолат КҶ ҶТ сарчашмаи асосӣ барои танзими масъалаҳои доғи судӣ мебошад. Ин кодекс ҷиноят будани кирдорро муайян мекунад ва барои он ҷазо таъин менамояд. Аммо танҳо Кодекси ҷиноятӣ тамоми масъалаҳои доғи судиро пурра фаро гирифта наметавонад. Ба ғайр аз он, қонунҳои дигар, масалан қонунҳо дар бораи авф, санадҳои бахшидани ҷазо ва баъзе санадҳои соҳавӣ низ тартиби бартараф кардани доғи судӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии онро муайян мекунанд.

5) Бо назардошти муқаррароти бандҳои «а» ва «б» қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ ва таҷрибаи мамлакатҳое, ки қонунгузории ҷиноятиашон ба мо наздиканд, пешниҳод дорем, ки дар қонунҳои минбаъдаи авф муқаррароти «Татбиқи Қонуни мазкур доғи судии шахсро намебардорад»

бардошта шаваду, имконияти бекор шудани доғи судӣ нисбати категорияи муайяни ашхос муқаррар гардад. Ин иқдом ҷиҳати амалӣ намудани принсипи инсондӯстӣ мусоидат хоҳад намуд.

# БОБИ 2. ОҚИБАТҲОИ ИНСТИТУТИ ДОҒИ СУДӢ

## 2.1. Оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии институти доғи судӣ

*а) Тавсифи умумии оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии институти доғи судӣ*

КҶ ҶТ (қ. 1 м. 84) муқаррар мекунад, ки «шахс доғи судӣ дошта эътироф карда мешавад, аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунӣ, ки бо он ҷазо таъин карда шудааст ва то рӯзи барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ» [3]. Доғи судӣ тибқи Кодекси мазкур шарти муҳимми эътироф намудани ретсидиви ҷиноят буда, ҳангоми таъини ҷазо ба инобат гирифта мешавад.

Агар шахс доғи судии барҳамнахӯрда ё бардоштанашуда дошта бошад, ин ҳолат муносибатҳои махсуси оммавӣ-ҳуқуқии ба танзими ҳуқуқии ҷиноятӣ асосёфтаи шахсро бо давлат ба миён меорад ва дар ҳолати аз тарафи ин шахс содир шудани ҷинояти нав асос барои баҳо додани шахсияти ӯ ва ҷинояти аз тарафи ӯ содиршуда ҳамчун кирдори ба ҷамъият хавфноктар баромад мекунад, аз ин рӯ дар назар дошта мешавад, ки нисбати ӯ чораи нисбатан сахттари ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқ гардад.

Нисбати шахси доғи судӣ дошта пешбинӣ намудани малолҳои иловагӣ, ки бо қонун пешбинӣ шуда, дар давраи муҳлати оқилона пас аз адо гардидани ҷазо нигоҳ дошта мешавад бо он сабаб аст, ки ин шахсон ба ҷамъият хавфноканд, аммо Конститутсияи ҶТ дар баробари ин риояи кафолати шахсияти ӯро тақозо менамояд ва аз зарурияти таъмини адолатнокии чунин маҳдудиятҳо, таносуби онҳо бо арзишҳои конститутсионӣ бармеояд. Ин муқаррар намудани ҷавобгарии оммавӣ-ҳуқуқиро танҳо барои кирдори гунаҳкорона ва хислати зарари расонидашуда, дараҷаи гуноҳи ҳуқуқвайронкунанда ва дигар ҳолатҳои муҳим, ки ҷазои фардиро ба миён меорад, дар назар дорад.

Қонунгузор ҳангоми риояи кафолатҳои конститутсионии шахсият ва муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқии ӯ бо давлат оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии доғи судии бардоштанашуда ва барҳамнахӯрдаро муайян намуда, вобаста аз

он ки чӣ тавр доғи судӣ дар хатари ҷамъиятии ин ё он категорияи ҷиноят инъикос меёбад, онҳоро тафриқа месозад. Агар худ аз худ содир намудани ҷиноят аз тарафи шахси аллакай доғи судӣ дошта ба ҷамъият хавфнокии ӯро зиёд гардонад, пас ин дар меъёри Қисми умумии КҶ ҶТ ба ҳайси ҳолати вазнинкунандаи ҷиноят баррасӣ мегардад.

Дар қонунгузории ҷиноятӣ шаклҳои гуногуни ба ҳисоб гирифтани доғи судӣ пешбинӣ шудаанд. Ин шаклҳо барои муайян кардани ҷавобгарии шахс барои ҷинояти нав, махсусан ҳангоми ретсидив истифода мешаванд. Аммо қонунгузорӣ иҷозат намедиҳад, ки як ҳолат ду маротиба ҳисоб карда шавад – яъне ҳам ҳангоми муайян кардани ҷиноят ва ҳам дар вақти таъини ҷазо. Чунин тарзи амал бо принсипи конститутсионӣ дар бораи баробарии ҳама дар назди қонун ва суд дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ мувофиқат намекунад [146, с. 35].

Оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии бо КҶ ҶТ барои доғи судии пештара ҳангоми маҳкум намудани гунаҳкор барои содир намудани ҷинояти нав пешбинишуда аз чаҳорчӯбаи воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки қонунгузор ҳуқуқ дорад барои ноил гардидан ба чунин мақсадҳои конститутсионӣ истифода намояд, берун намебароянд: тафриқа сохтани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо; пурзӯр намудани таъсири ислоҳшавӣ нисбати маҳкумшуда, пешгирии ҷиноятҳои нав ва бо ин роҳ ҳифзи шахсият, ҷамъият ва давлат аз сӯиқасдҳои ҷиноятӣ.

КҶ ҶТ ба таври назаррас сохтори институти сершуморагии ҷиноятро дигар намуд. Хусусан, аз мафҳуми «чандкаратагии ҷиноят» даст кашида, ба ҷойи он «такрори ҷиноят»-ро қабул намуд.

Бо он розӣ шудан мумкин аст, ки истифодаи чунин аломати бандубастшаванда, аз қабили чандкаратагӣ, рақобати он бо доғи судии қаблӣ бисёр муаммоҳоро ҳангоми бандубасти кирдори дахлдор пеш меоварданд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардид, ки ҷинояти чандкарата ҳамчун ҳолати бандубастшаванда дар таркиби мураккаб бештар маврид чунин аломатро, аз қабили ҷой доштани пештар доғи судӣ доштани шахс нусхабардорӣ мекунад,

ки ҳолати ду маротиба зиёд гардидани ҳолатҳои якхелаи бандубастшавандаро ба миён меорад. Аммо такрори содир намудани ҷиноят аз тарафи як шахс ба таври объективӣ ҷой дорад, ва қонунгузор дигар роҳи ҳалли масъаларо ҳангоми ба миён омадани чунин коллизия пешниҳод мекунад: истифодаи қоидаҳои дар моддаҳои 66 ва 67 КҶ ҶТ, ки тартиби таъин кардани ҷазо ҳангоми ретсидив ва маҷмуи ҷиноятҳо.

Ҳамин тариқ, қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи кишвар якчанд оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии доғи судиро пешбинӣ мекунад.

*б) Доғи судӣ ҳамчун асоси эътироф намудани ретсидиви ҷиноят*

Тибқи моддаи 21 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд, КҶ ҶТ) доғи судӣ аломати ҳатмии ретсидиви ҷиноят мебошад ва ҳангоми таъини ҷазо ба инобат гирифта мешавад. Истисноро бандҳои «а-б» қисми 4 моддаи 21 КҶ ҶТ ташкил медиҳанд. Онҳо ҳангоми эътирофи ретсидив ба инобат гирифта намешаванд ва оқибатҳои ҳуқуқии ба он вобастаро ба миён намеоранд.

Самаранокии мубориза бо ҷинояткорӣ тавассути воситаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар сатҳи муайян аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза давлат ва ҷомеа қодиранд бо ҷинояткории ретсидивӣ муқовимати муассир нишон диҳанд. Маҳз ҷиноятҳои такрорӣ дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятиро инъикос намуда, нишон медиҳанд, ки чораҳои қаблан татбиқшудаи ҷазоӣ ва ислоҳӣ натиҷаи интизоршударо надодаанд. Аз ин лиҳоз, масъалаи муносибати қонунгузор ба ретсидиви ҷиноят дорои аҳамияти калидӣ барои сиёсати муосири ҷиноятӣ мебошад.

Бо даст кашидан аз мафҳуми «ретсидивисти махсусан хавфнок» ва ҷорӣ намудани мафҳуми умумии ретсидиви ҷиноят, қонунгузор равиши консептуалии худро тағйир додааст. Ин тағйирот бар он асос меёбад, ки шиддат ва вазнинии ҷавобгарии ҷиноятӣ набояд танҳо ба хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор вобаста карда шавад. Баръакс, диққати асосӣ бояд ба хусусияти кирдори содиршуда, дараҷаи хавфнокии иҷтимоии он ва оқибатҳои ба миёномада равона гардад. Чунин мавқеъ аз он шаҳодат

медиҳад, ки қонунгузор аз тамға задани шахсият ва баҳои пешакӣ ба ҷинояткор канораҷӯӣ намуда, принсипи баробарии шахсон дар назди қонун ва адолати ҷиноятиро дар меҳвар қарор медиҳад. Аз мафҳуми «ретсидивисти махсусан хавфнок» даст кашида, ба ҷойи он мафҳуми ретсидиви ҷиноятро қабул намуда, қонунгузор онро ба роҳбарӣ гирифтааст, ки вазнинии ҷавобгарии ҷиноятиро ба хосиятҳои шахсияти ҷинояткор вогузор кардан нораво аст [109, с. 91].

Сарфи назар аз он ки дар аксари давлатҳо тамоюли даст кашидан аз истифодаи истилоҳи «ретсидивисти махсусан хавфнок» ба назар мерасад, қонунгузории ҷиноятии баъзе кишварҳои пасошӯравӣ то ҳол ин мафҳумро нигоҳ доштааст. Аз ҷумла, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон мафҳуми мазкур ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқӣ истифода шуда, ҳангоми таъини ҷавобгарии ҷиноятӣ аҳамияти муайян дорад. Нигоҳ доштани чунин истилоҳ дар қонунгузорӣ аз фарқияти равишҳои миллӣ ба масъалаи баҳодиҳии ретсидиви ҷиноят шаҳодат дода, нишон медиҳад, ки бархе давлатҳо ҳамоно ба модели вазнинсозии ҷазо вобаста ба шахсияти гунаҳгор такя менамоянд. Ин ҳолат дар навбати худ масъалаи мувофиқати чунин равишро бо принсипҳои муосири инсондӯстӣ, баробарӣ ва фардисозии ҷавобгарии ҷиноятӣ ба миён мегузорад.

Аз рӯйи луғати энсиклопедии ҳуқуқӣ калимаи «ретсидив» дар тарҷума аз калимаи лотинии «recidivus» буда, маънояш аз нав саршавӣ, бардарданда мебошад.

Дар бораи доғи судӣ ҳамчун нишонаи ҳатмии ретсидив сухан ронем, зарур аст, ки на ҳукми оддии ба қувваи амал даромада дар назар дошта шавад, балки ҳукме, ки ба гунаҳкор ҷазо таъин мекунад, новобаста аз намуд ва ҳаҷми он. Оё ретсидив дар он ҳолате ҷой дорад, вақте қонун имконияти татбиқи ҷазои ҷиноятӣ нею, балки чораҳои дигари хусусияти ҳуқуқии ҷиноятиро нисбати шахси содиркунандаи ҷиноят пешбинӣ мекунад? Маълум аст, ки татбиқи чораҳои маҷбурсозии хусусияти тарбиявӣ ё тиббӣ дошта доғи судиро истисно мекунад.

Банди «б» қисми 4 м. 21 КҶ ҶТ ретсидив эътироф гардидани доғи судиро барои ҷинояте, ки нисбати он шартан татбиқ накардани ҷазо ё ин ки аз рӯйи он мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм татбиқ гардидааст, истисно мекунад, агар шартан татбиқ накардани ҷазо ё мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм бекор карда нашуда бошад ва шахс барои адо намудани ҷазо ба ҷойҳои маҳруми аз озодӣ фиристода нашудааст.

Масалан, бо Таъиноти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳукми суд нисбати як маҳкумшуда тағйир дода шуд: нишондод оид ба содиршавии ҷиноят дар ҳолати ретсидиви ҷиноят хориҷ карда шуда, ҷазо сабук гардид, зеро тибқи банди «б» қисми 4 моддаи 21 КҶ ҶТ ҳангоми эътирофи ретсидив доғи судӣ барои ҷиноят, қи аз рӯйи он маҳкумкунӣ бо шартан татбиқ накардани ҷазо сурат гирифтааст, ба эътибор гирифта намешавад [178].

Чӣ тавре Н. Коротких дуруст қайд мекунад, шартан маҳкум намудан, яъне шартан татбиқ накардани ҷазо ҳангоми содир намудани ҷинояти нави қасдонаи дараҷаи миёна, вазнин ва махсусан вазнин ҳатман бекор карда мешавад [123, с. 19]. Аммо дар фарқият аз қонуни ҷиноятии Федератсияи Русия қисми 8 моддаи 71 КҶ ҶТ содир намудани ҳатто ҷинояти начандон вазнинро асос барои бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо меҳисобад.

Ҳамин тавр, агар шахси шартан маҳкумшуда ҷинояти нав содир кунад, вале барои он ҷазои ғайри маҳрумӣ аз озодӣ таъин карда шавад, чунин амал ретсидив ҳисоб намешавад. Агар шахси шартан маҳкумшуда тартиботи ҷамъиятиро вайрон намояд ва барои ин кирдор ҷазои маъмурӣ таъин гардад ё уҳдадориҳои аз ҷониби суд муайяншударо риоя накунад, суд метавонад масъалаи бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазоро баррасӣ кунад (қ. 7 м. 71 КҶ ҶТ).

Азбаски доғи судӣ ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазо танҳо ба муҳлати санҷиш паҳн мегардад, агар шахсе ки дар ин муҳлат ҷинояти нав содир накунад, пас доғи судӣ барҳам мехурад, агар ҷинояти нав содир намояд, пас новобаста аз он ки кадом ҷазо барои ҷинояти нав таъин мегардад ба шарте ки вай ба ҷинояти категорияҳои дараҷаи миёна, вазнин ва махсусан

вазнин дохил шавад, онро ҳамчун редсидив ҳисобидан лозим аст [164, с. 38]. Зеро нақши муҳимми институти доғи судӣ дар пешгирии ҷинояти ретсидивӣ зоҳир гардида, худи доғи судӣ нишондиҳандаи муҳимми дараҷаи хавфнокии ҷиноят мебошад. Ин омилро ба эътибор нагирифтан имконнопазир аст, зеро шартан татбиқ накардани ҷазо мумкин аст, ки нисбати шахсони ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин татбиқ гардад.

Дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ масъалаи он ки дар кадом лаҳза ретсидиви ҷиноят ба миён меояд – дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят, ё дар лаҳзаи баровардани ҳукм, ҳар хел ҳал карда мешавад. Ин масъала ҳамон вақт муҳим мегардад, вақте ки ҷинояти нав дар ҳолати доғи судии барҳамнахӯрда содир мегардад, аммо мӯҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ дар лаҳзаи баровардани ҳукм мегузарад. Оё мумкин аст, ки дар ин ҳолат ҷазоро аз рӯйи қоидаҳои барои ретсидив пешбинишаванда таъин намоянд (м. 66 КҶ ҶТ)?

Баъзе судяҳо ҳангоми ҳалли ин масъала аз он бармеоянд, ки ҷиноятро гунаҳкор дар ҳолати доғи судии барҳамнахӯрда содир намудааст ва дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят тамоми аломатҳои ретсидив мавҷуд буд, аз ин рӯ ҷазо бояд бо назардошти ретсидиви ҷиноят таъин карда шавад. Дигар судяҳо ба он эътибори зиёд доданд, ки дар лаҳзаи баровардани ҳукми суд доғи судӣ аллакай барҳам хӯрдааст ва тибқи қисми 7 моддаи 84 КҶ ҶТ барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ оқибатҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятиро беэътибор мегардонад, аз ин рӯ асос барои татбиқи қоидаи «Таъини ҷазо аз рӯйи ретсидиви ҷиноятҳо» ҷой надорад.

Чунин баҳс на танҳо дар илми ватанӣ, балки дар илми ҳуқуқи ҷиноятии хориҷӣ, хусусан, илми ҳуқуқи ҷиноятии Федератсияи Русия ҷой дорад. Аз ин рӯ, Пленуми Суди Олии Федератсияи Русия дар қарори «Оид ба таҷрибаи таъини ҷазои ҷиноятӣ аз тарафи судҳо» аз 11 июни соли 1999, №40 шарҳи мазкурро пешниҳод кард, ки тибқи он «ҳангоми таъини ҷазо ба шахси содирнамудаи якчанд ҷиноят, ҳангоми ретсидив, ретсидиви хавфнок ва махсусан хавфнок доғи судии бардоштанашуда ва барҳамнахӯрда дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят ба эътибор гирифта мешавад» [13, с. 3].

Ба ақидаи мо эътироф намудани ретсидивро бо ҳатман адо намудани ҷазо барои ҷиноятҳои қаблӣ пайваст намудан лозим нест, балки онро ҳамчун аз тарафи шахси дорои доғи судӣ содир намудани ҷинояти нав баррасӣ намудан мувофиқи мақсад аст.

Чи тавре маълум аст, шахс аз лаҳзаи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд бо ҷазои таъиншуда то муҳлати барҳамхурии муқаррарнамудаи қонун доғи судӣ дошта эътироф мешавад. Агар ҳукми айбдоркунӣ бе таъини ҷазо барояд ё бо озод намудани маҳкумшуда аз ҷазо бинобар баромадани санади авф вобаста ба гузаштани муҳлат алоқаманд бошад, пас гунаҳкор доғи судӣ надошта эътироф мешавад.

Агар ҳукми айбдоркунӣ ба қувваи қонунӣ дарояду, аммо иҷрои ҷазо бошад бо ин ё он сабаб ҳоло оғоз нагардида бошад, шахс доғи судӣ дошта эътироф мешавад, зеро суд ӯро дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор намуду, бо назардошти хислат ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда ба ӯ ҷазо таъин намудааст.

Солҳои охир баъзе пешниҳодҳо оид ба тартиби ҳисоби ҷазо ҳангоми намудҳои ретсидиви ҷиноят, аз хориҷ намудани моддаи «Таъини ҷазо дар ҳолати ретсидиви ҷиноятҳо» то истифодаи формулаҳои гуногуни ҳисобҳо оварда шудаанд. Ба ақидаи мо пеш аз он ки нисбат ба қоидаҳои таъини ҷазо ҳангоми ретсидиви ҷиноят рӯ овард, бояд сабаби танқиди онро муайян намуд. Дар ин масъала И.Н. Самилина дуруст қайд мекунад, ки гӯё табобати масъала бе гузоштани ташхис сурат мегирад. Таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки дар бисёр маврид истифодаи қоидаҳои таъин намудани ҷазо ҳангоми ретсидиви ҷиноят дар ҳолати маҳкум намудан ҷинояти дуздӣ танқид карда мешавад. На аз рӯйи ҳар як парванда ҳолатҳои истисноӣ мавҷуд буданд ва барои дуздии се харгӯш ё ду зарфи алюминий ба маҳкумшуда дар ҳолати ретсидив ба муҳлати 4-5 сол маҳрум сохтан аз озодӣ медоданд. Ба ноадолатии чунин ҷазо ҷомеа ва воситаҳои ахбори омма эътино зоҳир менамуданд. Судяҳо бошанд, «Қонун сахт бошад ҳам, аммо ин қонун аст» гуфта, худро тасаллӣ медоданд [135, с. 34].

Ҳалли масъалаи таъини ҷазо ҳангоми ретсидиви ҷиноят на танҳо дар тағйир додани муқаррароти қисми 2 моддаи 66 КҶ ҶТ, балки дар мукаммал намудани Қисми махсуси КҶ ҶТ, аз ҷумла муқаррароти моддаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ ва азонихудкунию исрофкорӣ зоҳир мегардад.

Таҳлили таҷрибаи таъини ҷазо, масалан, барои дуздӣ имкон медиҳад хулоса барорем, ки нисбат ба шахси аввалин маротиба чунин ҷиноят содирнамуда шартан ҷазо татбиқ намешавад, ё ҷазо таъин шавад ҳам, аз рӯйи мухлат дар ҳадди поёнии санксияи моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ қарор дорад. Ҳангоми дуздӣ дар ҳолати ретсидиви ҷиноят суд ухдадор аст ҷазои нисбатан сахттарро татбиқ намояд, новобаста аз ҳолатҳои тавсифкунандаи ҷиноят (масалан, ҳаҷми зарари дар натиҷаи дуздӣ расонидашуда).

Аз таҳлили моддаи 66 «Таъини ҷазо дар ҳолати ретсидиви ҷиноятҳо» чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки он дорои баъзе камбудиҳо аст.

Якум, дар матни тоҷикии қисми 2 моддаи 66 КҶ ҶТ чунин омадааст: «Мухлати ҷазо дар ҳолати ретсидиви ҷиноятҳо на камтар аз нисфи мухлати ҳадди аксари намуди ҷазои сахте, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ шудааст, дар ҳолати ретсидиви хавфноки ҷиноятҳо - на камтар аз се ду ҳисса ва дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфноки ҷиноятҳо - на камтар аз чор се ҳиссаи мухлати ҳадди аксари намуди ҷазои сахте, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ гардидааст, буда наметавонад» [3].

Аз мазмуни ин меъёр чунин бармеояд, ки гӯё мухлати ҷазо дар ҳолати ретсидив содиргардида «аз нисфи мухлати ҳадди аксари намуди ҷиноят намуди ҷазои сахте, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ шудааст, камтар бошад, дар ҳолати ретсидиви хавфноки ҷиноятҳо аз се ду ҳисса ва дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфноки ҷиноятҳо - аз чор се ҳиссаи мухлати ҳадди аксари намуди ҷазои сахте, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ гардидааст, камтар бошад» [3]. Яъне «на камтар аз .... буда наметавонад», маънои «камтар аст»-ро дорад. Маълум аст, ки мақсади қонунгузор дигар аст ва барои мухлати ҷазоро барои ретсидив зиёд кардааст, аммо дар матни

тоҷикии Кодекс хатогии имлоӣ омадааст. Ногуфта намонад, ки ин хатогӣ дар матни русии КҶ ҶТ ҷой надорад.

Бе назардошти хатогии имлоии мазмуни қисми 2 моддаи 66 КҶ ҶТ барои таъин намудани ҷазо нисбати шахси ретсидиви ҷиноятбуда чунин мисол овардан мумкин аст: шахс барои дуздии амволи шахси дигар доғи судӣ гирифта, боз чунин ҷиноят содир менамояд. Кирдори шахс мувофиқан бо банди «а» қ. 2 м. 244 КҶ ҶТ банду баст карда мешавад, ки санксияи он Ҳадди болоии ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати панҷ сол пешбинӣ менамояд. Аз сабаби он ки ин ҷо сухан оид ба ретсидив меравад, мувофиқан қ. 2 м. 66 КҶ ҶТ ҷазои ба шахси гунаҳкор таъин гардида бояд аз дуюним соли маҳрум сохтан аз озодӣ кам набошад. Ё ин ки агар шахс қаблан барои ҷинояти таҷовуз ба номус ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҲкум шуда бошад (қ. 1 м. 138 КҶ ҶТ) ва баъдан ҷинояти дар банди «з» қ. 2 м. 181 КҶ ҶТ (ґасби гаравгон бо нияти ґаразнок) пешбинишударо содир карда бошад, ин ҷо сухан оид ба ретсидиви хавфнок меравад. Бинобар ин, ҷазое, ки нисбати шахси гунаҳкор (ретсидиви хавфнок) таъин мегардад, бояд аз даҳ соли маҳрум сохтан аз озодӣ кам набошад.

Ҳамин тариқ, баҳри бартараф намудани хатогии имлоӣ, ки мазмуни меъёрро ба маънои баръакс нишон медиҳад пешниҳод мекунем, ки дар матни тоҷикии қ. 2 моддаи 66 ба ҷойи истилоҳи «на камтар» калимаи «камтар» гузошта шавад.

Дуюм, қисми 2 моддаи 66 КҶ ҶТ ҳадди муҳлати ҷазоро ҳангоми ретсидив, редсидиви хавфнок ва ретсидиви махсусан хавфнок тарзе муайян мекунад, ки он ба талаботи Кодекси ҷиноятии намунавӣ барои давлатҳои иштирокчии ИДМ ҷавобгӯ бошад ҳам, аммо дар қисмҳои дигари моддаи мазкур меъёре пешбинӣ нашудааст, ки дар вақти мавҷуд будани ҳолатҳои сабуккунандаи ҷиноят муқаррароти қисми 2 моддаи 66 КҶ ҶТ ба инобат гирифта нашавад. Ин ҳолат моро водор месозад, ки дар вақти бандубасти ҷиноят ҳолати сабуккунандаи ҷиноятро ба инобат нагирем. Чунин камбудӣ дар худи Кодекси ҷиноятии намунавӣ барои давлатҳои иштирокчии ИДМ

бартараф шудааст. Аниқтараш, дар қ.3 м. 68 ин Кодекс чунин қайд мегардад: «Дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои истисноӣ, ки дар моддаи 65 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд, ҷазо барои ретсидив, ретсидиви хавфнок ё ретсидиви махсусан хавфнок бидуни назардошти маҳдудиятҳои пешбининамудаи қисми дуюми ҳамин модда таъин карда мешавад» [36], дар м.65 бошад (Таъини ҷазои нисбатан сабуктаре, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст), чунин омадааст: «1) дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои истисноии марбут ба мақсад ва ангезаҳои кирдор, нақши ҷинояткор, рафтори ӯ ҳангоми содир намудани ҷиноят ё пас аз он ва ҳолатҳои дигаре, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдорро ба таври назаррас коҳиш медиҳанд, инчунин ҳангоми мусоидати фаъолонаи иштирокчии ҷиноятҳои гурӯҳӣ дар ифшои ҷиноятҳои содиркардаи гурӯҳ, ҷазо метавонад аз меъёри поёнии пешбининамудаи моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс таъин карда шавад ё суд метавонад намуди нисбатан сабуктари ҷазо, ки дар ин модда пешбинӣ шудааст таъин кунад ё ҷазои иловагии татбиқ накунад, ки ба ҳайси ҳатмӣ пешбинӣ шудаанд. (2) Ҳам ҳолатҳои сабуккунандаи ҷудогона ва ҳам маҷмуи чунин ҳолатҳо метавонанд истисноӣ эътироф карда шаванд» [36].

Муқаррароти меъёри 65 КҶ намунавӣ барои давлатҳои иштирокчии ИДМ бо ҳамин мазмун дар моддаи 63 КҶ ҶТ «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст» омадааст, аз ин рӯ хуб мебуд, ки бо мақсади ба эътибор гирифтани ҳолатҳои сабуккунандаи ҷиноят ба моддаи 66 КҶ як банди алоҳида дар таҳрири зерин илова намоем: «5). Дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои мустасноӣ, ки дар моддаи 63 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд, ҷазо барои ретсидив, ретсидиви хавфнок ё ретсидиви махсусан хавфнок бидуни назардошти маҳдудиятҳои пешбининамудаи қисми дуюми ҳамин модда таъин карда мешавад».

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар масъалаи зиёд кардани мухлати ҷазо ҳангоми ретсидиви ҷиноят қонунгузории ҷиноятии қариб ҳамаи давлатҳои иштирокчии ИДМ муқаррароти ба Кодекси ҷиноятии намунавӣ мувофиқро пешниҳод кардаанд, ки тибқи онҳо, мухлати ҷазо дар ҳолати рецидиви

ҷиноятҳо на камтар аз нисфи муҳлати ҳадди аксари намуди ҷазои сахте, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ шудааст, дар ҳолати ретсидиви хавфноки ҷиноятҳо - на камтар аз се ду ҳисса ва дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфноки ҷиноятҳо - на камтар аз чор се ҳиссаи муҳлати ҳадди аксари намуди ҷазои сахте, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ гардидааст, мебошад.

Аммо таҳрири амалкунандаи м. 68 КҶ ФР, ки аз соли 2003, муҳлати ҳадди ақали ҷазоро нисбат ба таҳрири қаблӣ кам намудааст. Тибқи ин меъёр, «муҳлати ҷазо дар ҳама шаклҳои ретсидив набояд аз сеяки муҳлати ҳадди аксари ҷазои сахттарин, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ шудааст, камтар бошад» [40]. Бо вуҷуди ин, муҳлати ҷазо бояд дар доираи санксияи моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс таъин карда шавад.

Ин муқаррароти нав дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳои гуногунро гирифтааст. Хусусан, муаллифон қайд мекунанд, ки қоидаҳои таъини ҷазои дар қонуни ҷиноятӣ муқарраршуда ҳангоми ретсидив, ретсидиви хавфнок ва ретсидиви махсусан хавфнок ба асосҳои умумии таъини ҷазо ва принсипи адолат мувофиқат намекунад ва аз анъанаҳои қонунгузории ватанӣ, ки қоидаҳои қатъиро ҷорӣ мекунанд, дур мемонад [99, с. 17].

Ба назари мо, кам кардани муҳлати ҳадди ақали ҷазо то 1/3-и муҳлати ҳадди аксар барои ҷинояти содиршуда дуруст нест. Ин тағйирот бо принсипи адолат мухолифат мекунад. Ҳамчунин, он қоидаи пурзӯр кардани ҷавобгариро дар ҳолати ретсидив, ки дар қисми умумии қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, бекор мекунад.

Аз ин рӯ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки маҳдудиятҳои пешбининамудаи қ. 2 м. 66 КҶ ҶТ вобаста ба таъини ҷазо дар ҳолати мавҷуд будани ҳар гуна шакли ретсидиви ҷиноят дорои хусусияти мантиқӣ, асоснок ва ҳуқуқан дуруст мебошанд. Ин маҳдудиятҳо ба сиёсати ҷиноятии давлат мутобиқ буда, ба баланд гардидани сатҳи хавфнокии ҷамъиятии шахсе, ки ҷиноятро такроран содир менамояд, посухи муносиб медиҳанд. Ҳамзамон, онҳо ба таъмини принсипҳои адолат, фардикунондани ҷазо ва пешгирии

ҷинояткорӣ равона гардида, барои фарқгузории оқилона байни шахсони бори аввал ҷиноятсодиркарда ва шахсони дорои рафтори устувори ҷиноятӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меоранд.

Чунин ҳолат муносибати дағалона доштан бо шахсоне намебошад, ки дар ҳолати ретсидиви ҷиноят қарор доранд. Ҳуқуқи ҷиноятии як қатор мамлакатҳои хориҷӣ қоидаҳои нисбатан сахттари таъини ҷазоро барои ин категорияи ҷинояткорон пешбинӣ намудааст. Кодекси ҷиноятии Фаронса имконияти дучанд гардонидани ҷазои ҳадди аксарро дар ҳолати аз тарафи ретсидивист содир гардидани ҷиноят пешбинӣ менамояд (м. 132-9 Кодекс) [42].

Кодекси ҷиноятии Ҷопон ҳамчунин дучанд кардани муҳлати ҳадди аксари маҳрум сохтан аз озодиро бо ҷалби ҳатмӣ ба меҳнати иҷборӣ дар давраи иҷрои ҷазо дар ҳолати ретсидиви ҷиноят муқаррар мекунад [43].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи баҳодиҳии нокифояи хавфнокии шахси дорои доғи судӣ мавриди баҳс қарор дорад. Як қатор муҳаққиқон бар он назаранд, ки қонунгузорӣ ҳангоми таъини ҷазо хусусиятҳои воқеии зиддиҷамъиятии шахсиятро пурра ба инобат намегирад. Чунончи, В.В. Малтсев ишора менамояд, ки сифатҳои шахсии ҷинояткор, ки боиси такроран содир намудани ҷиноят мегарданд, аз ҷониби қонунгузор арзёбии муносиб пайдо намекунанд.

Ҳол он ки ба ҳисоб гирифтани дараҷа ва хислати хавфнокии иҷтимоӣ бояд таҳлили хусусиятҳои хавфноки шахсиятро дар назар дошта бошад, ки онҳо дар доғи судӣ ва ретсидив инъикос меёбанд. Аммо меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқи ҷиноятӣ имкон намедиҳанд, ки содир намудани ҷиноят аз ҷониби шахси қаблан маҳкумшуда ё дорои доғи судии барҳамнахӯрда ҳангоми таъини ҷазо ҳатто ҳамчун ҳолати вазнинкунанда истифода шавад [126, с. 15]. Ин ҷо муаллиф онро дар назар дорад, ки шахс қаблан ҷиноят содир кардаасту, аммо он ретсидив ҳисобида намешавад, доғи судӣ дораду, аммо он барои ҷинояти аз беэҳтиётӣ содиршуда гирифта шудааст. Аз ин рӯ муаллиф пешниҳод дорад, ки банди «а» қисми 1 моддаи 63 КҶ ФР дар

таҳрири зерин қабул гардад: «содир намудани ҷиноят аз тарафи шахсе, ки қаблан ҷиноят содир кардааст». Ин нуктаи назарро Г.Ю. Зинин низ дастгирӣ мекунад [151, с. 61].

Аммо дар ин ҳолат пешсафии КҶ ҶТ-ро нисбат ба Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия мушоҳида намудан мумкин аст, зеро агар КҶ ФР танҳо ретсидиви ҷиноятро ҳолати вазнинкунандаи ҷиноят муқаррар кунад, КҶ ҶТ бошад, на танҳо ретсидиви ҷиноят, балки такроран содир намудани ҷиноят ва ҳамчун касб содир намудани ҷиноятро ҳамчун ҳолати мазкур муайян кардааст (қ.1 м. 62 КҶ ҶТ).

*в) Доғи судӣ ҳамчун ҳолати маҳдудкунандаи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо*

Аҳаммияти навбатии ҳуқуқии ҷиноятии доғи судӣ, ҳамчун ҳолати маҳдудкунандаи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо ин мавҷудияти баъзе монеаҳо барои истифодаи моддаҳои дахлдори Қисми умумии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин ҷо сухан дар бораи «бори аввал содир кардани ҷиноят» рафта, мавҷудияти доғи судӣ ба татбиқи он моддаҳои қисми умумии қонуни ҷиноятие, ки шарти татбиқи онҳо аввалин маротиба содир намудани ҷиноят мебошад, монеа эҷод мекунад.

Бори аввал содир намудани ҷиноят дар КҶ ҶТ ҳамчун шарти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор (қ. 1 м. 72 КҶ ҶТ), озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида (м. 73 КҶ ҶТ), озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби тағйир ёфтани вазъият (м. 74 КҶ ҶТ), озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва татбиқи чораҳои маҷбурсозии дорои хусусияти тарбиявӣ ба ноболиҳон (қисми 2 моддаи 86 КҶ ҶТ) зикр мегардад. Ҳамчунин тибқи банди «а», қисми 1 моддаи 61 КҶ ҶТ бори аввал содир намудани ҷиноят ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо баромад мекунад. Аз муқаррароти меъёрҳои мазкур бармеояд, ки доғи судӣ доштани шахс ба татбиқи ин муқаррароти Қисми Умумии КҶ ҶТ монеа эҷод мекунад.

Мазмуни мафҳуми «бори аввал содир намудани ҷиноят» дар доктринаи муосири ҳуқуқии ҷиноятӣ асоси кофӣ ёфтааст. Ба ақидаи А.И. Рарог шарти бори аввал содир намудани ҷиноятро шабоҳатан дар ҳама ҳолатҳои истифодаи он аз тарафи қонунгузор нисбат ба озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ (аз ҷумла нисбати ноболиғон), ҳамчунин нисбат ба ҳолати сабуккунандаи ҷиноят маънидод кардан мумкин аст: шарти бори аввал содир намудани ҷиноят ба шахсоне, ки пештар доғи судӣ гирифтаанд, зери тафтишот ё суд қарор доранд, ё аз тафтишоту суд саркашӣ мекунанд, дахл надорад. Агар шахс пештар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, аммо аз он озод карда шавад, ҳамчунин агар вай аз ҷазо озод карда шавад, пас вай қаблан ҷиноятсодиркарда ба ҳисоб меравад [99, с. 464-465]. Ба ҳамин мазмун мафҳуми «бори аввал содир намудани ҷиноят» дар Тафсири Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия оварда шудааст [65, с. 75]. Мафҳуми нисбатан маҳдудтарро В.А. Никонов пешниҳод кардааст. Ба ақидаи ӯ ба шахсони бори аввал ҷиноятсодиркарда онҳое дохил мешаванд, ки қаблан ҷиноят содир накардаанд [92, с. 271]. Д.А. Кириллов ақидаи дигарро дастгирӣ намуда, ба фикри ӯ аз нуктаи назари ҳуқуқӣ бори аввал содир намудани ҷиноят ин дар муносибати ҳуқуқии ҷиноятӣ қарор нагирифтан оид ба содир намудани дигар ҷиноят мебошад. Ин нисбати ду категорияи шахсон ҷой дорад: – воқеан содир накардани ҷиноят, ғайр аз ҷинояте, ки нисбат ба он масъалаи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳал мегардад; – қаблан дар муносибати ҳуқуқии ҷиноятӣ қарор гирифтани шахс, аммо дар лаҳзаи содир намудани ҷинояти баррасишаванда «баромадан» аз онҳо аз рӯйи асосҳои гуногун.

Ҳама нуқтаи назар дар бораи мафҳуми баррасишаванда ба инҳо оварда мерасонад: а) содир кардани ҷиноят аз ҷониби шахсе, ки воқеан қаблан ягон ҷиноят накардааст; б) содир кардани ҷиноят аз ҷониби шахсе, ки қаблан ҷиноят содир кардааст, ки оқибатҳои ҳуқуқии он вобаста ба озод шудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бекор карда шудаанд; в) содир кардани ҷиноят на танҳо аз ҷониби шахсоне, ки дар бандҳои қаблӣ нишон дода шудаанд, балки аз ҷониби шахсе, ки доғи судии ӯ бекор ё бардошта шудааст.

Чи тавре Г.Х. Шаутаева дуруст қайд мекунад, «Шахсеро, ки доғи судиаш бекор карда шудааст ё бардошта шудааст, набояд аввалин бор ҷиноятсодиркарда эътироф гардад. Мазмуни ин ҳолат ҳамчун яке аз шартҳои озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ (ҳамчунин татбиқи чораҳои маҷбурсозии хусусияти тарбиявӣ дошта – барои ноболиғон) на ба хосиятҳои ҳуқуқии расмии ҷиноят, балки ба шахсияти гунаҳкор, тавсифи иҷтимоии ӯ нигаронида шудааст». Содир намудаани ҷинояти нав аз тарафи шахс (ҳатто баъди аз эътибор соқит намудани оқибатҳои маҳкумшавӣ барои он) ба маънои иҷтимоӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки мақсадҳои пешгирикунандаи махсус воқеан ба даст наомадаанд ва аз ин хулоса даст кашидан ҳеҷ ягон ҳолати ҳуқуқиро ба миён намеорад. Дар ин ҳолат мо пурра ба нуктаи назари Г.С. Шаутаева розӣ шуда метавонем, ки зери аввалин маротиба содир намудани ҷиноят содир намудани ҷиноят аз тарафи шахсеро мефаҳмад, ки воқеан қаблан ин ё он ҷиноят содир накардааст [139, с. 44].

Аз ин рӯ, ба ақидаи мо мазмуни ин истилоҳ бояд дар қонуни ҷиноятӣ бо мақсади гуногун маънидод накардани он дар таҷрибаи тафтишотию судӣ мушаххас карда шавад.

Акнун таъсири доғи судиро барои татбиқ накардани моддаҳои қисми умумии КҶ ҶТ-ро вобаста ба бори аввал содир намудани ҷиноят дида мебароем.

а) моддаи 72 КҶ ҶТ «Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор».

Дар истеҳсолоти судии ҷиноятӣ татбиқ гардидани институти ҳуқуқии пушаймонӣ дар ҷиноят ҳамчун гуногуннамудии меъёрҳои ҳавасмандгардонии ҳуқуқ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имкон медиҳад, ки бо дарназардошти рафтори баъдазҷиноятии шахси содирнамудаи ҷиноят бо тафриқа масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии онҳо ё сабук кардани ҷазоро ҳал кунанд, дар ошкор намудани ҷиноят, паст кардани ретсидив ва сарфаи репрессияи ҷиноятӣ, ихтисор кардани хароҷотҳои моддии давлат ба истеҳсолоти судии ҷиноятӣ натиҷаи хуб ба даст оранд. Пушаймонӣ аз

кирдори ҷиноятӣ метавонад аз паст гардидани дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии шахси содирнамудаи ҷиноят, дар баъзе ҳолатҳо аз паст будани дараҷаи хавфнокии худи ҷиноят шаҳодат диҳад (масалан, вақте ки гунаҳкор оқибатҳои зарароварро бартараф мекунад ё зарари расонидаро ҷуброн мекунад). Вай метавонад асоси ҳуқуқии озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятии шахсе гардад, ки бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, алалхусус ба таври махфӣ ҳамкорӣ мекунад. Институти пушаймонӣ аз кирдор ба дараҷаи муайян содир гардидани ҷиноятҳои дигарро пешгирӣ мекунад [107, с. 5-6].

Он факт таваҷҷуҳро ба худ зоҳир мекунад, ки дар аксари ҳолатҳо пушаймонӣ аз кирдор, ки дар Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст (эзоҳ ба моддаҳои 130, $130^1$, 167, 179, $179^1$, 181, 185, 187, $194^3$, 195, $195^2$, 196, 262, 279, 305, $307^2$, $307^3$, 320, 365, 374, $401^1$ КҶ ҶТ), озод намудани аз ҷавобгарии ҷиноятиро танҳо он вақт имконпазир медонад, ки агар дар кирдори шахс таркиби дигар ҷиноят набошад. Ин формулаи дар нигоҳи аввал одӣ боиси гуногун маънидод кардани он мегардад.

Маънидодкунии якхелаи ин меъёр дар таҷриба низ ба мушоҳида намерасад, ки аз мубрамияти мавзуъ шаҳодат медиҳад.

Масалан, шаҳрванд А. дар хонаи худ милтиқи милбурида ва ду тирро нигоҳ медошт. Сипас ӯ бо истифодаи милтиқ сӯиқасд ба кушрот намуд. Шаҳрванд бо гумони содир намудани ҷиноят ихтиёрӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ҷойи нигоҳдории яроқ хабар дод.Суди зинаи аввал кирдори ӯро бо қисми 2 моддаи 32 ва банди «и» қисми 2 моддаи 104 ва қисми 1 моддаи 195 КҶ ҶТ бандубаст намуд.

Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии ҶТ ҳукмро бетағйир боқӣ гузошта, қайд намуд, ки шаҳрванд А. дар асоси эзоҳи моддаи 195, ки ихтиёрона яроқи худро супоридааст, аз ҷавобгарӣ озод карда намешавад, зеро ӯ ба ҷони каси дигар сӯиқасд намудааст.

Президиуми Суди Олии ҶТ маънидодкунии Коллегияи судиро ғайриқонунӣ ҳисобида, чунин ишора намуд: ангезаи ихтиёрона супоридани яроқ аз тарафи шаҳрванд А. барои татбиқи моддаи 195 КҶ ҶТ аҳаммият

надорад ва факти содир намудани дигар ҷиноят бо ғайриқонунӣ нигоҳ доштан ва гирифта гаштани силоҳ вобаста нест. Бо назардошти ин Президиум маҳкум намудани шаҳрванд А.-ро аз рӯйи моддаи 195 КҶ ҶТ истисно намуд [12, с. 13].

Нуктаи назари Президиуми Суди Олии ҶТ, ба ақидаи мо дуруст аст ва маънидодкунии дигар ба он оварда мерасонад, ки эзоҳи Қисми махсуси КҶ ҶТ моҳияти худро гум мекунад.

Шарти амали институти пушаймонӣ аз кирдор бояд низоми меъёрҳои самаранок ва хеле хуб таҳияшудаи ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ бошад, ки асос ва тартиби татбиқи онро дар таҷрибаи судию тафтишотӣ танзим намояд. Чунин меъёрҳои қонун бояд кафолатҳои ҳуқуқии озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё сабук кардани ҷазои шахсони содиркардаи ҷиноят гардад, агар дар рафтори ин шахсон аломатҳои пушаймонӣ аз кирдор бошад.

Институти озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида бошад, ба шарте татбиқ мегардад, ки агар ҷиноят аввалин маротиба содир шуда бошад. Дар ин ҳолат агар шахс маҳкум шуда бошаду, доғи судиаш бардошта нашуда бошад, ё барҳам нахӯрда бошад, инчунин аҳаммият надорад, ки чӣ гуна нисбати ин шахс ҷазо таъин мегардад. Ҳатто агар ҷазо бо маҳрум сохтан аз озодӣ вобаста набошад ҳам, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида қабул нест.

Ин намуди нави озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятии факултативӣ ба пушаймонӣ аз кирдор наздикӣ дорад. Умумияти ин ҳар ду институт инҳоянд: а) ҷиноят аввалин маротиба содир шудааст; б) ҷинояти начандон вазнин ва ё дараҷаи миёна содир шудааст; в) шахси содирнамудаи ҷиноят зарари расонидашударо ҷуброн кардааст. Ғайр аз ин, то баровардани ҳукми суд бояд оштишавӣ байни шахси содиркардаи ҷиноят ва ҷабрдида сурат гирад. Факти оштӣ шудан бо ҷабрдида худ аз худ аз гум шудани ба ҷамъият хавфнокии шахс гувоҳӣ медиҳад.

Қарор оид ба озод кардани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида, ҳамчунин оид ба қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ё рад

кардани оғози онро мақомоти таҳқиқу тафтишотӣ бо розигии прокурор, ҳамчунин судя дар рафти муҳокимаи судӣ то лаҳзаи рафтанаш ба ҳуҷраи машваратӣ қабул мекунад.

Оштӣ шудан бо ҷабрдида ҳолати сафед кардан намебошад. Шахс худаш гунаҳгор будани худро дар содир намудани ҷиноят эътироф мекунад ва тадбирҳои заруриро баҳри қонеъ барқарор намудани зарарҳои моддӣ ва маънавии ба ҷабрдида расонидаашро меандешад.

Қонун расмиёти татбиқи ин институтро бо ҷой ва тарзҳои амалигардонии он вобаста намедонад. Вай мумкин аст, ки дар марҳилаи барвақтии мурофиа ва ҳам дар рафти муҳокимаи судӣ (то баровардани ҳукм) сурат гирад. Ҳамчунин аҳаммият надорад, ки оштишавӣ бо ташаббуси кӣ сурат гирифтааст. Асосӣ дар оштишавӣ ин аст, ки ҷуброни зарари аз ҷиноят расонидашуда бояд дар навбати аввал ҷабрдидаро қонеъ кунад.

Масъалаи оштишавӣ ва бахшидани шахси содиркардаи ҷиноят, билохира, аз ҷабрдида вобаста аст. Сабабҳои бахшидан дилхоҳ ҳолатҳо шуда метавонанд.

Тибқи қисми 1 моддаи 42 КМҶ ҶТ «Ҷабрдида шахсест, ки сарфи назар аз синну сол, ҳолати руҳӣ ва ҷисмонӣ ба ӯ аз ҷиноят зарари ҷисмонӣ, моддӣ, маънавӣ расонида шудааст, инчунин шахсе мебошад, ки ҳуқуқу манфиатҳои ӯ зери таҳдиди бевоситаи сӯиқасд ба ҷиноят қарор гирифтааст. Инчунин ҷабрдида шахси ҳуқуқие низ эътироф шуда метавонад, ки дар натиҷаи содир гардидани ҷиноят ба ӯ зарари моддӣ ё маънавӣ расидааст. Дар ин сурат ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷабрдидаро намояндаи шахси ҳуқуқӣ татбиқ мекунад» [6].

Талофӣ намудани дилхоҳ зарари ба ҷабрдида расонидашуда дар шакли ҷубронпулӣ ё молӣ барои ҷабрдида аз рӯйи созиши тарафҳо сурат мегирад. Ҷуброни зарар метавонад ҳамчунин дар барқарор намудани моликияти зарардида ё нест у нобудшуда зоҳир гардад.

Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида ба монанди пушаймонӣ аз кирдор ҳуқуқ, на ин ки уҳдадории мақомоти дахлдор буда, бо ихтиёри онҳо сурат мегирад. Хусусан оштӣ шудан бо

ҷабрдида барқарор намудани адолати иҷтимоиро аз рӯйи парвандаи мазкур инъикос мекунад.

Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби тағйир ёфтани вазъият низ танҳо нисбати шахсе татбиқ мегардад, ки бори аввал ҷиноят содир намудааст, аз ин рӯ доғи судӣ барои татбиқи меъёри мазкур монеа эҷод мекунад.

Тибқи моддаи 74 КҶ ҶТ «шахси бори аввал содиркардаи ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна мумкин аст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад, агар муқаррар гардад, ки бо сабаби тағйир ёфтани вазъият ин шахс ва ё кирдори содирнамудаи ӯ дигар барои ҷамъият хавфнок нест» [3].

Мушкилот таъмини якхелаи эътинои ҳуқуқтатбиққунандагон ба тағйир ёфтани вазъият мебошад, зеро ҳангоми ба миён омадани чунин шароит лозим аст, ки масъалаи озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятии шахси содирнамудаи ҷинояти муайян (он кирдорҳое, ки бо сабаби тағйир ёфтани вазъият ба ҷамъият хавфнокиро гум кардаанд) баррасӣ карда шавад. Аз ин рӯ ба наздикӣ бе беҳтар кардани сифати кори мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда озод намудан аз ҷазоро аз рӯйи чунин ҳолат интизор шудан мушкил аст. Дар баробари ин, зарур аст қайд кард, ки шарти муҳимми озод кардан бо сабаби тағйир ёфтани вазъият ҳатман талофӣ намудани зарари расонидашуда ё пардохти ҷубронпулӣ мебошад.

Ба аз байн рафтани ба ҷамъият хавфнок будани шахс ба гуноҳи худ иқрор шудани шахс, бартараф кардани сабабу шароитҳои содир намудани ҷиноят, ҷуброни зарари бо кирдори ба ҷамъият хавфнок расонидашуда шаҳодат медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки аз вақти содир шудани ҷиноят то ба охир расидани тафтиши пешакӣ ё хусусан то вақти аз тарафи суд дида баромадани парвандаи ҷиноятӣ, нафақат вазъият, балки шахсияти худи гунаҳкор таѓйир ёфтанаш мумкин. Олими ватанӣ Ҳ.С. Салимов то аз тарафи суд дида баромадани парвандаи ҷиноятӣ се хел вазъиятро пешбинӣ мекунад, ки бо ба

вуҷуд омадани онҳо эҲтимол меравад, ки шахси гунаҲкор аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад.

Якум, вазъият чунин дигаргун шуданаш мумкин, ки дар оқибати вай ҳам кирдори содиршуда тавсифи хатарнокии худро барои ҷамъият гум мекунаду ва ҳам шахсияти гунаҳкор.

Дуввум, дар ин давра худи шахс чунин таѓйир меёбад, ки дигар барои ҷамъият хатарнок намебошад, бо вуҷуди он, ки кирдори вай барои ҷамъият хатарнок шуда мемонад.

Сеюм, вазъият чунон тағйир меёбад, ки кирдори содиршуда хатарнокии худро барои ҷамъият гум мекунад, лекин шахси гунаҳкор барои ҷамъият хатарнок шуда мемонад [103, с. 249].

Бо вуҷуди он ки дар қонун мафҳуми таѓйир ёфтани вазъият пешбинӣ нашудааст, якчанд масъала ба миён меояд.

Таѓйир ёфтани вазъият дар чӣ ифода меёбад, ки дар оқибати вай кирдори содиршуда хавфнокии худашро гум мекунад ё ин ки то ҳамин дараҷа камаҳамият мешавад, ки ҷиноят эътироф карда намешавад.

Таѓйир ёфтани вазъият гӯён ҳамин тавр дигаргун шудани ҷиддие, ки ба аломатҲои тарафи объективии ҷиноят тааллуқ дорад, ки оқибати вай нафақат кирдори мушаххас, балки ҳаракат ё беҳаракат монанди ин кирдорҳо ҳам хатарнокии худро гум мекунанд. Масалан, бо баробари гузаштани ба муносибатҳои иқтисодии бозоргонӣ фаъолияти корчаллонии хусусӣ ва даллолӣ дар савдо, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ дар моддаи 166 КҶ ҶТ соли 1961 пешбинӣ шуда буд, тамоман барои ҷамъият хатарнокии худро гум карда ва корчаллон фаъолияти барои ҷамъият фоиданок шуда корчаллонҳо дар ҷамъият шахсони эътиборнок шудаанд.

Доштани доғи судӣ барои татбиқи моддаи 89 КҶ ҶТ «Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо истифодаи чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта» монеа эҷод мекунад, зеро тибқи қисми 1 моддаи мазкур: «агар ҳисоб карда шавад, киислоҳи ноболиғи бори аввал ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна содирнамуда бо роҳи татбиқи чораҳои маҷбуркунии

дорои хусусияти тарбиявидошта имконпазир аст, ӯро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан мумкин аст» [3]. Аз ин рӯ, дар ҳолати гирифтани доғи судӣ, новобаста аз бардошта шуданаш ё барҳам хӯрданаш барои содир намудани ҷинояти нав нисбати ноболиғ чораҳои маҷбурсозии дорои хусусияти тарбиявидошта не, балки ҷазо татбиқ карда мешавад, зеро меъёри номбурда «бори аввал» содир намудани ҷинояти начандон вазнин ва дараҷаи миёнаро шарти асосии татбиқи худ меҳисобад.

Доштани доғи судӣ ҳамчунин барои татбиқи меъёри қисми 6 моддаи 87 КҶ ҶТ монеа эҷод мекунад. Мувофиқи қ. 6 м. 87 КҶ ҶТ «ба ноболиғоне, ки бори аввал ҷиноятҳои начандон вазнин ё дараҷаи миёна содир намудаанд, ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда намешавад ва агар санксияи моддаи Қисми махсус ғайр аз ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дигар намуди ҷазоро пешбинӣ накарда бошад, он гоҳ суд ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набудаи дар Қисми умумии ҳамин Кодекс пешбинишударо дар доираи ҳаҷм ва мӯҳлатҳои пешбининамудаи Қисми умумии ҳамин Кодекс таъин менамояд» [3].

Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи мавқуф гузоштани адои ҷазоро нисбат ба зане, ки дорои доғи судӣ мебошад, ба таври мутлақ манъ намекунад. Бо вуҷуди ин, дар амал мавҷудияти доғи судӣ аҳамияти ҳуқуқии ҷиддӣ пайдо мекунад, зеро он метавонад ба татбиқи минбаъдаи ин институт таъсири маҳдудкунанда расонад. Аз ҷумла, агар зани ҳомила ё зани дорои кӯдаки то ҳаштсолагӣ, ки қаблан доғи судӣ дорад, ҷинояти нав содир намояд, мавҷудияти чунин доғи судӣ метавонад ҳамчун омили монеасоз барои татбиқи мавқуфгузории адои ҷазо нисбат ба маҳкумияти нав баромад намояд. Дар чунин ҳолат қонунгузор бо назардошти такрори рафтори ҷиноятӣ ва сатҳи хавфнокии шахс, афзалиятро ба таъмини ҳадафҳои пешгирӣ ва адолати иҷтимоӣ медиҳад, на ба истифодаи василаҳои сабуккунандаи иҷрои ҷазо.

Қонунгузор татбиқи мавқуфгузории адои ҷазоро аз рӯйи доираи шахсон маҳдуд мекунад. Ин доира бо занҳои ҳомила ва занҳои кӯдаки

хурдсолдошта маҳдуд мегардад. Мавқуф гузоштани адои ҷазо баҳри рушди муътадили кӯдак, ҳимояи модару кӯдак равона мегардад. Аммо агар зан ҷинояти махсусан вазнин содир кунад, қоидаи мавқуфгузорӣ амалӣ карда намешавад. Тибқи қисми 5 моддаи 18 КҶ ҶТ «Кирдорҳои қасдан содиршавандае, ки ҷазои ҳадди аксар барои онҳо дар ҳамин Кодекс зиёда аз дувоздаҳ соли маҳрум сохтан аз озодӣ ё ҷазои қатл пешбинӣ гардидааст, ҷиноятҳои махсусан вазнин эътироф мешаванд».

Аз рӯйи дараҷаи хавфнокӣ ҷавобгарӣ барои содир намудани ҷинояти махсусан вазнин ҳанӯз дар марҳилаи тайёрӣ ба ҷиноят ба миён омаданаш мумкин аст. Ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршуда ба ин категория дохил карда намешаванд.

Кирдори mala in se (новобаста аз муқаррароти қонун кирдорҳои зиддиахлоқӣ), ё кирдорҳои табиии умумиэътирофшуда аз рӯйи моҳияти худ дар мамлакатҳои гуногун кам аз ҳамдигар фарқ мекунанд: ба шумораи онҳо, одатан, одамкушӣ, таҷовуз ба номус, дуздӣ ва ғайра дохил мешаванд [167].

Аз ин рӯ, маҳдуд сохтани имконияти татбиқи мавқуфгузории адои ҷазо нисбат ба заноне, ки ҳомилаанд ё кӯдаки то ҳаштсолагӣ доранд, на танҳо хусусияти ҷазодиҳӣ ё маҳдудкунанда дошта, балки пеш аз ҳама ба манфиатҳои беҳтарини кӯдак равона мегардад. Дар чунин ҳолат қонунгузор аз он мавқеъ баромад мекунад, ки такрори рафтори ҷиноятӣ аз ҷониби модар метавонад ба муҳити иҷтимоӣ, равонӣ ва тарбиявии кӯдак таъсири манфӣ расонад. Маҳдудияти мазкур барои таъмини рушди муътадили ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоии кӯдак, инчунин барои пешгирии таъсири омилҳои номатлуби ҷиноятӣ ба шахсияти ӯ аҳаммияти муҳим дорад.

Бо ин роҳ, қонунгузорӣ кӯшиш менамояд, ки байни ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ва зарурати татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба модаре, ки рафтори зиддиҳуқуқиро такроран содир мекунад, тавозуни оқилона ба вуҷуд орад. Чунин равиш ба принсипҳои инсондӯстӣ, ҳифзи кӯдак ва сиёсати муосири ҷиноятӣ мутобиқат намуда, рушди солими насли наврасро ҳамчун арзиши афзалиятнок эътироф мекунад.

Мавҷудияти доғи судӣ ҳамчун факте буда метавонад, ки ба тартиби таъини ҷазо таъсир мерасонад. Истилоҳи «тартиб» мазмуни васеъ дорад. Таъини ҷазо ба чунин маънидодкунӣ, аз қабили «Тарз, усул ё қоидае, ки аз рӯйи он ин ё он кирдор содир мешавад» [83, с. 423].

1. Баҳисобгирии доғи судӣ ба ин ё он сифат қоидаҳои таъини ҷазоро ҳангоми ретсидиви ҷиноятҳо муайян мекунад, яъне татбиқ кардан ё накардани қоидаҳои моддаи 66-и Кодекси ҷиноятии ҶТ-ро муайян мекунад. Ҳангоми ба ҳисоб гирифтани доғи судӣ ба сифати аломати бандубастшавандаи таркиби мушаххаси ҷиноят ва ҳангоми мавҷуд будани нишонаҳои ретсидиви ҷиноятҳо қоидаҳои м. 66 КҶ ҶТ татбиқ намегардад. Агар доғи судӣ асос барои бандубасти ҷиноят аз рӯйи аломати чандкарата бошад, пас дар сурати мавҷуд будани нишонаҳои ретсидив, суд қоидаҳои м. 66 КҶ ҶТ-ро татбиқ мекунад. Дар м. 66-и Кодекси ҷиноятӣ тартиби таъини ҷазо ҳангоми ретсидив, ретсидиви хавфнок ва ретсидиви махсусан хавфнок пешбинӣ гардидааст. Бо вуҷуди ин, барои татбиқи ин қоидаҳо, нишонаҳои ретсидив кофӣ нестанд. Ин аз он вобаста аст, ки ҳукми қаблӣ аз ҷониби суд чӣ тавр ба эътибор гирифта мешавад.

2. Аз тартиби баҳисобгирии доғи судӣ татбиқ кардан ё накардани қоидаҳои таъини ҷазои пешбининамудаи моддаи 63 КҶ ҶТ вобаста аст. Агар доғи судӣ ҳамчун асос барои бандубасти ҷиноят аз рӯйи нишонаи чандкарата ё ҳамчун нишонаи таснифкунандаи мустақил ба ҳисоб гирифта шавад, пас ҳангоми мавҷудияти ҳолатҳои сабуккунандаи ҷиноят ё мавҷуд набудани ҳолатҳои вазнинкунанда қоидаҳои қисми 1 моддаи 63 КҶ ҶТ амал мекунанд. Агар доғи судӣ аз тарафи суд дар чаҳорчӯбаи чандкаратагӣ ва ретсидив ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷиноят баррасӣ гардад, пас қоидаҳои қисми 1 моддаи 63 КҶ ҶТ (Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст) татбиқ намегарданд.

3. Мавҷудияти доғи судии шахсе, ки ҷинояти нав содир намудааст, таъин намудани ҷазо бо тартиби пешбининамудаи моддаи 67 КҶ ҶТ (Таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо)-ро муайян мекунад. Аз ҷумла: а) дар ҳолати

содир намудани ҷинояти нав дар давраи муҳлати санҷиш ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазо ва бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо бо тартиби пешбининамудаи қисми 6 моддаи 71 КҶ ҶТ; б) ҳангоми шартан пеш аз муҳлат озод намудан аз адои ҷазо ва содир намудани ҷинояти нав дар давраи адо кардани ҷазо (б. «б», қ. 6 м. 76 КҶ ҶТ), в) ҳангоми татбиқи мавқуф гузоштани ҷазо ва аз тарафи маҳкумшуда дар ин давра содир намудани ҷинояти нав (қ. 5 м. 78 КҶ ҶТ).

Мавҷудияти доғи судӣ факти ба тартиби татбиқи шартан пеш аз муҳлат озод кардан аз адои ҷазо таъсиррасонанда мебошад. Шартан пеш аз муҳлат озод кардан аз адои ҷазо нисбати шахсе таъин шуданаш мумкин аст, ки доғи судӣ дорад ва ҷазои ҷиноятиро дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ ё нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ адо карда истодааст. Давомияти муҳлати воқеан адо кардани ҷазо ҳангоми шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан аз категорияи ҷиноят вобаста аст (қ. 3 м. 76 КҶ ҶТ). Маҳкум кардан (ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми айбдоркунии суд), ки бо ҳукми суд имконпазир аст ва категорияи ҷиноят, ки барои он ҷазо таъин мегардад ба аломатҳои муҳимми мафҳуми доғи судӣ ҳамчун факти ҳуқуқӣ дохил буда, хислати доғи судиро муайян мекунад. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки тартиби татбиқи шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан умуман аз хислати доғи судӣ вобаста аст.

Аломати муштақи доғи судӣ – намуди ҷазои таъиншуда мебошад. Намуди ҷазо, ки бо ҳукми айбдоркунии суд таъин шудааст ва ба қувваи қонунӣ даромадааст, шарти татбиқи шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан буда, давомнокии муҳлати ҳадди ақали адои ҷазоро муайян мекунад (қисми 4 моддаи 76 КҶ ҶТ). Барои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ муҳлати ҳадди ақали воқеан адо кардани ҷазо аз шаш моҳ кам буда наметавонад. Ҳамин тариқ, тартиби татбиқи пеш аз муҳлат озод кардан аз ҷазо, ки қисми 4 моддаи 76 КҶ ҶТ пешбинӣ намудаасту, давомияти ҳадди ақали адои ҷазоро

муайян кардааст, ба шахсоне татбиқ мешавад, ки доғи судӣ бо аломати муштақ доранд.

Ин ҷо бояд қайд намуд, ки дар фарқият аз қонуни ҷиноятии кишварамон КҶ намунавӣ барои давлатҳои иштирокчии ИДМ (қ. 5 м. 78) ва қонуни ҷиноятии баъзе кишварҳои аъзои ИДМ, аз ҷумла КҶ ФР (қ. 5 м. 79), КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон (қ. 6 м. 72) имконияти пеш аз мухлат озод кардан аз ҷазоро нисбати шахсони якумра аз озодӣ маҳрумшуда пешбинӣ мекунад. Шарти озод кардан дар ин ҳолат чунин аст, ки агар суд эътироф кунад, ки ӯ ислоҳ шудааст ва ба адои минбаъдаи ҷазо эҳтиёҷ надорад ва воқеан на камтар аз бисту панҷ соли ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адо кардааст. Имконияти пеш аз мухлат озод кардан аз адои ҷазоро нисбати шахсони ба ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда на танҳо қонуни ҷиноятии кишварамон, балки қонуни ҷиноятии мамлакатҳои Украина, Белорус, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва ғайра рад намудааст.

Ба фикри мо хуб мебуд, ки агар муқаррароти қ. 5 м. 78 КҶ намунавӣ барои давлатҳои иштирокчии ИДМ ва моддаҳои дахлдори қонуни ҷиноятии баъзе мамлакатҳои аъзои ИДМ оид ба пеш аз мухлат аз адои ҷазо озод кардани шахсони ба ҳабси абадӣ маҳкумшуда дар КҶ ҶТ, аниқтараш, ба моддаи 76 КҶ ҶТ ворид карда шавад. Ин аз сатҳи баланди гуманизатсияи қонуни ҷиноятӣ шаҳодат дода, ба маҳкумшуда имконияти нав барои пешбурди ҳаёти солим медиҳад. Бисту панҷ сол адои ҷазо намудан худ гувоҳи ба амал баровардани адолати иҷтимоӣ ва ислоҳ шудани маҳкумшуда мебошад.

Агар ба таври эҳтимол имконияти ба пеш аз мухлат аз адои ҷазо озод кардани шахсони ба ҳабси абадӣ маҳкумшударо ба инобат гирем, пас он ба шахсоне татбиқ мешавад, ки доғи судӣ бо аломати муштақ доранд.

Дигар аломати муштақи доғи судӣ – татбиқи ин ё он намуди озод кардан аз адои ҷазо буда, тартиби пеш аз мухлат озод кардан аз ҷазоро, ки банди «б» қисми 6 моддаи 76 КҶ ҶТ муқаррар мекунад. Ин тартиб дар ҳолате татбиқ мегардад, ки агар нисбати шахс қоидаи пеш аз мухлат озод кардан аз

адои ҷазо пешбинӣ мешаваду, аммо ин шахс дар мӯҳлати адонашудаи ҷазо ҷинояти нав содир мекунад. Ҳамин тариқ, пеш аз мӯҳлат озод кардан аз ҷазо бо тартиби банди «б» қисми 6 моддаи 76 КҶ ҶТ нисбати шахсе татбиқ мегардад, ки доғи судӣ бо аломати муштақ дорад.

Ба тартиби муайян кардани намуди муассисаи ислоҳӣ (тарбиявӣ) барои адои ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати муайян доғи судӣ бо аломати муштақи адои ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ таъсир мерасонад. Тибқи қ. 7 м. 87 КҶ ҶТ «адо кардани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар колонияҳои тарбиявии дорои низоми пурзӯр нисбати ноболиғони ҷинси марде раво дониста мешавад, ки қаблан ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адо намудаанд» [3]. Ин аломати муштақи доғи судӣ барои таъини адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар муассисаҳои ислоҳии низоми сахт ва махсус нисбати ашхоси ҷинси мард ҳангоми ретсидиви ҷиноят аҳаммияти ҳуқуқӣ дорад (бандҳои «д» ва «е» қисми 5 моддаи 58 КҶ ҶТ).

Аломатҳои муштақи доғи судӣ аз аломатҳои асосии он бармеоянд. Дар фарқият аз аломатҳои асосии доғи судӣ аломатҳои муштақ аҳаммияти ҳуқуқии интихобӣ (бо салоҳдиди қонунгузор) доранд. Аз нуктаи назари аҳаммияти ҳуқуқӣ онҳо факултативӣ мебошанд.Аломатҳои муштақи доғи судӣ худ аз худ бе аломатҳои асосӣ ҷой дошта наметавонанд. Аз ин рӯ баҳисобгирии факти адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ҳангоми бекор ё бардоштани доғи судӣ иҷозат дода намешавад. Азбаски худи ҷой доштани доғи судӣ оқибати ҳуқуқиро аз аломатҳои муштақи он ба миён меорад, гуфтан ҷойиз аст, ки доғи судӣ ба тартиби татбиқи пеш аз мӯҳлат озод кардан аз ҷазо ва таъини намуди муассисаи ислоҳӣ (тарбиявӣ) барои адои ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ таъсир мерасонад.

Доғи судӣ ҳолатест, ки ҳангоми фардикунонии ҷазо ба инобат гирифта мешавад. Ин оқибати ҳуқуқии ҷиноятии доғи судӣ аз он факти доғи судие, ки бо таъсир кардан ба тартиби таъини ҷазо вобаста аст, фарқ дорад. Риояи тартиби муайяни таъини ҷазо иҷрои ҳатмии қоидаҳои пешбининамудаи қонуни ҷиноятиро аз тарафи суд дар назар дорад. Дар ҳолате, ки доғи судӣ

дар бандубасти ҷиноят мустақилона ё аз рӯйи аломати чандкарата иштирок намекунад, ҳамчунин ретсидиви ҷиноятро ташкил намедиҳад (доғи судӣ дар синну соли ноболиғи) аз тарафи қонуни ҷиноятии амалкунанда тартиби мушаххаси таъини ҷазо пешбинӣ нашудааст. Доғи судӣ метавонад ҳамчун аломати чандкаратагии ҷиноят ба ҳайси ҳолати вазнинкунандаи ҷиноят баромад кунад, аммо дар бандубасти ҷиноят иштирок накунад. Қонуни ҷиноятӣ ба суд қоидаи мушаххаси таъини ҷазоро дар сурати мавҷудияти ин ҳолати вазнинкунандаи ҷиноят ба зимма намегузорад (ҷӣ тавре ки ин нисбати ретсидиви ҷиноят ҷой дорад). Аз ин рӯ, вазнин кардани ҷазо бо назардошти чандкаратагӣ ба салоҳдиди суд вобаста аст. Бо салоҳдиди суд ин ҳолати вазнинкунанда метавонад ба интихоби намуди ҷазо, муҳлати (андозаи) он, ҳалли масъалаи қобилияти гунаҳгор ба ислоҳшавӣ ва азнавтарбияёбӣ ва ғайра таъсир расонад.

Бояд қайд намуд, ки доғи судӣ на ҳамеша аз тарафи суд ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷиноят ба ҳисоб гирифта мешавад. Масалан, ҳангоми таъини ҷазо ба шахси доғи судӣ дошта барои ҷинояти дар дигар моддаи қонуни ҷиноятӣ пешбинишуда. Аммо ҳангоми ҷой надоштани аломати чандкаратагии ҷиноят хислати шахси доғи судӣ дошта, аломатҳои муштақи он оид ба эҳтимолияти содир намудани ҷинояти нав аз тарафи ин шахс оид ба имконияти ноил гардидан ба мақсадҳои ҷазо тавассути татбиқи намуди нисбатан сабуки ҷазо; оид ба қобилияти шахси доғи судӣ дошта ба ислоҳшавӣ, мақсаднокии воқеан адо намудани ҷазои таъиншуда ва ғайра метавонанд гувоҳӣ диҳанд [166, с. 8]. Аз ин рӯ суд ҳангоми таъини ҷазо ба шахси доғи судӣ дошта ва дар содир шудани ҷинояти нав гунаҳгорбуда бо салоҳдиди худ метавонад доғи судиро ҳамчун ҳолати тавсифкунандаи шахсияти гунаҳгор, фардикунии ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ҷазо (бо риояи талабот оид ба роҳ надодан ба дукарата ба ҳисоб гирифтани доғи судӣ) ба инобат гирад.

Ҳамаи мисолҳои дар боло овардаи оқибати ҳуқуқии ҷиноятии доғи судӣ нишон медиҳанд, ки таҳрири қисмҳои 1 ва 7 моддаи 84 КҶ ҶТ (дар

қисмати муайян кардани оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии доғи судӣ) бебарор аст, зеро ба пуррагӣ на танҳо оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии доғи судиро инъикос накардаанд, балки аломатҳои асосии онро нишон надодаанд.

Эҳтимол аст, ки ҳамаи ҷанбаҳои дар боло ишорашудаи аҳаммияти ҳуқуқии ҷиноятии доғи судиро дар моддаи 84 ҷой додан имконнопазир аст, зеро он боиси ба моддаи 84 КҶ ҶТ ворид кардани шумораи зиёди муқаррароти доктриналӣ ва зиёд гардидани ҳаҷми мазмуни он мегардад. Аммо набояд бо муқаррароти қисмҳои 1 ва 7 моддаи 84 КҶ ҶТ оид ба оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии доғи судӣ маҳдуд шуд.

Аз ин рӯ, баҳри мукаммал гардидани моддаи 84 КҶ ҶТ дар бахши оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии доғи судӣ чунин пешниҳод дорем: 1. Ба қисми 1 м. 84 КҶ ҶТ муқаррароти зерин илова карда шавад – «доғи судӣ бо тартиби пешбининамудаи қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекси мазкур ба ҳисоб гирифта мешавад». Бо чунин роҳ муайян мегардад, ки доғи судӣ ҳангоми ретсидиви ҷиноят, таъини ҷазо ва ғайра ба инобат гирифта мешавад.

Масъалае ба миён меояд, ки оё доғи судии вобаста ба маҳкум шудани шахс тибқи КҶ хориҷи наздик бамиёномада оқибати ҳуқуқӣ барои татбиқи Қисми умуми ва Қисми махсуси КҶ ҶТ-ро ба миён меоранд?

Баъзе мамлакатҳои аъзои ИДМ Конвенсия оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ аз 22 январи соли 1993-ро ба имзо расониданд. Тибқи м. 76 Конвенсия «ҳар як Ҷониби созиш ҳангоми тафтишоти ҷиноят ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ аз тарафи судҳо бо қонунгузории Ҷонибҳои созиш пешбинӣ шудани ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷавобгариро новобаста аз он ки дар қаламрави кадом давлати Ҷониби созиш ба миён омадаанд, ба инобат мегирад» [11]. Тибқи Протокол аз 28 марти соли 1997 ба Конвенсия моддаи 76-1 бо тавзеҳоти Украина ворид гардид, ки мазмунаш чунин аст: «Украина оид ба эътироф кардан ва ба ҳисоб гирифтани ҳукми аз тарафи судҳои Ҷонибҳои созиш ҳангоми ҳалли масъалаҳои оид ба эътирофи шахс ҳамчун ретсидивисти махсусан хавфнок, оид ба муқаррар кардани факти такроран

содир шудани ҷиноят ва вайрон кардани уҳдадориҳои вобаста ба шартан татбиқ накардани ҷазо, мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм ё шартан пеш аз муҳлат озод кардан аз ҷазо ба худ уҳдадорӣ намегирад» [11]. Дар баробари ин, тибқи м. 79 Конвенсия «ҳар як Ҷониби созиш ҳар сол ба Ҷониби дигари созиш оиди ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми айбдории суди мамлакати ӯ нисбати шаҳрванди мамлакати дахлдори Ҷониби созиш маълумот пешниҳод намуда, дар як маврид изи дасти маҳкумшудагони дахлдорро мефиристад. Ҳар як ҷониби созиш ба ҷонибҳои дигари созиш бо хоҳиши онҳо маълумот оид ба доғи судии шахсонеро, ки қаблан аз тарафи суди онҳо маҳкум шудаанд, агар ин шахсон дар қаламрави мамлакати дархостфиристандаи Ҷониби созиш ба ҷавобгарӣ кашида шаванд, ба таври ройгон пешниҳод мекунад» [11].

Аз муқаррароти мазкури Конвенсия бармеояд, ки мамлакатҳои иштирокчии ИДМ, ки Конвенсияи соли 1993-ро имзо кардаанд, мунтазам ба якдигар оид ба доғи судии шаҳрванди Ҷонибҳои созиш маълумот пешниҳод мекунанд. Аммо ин ба иштирокчиёни конвенсия уҳдадории мушаххас оиди ба ҳисоб гирифтани ин маълумотҳо ва оқибати ҳуқуқии ҷиноятии онҳо вогузор намекунад. Тавзеҳоти Украина танҳо мушаххасоти ин нуктаи назар аст.

Ҳамин тариқ, доғи судии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар қаламрави мамлакатҳои иштирокчии ИДМ ҷой дорад, метавонад аз тарафи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати содир гардидани ҷинояти нав дар қаламрави ин кишвар ба инобат гирифта шавад. Чунин доғи судӣ (ҳангоми мавҷудияти шартҳои дигари моддаи 21 КҶ ҶТ) метавонад ҳамчун асос барои эътирофи ретсидив, ретсидиви хавфнок ва ретсидиви махсусан хавфнок бо ҳама оқибатҳои ҳуқуқӣ барои маҳкумшуда гардад. Конвенсия дигар қоидаҳои баҳисобгирии чунин доғи судиро истисно намекунад. Дар матни Конвенсия муқаррароте нест, ки баҳисобгирии доғи судиро ҳангоми маҳкум кардани шахс дар қаламрави мамлакати дигари ИДМ ба ҳайси аломати таснифотӣ манъ карда бошад.

Ҳамин тариқ, аз навиштани параграфи мазкур чунин хулоса баровардан мумкин аст:

1) Аз таҳлили моддаи 66 «Таъини ҷазо дар ҳолати ретсидиви ҷиноятҳо» чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки он чунин нуқсон мушоҳида мешавад: дар матни тоҷикии қисми 2 моддаи 66 КҶ ҶТ омадааст, ки «Муҳлати ҷазо дар ҳолати ретсидиви ҷиноятҳо на камтар аз нисфи муҳлати ҳадди аксари намуди ҷазои сахте, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ шудааст, дар ҳолати ретсидиви хавфноки ҷиноятҳо – на камтар аз се ду ҳисса ва дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфноки ҷиноятҳо – на камтар аз чор се ҳиссаи муҳлати ҳадди аксари намуди ҷазои сахте, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ гардидааст, буда наметавонад» [3]. Аз ин меъёр бармеояд, ки гӯё муҳлати ҷазо дар ҳолати ретсидив содиргардида аз нисфи муҳлати ҳадди аксари намуди ҷиноят намуди ҷазои сахте, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ шудааст, камтар бошад, дар ҳолати ретсидиви хавфноки ҷиноятҳо аз се ду ҳисса ва дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфноки ҷиноятҳо – аз чор се ҳиссаи муҳлати ҳадди аксари намуди ҷазои сахте, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ гардидааст, камтар бошад. Яъне «на камтар аз ... буда наметавонад», маънои «камтар аст»-ро дорад. Аз ин рӯ пешниҳод мекунем, ки дар матни тоҷикии қ. 2 моддаи 66 ба ҷойи истилоҳи «на камтар» калимаи «камтар» гузошта шавад.

2) Ҳама нуқтаи назар дар бораи мафҳуми «бори аввал содир кардани ҷиноят» ба инҳо оварда мерасонад: а) содир кардани ҷиноят аз ҷониби шахсе, ки воқеан қаблан ягон ҷиноят накардааст; б) содир кардани ҷиноят аз ҷониби шахсе, ки қаблан ҷиноят содир кардааст, ки оқибатҳои ҳуқуқии он вобаста ба озод шудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бекор карда шудаанд; в) содир кардани ҷиноят на танҳо аз ҷониби шахсоне, ки дар бандҳои қаблӣ нишон дода шудаанд, балки аз ҷониби шахсе, ки доғи судии ӯ бекор ё бардошта шудааст;

3) Шарти амали институти пушаймонӣ аз кирдор бояд низоми меъёрҳои самаранок ва хеле хуб таҳияшудаи ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ бошад, ки асос ва тартиби татбиқи онро дар таҷрибаи судию

тафтишотӣ танзим намояд. Чунин меъёрҳои қонун бояд кафолатҳои ҳуқуқии озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё сабук кардани ҷазои шахсони содиркардаи ҷиноят гардад, агар дар рафтори ин шахсон аломатҳои пушаймонӣ аз кирдор бошад.

4) Хуб мебуд агар дар моддаи 76 КҶ ҶТ имконияти пеш аз муҳлат озод кардан аз ҷазои шахсони якумра аз озодӣ маҳрумшуда пешбинӣ карда шавад. Шарти озод кардан дар ин ҳолат бояд чунин бошад: агар суд эътироф кунад, ки ӯ ислоҳ шудааст ва ба адои минбаъдаи ҷазо эҳтиёҷ надорад ва воқеан на камтар аз бисту панҷ соли ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адо карда бошад.

5) Таҳрири қисмҳои 1 ва 7 моддаи 84 КҶ ҶТ (дар қисмати муайян кардани оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии доғи судӣ) бебарор аст, зеро ба пуррагӣ на танҳо оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии доғи судиро инъикос накардаанд, балки аломатҳои асосии онро нишон надодаанд. Эҳтимол аст, ки ҳамаи ҷанбаҳои дар боло ишорашудаи аҳаммияти ҳуқуқии ҷиноятии доғи судиро дар моддаи 84 ҷой додан имконнопазир аст, зеро он боиси ба моддаи 84 КҶ ҶТ ворид кардани шумораи зиёди муқарраroти доктриналӣ ва зиёд гардидани ҳаҷми мазмуни он мегардад. Аммо набояд бо муқаррароти қисмҳои 1 ва 7 моддаи 84 КҶ ҶТ оид ба оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии доғи судӣ маҳдуд шуд. Аз ин рӯ, баҳри мукаммал гардидани моддаи 84 КҶ ҶТ дар бахши оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии доғи судӣ чунин пешниҳод дорем:

1. Ба қисми 1 м. 84 КҶ ҶТ муқаррароти зерин илова карда шавад – «доғи судӣ бо тартиби пешбининамудаи қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекси мазкур ба ҳисоб гирифта мешавад». Бо чунин роҳ муайян мегардад, ки доғи судӣ ҳангоми ретсидиви ҷиноят, таъини ҷазо ва ғайра ба инобат гирифта мешавад.

## 2.2. Оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ

Доғи судӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ на танҳо оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, балки оқибатҳои умумиҳуқуқӣ ва ҳатто ҳуқуқии иҷрои ҷазои ҷиноятиро ба миён меорад. Мазмуни он имконияти тағйир додани вазъи ҳуқуқии конститутсионӣ, ҳуқуқии маъмурӣ, ҳуқуқии меҳнатӣ ва ғайраи

шахсиятро бо роҳи муқаррар намудани маҳдудиятҳои муайян ба соҳаҳои дахлдор пешбинӣ мекунад.

Дар назария чунин оқибат бештар маврид умумиҳуқуқӣ номида мешавад. Мавҷудияти онҳо ҳар хел баҳо дода мешавад.

Оқибатҳои умумиҳуқуқӣ дорои як қатор хусусиятҳо мебошанд. Яке аз онҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ мустаҳкам шудаанд. Масалан, доғи судӣ маҳдудияти ҳуқуқ ва фаро расидани оқибатҳои номусоидро дар қонунгузории меҳнатӣ, маъмурӣ, гражданӣ, оилавӣ ва ғайра пешбинӣ мекунад. Дар ин ҳолат тибқи банди 3 моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад” [1]. Ҳамчунин, бояд қайд намуд, ки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд метавонад бо Конститутсия ва қонунҳо маҳдуд карда шавад.

Махсусияти гуруҳи мазкури оқибатҳои доғи судӣ амали бемуҳлати баъзе маҳдудиятҳо мебошад, ки дар соҳаҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба доғи судӣ ба миён меоянд. Дар ин маврид доғи судӣ, ки аллакай муҳлаташ гузаштааст, барои имконияти ишғоли вазифаи муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян монеа эҷод мекунад.

Хусусияти оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ дар он аст, ки маҳдудиятҳои муқарраршаванда на аз худи доғи судӣ, балки аз хусусиятҳои ҷинояти қаблан содиршуда, аз ҷумла табиати моддӣ, дараҷаи вазнинӣ ва шакли қасд вобастаанд. Илова бар ин, то бекор ё барҳам хӯрдани доғи судӣ рафтори субъект наметавонад ба қатъ гардидани чунин оқибатҳо таъсир расонад. Доғи судӣ дар ин ҳолат асоси баҳодиҳии манфии шахсият буда, баъзан ҳатто пас аз бардоштанаш низ ба инобат гирифта мешавад. Азбаски доғи судӣ марҳилаи хотимавии ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад, аҳаммияти оқибатҳои умумиҳуқуқии он дар ин ҷанба бо мавқеи В.И. Селиверстов

мувофиқ аст, ки маҷбурсозии давлатӣ дар шакли ҳуқуқӣ пеш аз ҳама тавассути маҳдуд намудани амалишавии ҳуқуқ ва манфиатҳои умумишаҳрвандӣ ифода меёбад.

Дар чаҳорчӯбаи ноил гардидан ба мақсадҳои ҷазо ва ислоҳшавӣ зарур аст, ки на танҳо ҳуқуқҳои шахс маҳдуд карда шаванд, балки иҷрои ҳаматарафаи уҳдадориҳо талаб карда шавад. Нақши доғи судӣ дар ифодаи хосиятҳои умумиҳуқуқии шахсият, ки як қатор маҳдудиятҳоро дошта, ба вазъи ҳуқуқии ӯ таъсир мерасонад, зоҳир мегардад [82, с. 42].

Аҳаммияти оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судиро аз будаш зиёд қадр кардан номумкин аст, аммо ҳангоми ҳама муайяниятҳои меъёрӣ маҳдудият дар бисёр қонунҳо ва соҳаҳои ҳуқуқ ҷой гирифтаанд. Аз ин рӯ дар баъзе адабиёти ҳуқуқӣ изҳор дошта шудааст, ки зарурияти қабули санади меъёрӣ ҷой дорад, ки он ҳамаи уҳдадориҳо ва маҳдудиятҳои шахси ҷазоадокарда ва доғи судӣ доштаро, ҳамчунин оқибатҳои ҳуқуқии аз доғи судӣ бамиёномадаро муттаҳид месозад [60, с. 255].

Оид ба масъалаи мазкур аз тарафи мо пурсиш гузаронида шуд. Пурсиши кормандони муассисаҳои ислоҳӣ нишон дод, ки оид ба қабули санади меъёрии муттаҳидкунандаи оқибатҳои ҳуқуқии доғи судӣ нишон дод, ки танҳо 26,8% респондентон онро мусбӣ қабул карданд, 23,1% онро рад карданд. Аммо 50,1% чунин меҳисобанд, ки қонун лозим аст, аммо дар он бояд танҳо оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ муқаррар гарданд.

Аз ин хотир, ақидаи А.М. Яковлев шоистаи таваҷҷуҳ аст, ки ҳанӯз солҳои 60-уми асри XX қайд намуда буд, ки институти доғи судӣ ду ҷанбаи гуногун дорад, ки ба баҳои мустақил эҳтиёҷ дорад: ҳуқуқии ҷиноятӣ ва ҳуқуқии маъмурӣ. Рушди минбаъдаи ин институт бояд ба самти кам гардидани аҳаммияти ҳуқуқии маъмурӣ ва зиёд гардидани аҳаммияти ҳуқуқии ҷиноятӣ майл намояд [108, с. 35].

Ба ҳар ҳол дар замони ҳозира ҳаҷми маҳдудиятҳои умумиҳуқуқӣ бузург буда, ба баррасии мушаххас эҳтиёҷ доранд.

Дар ибтидо мавҷудияти доғи судӣ ба як қатор ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрванд, хусусан ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан монеа эҷод мекунад.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудиятҳои марбут ба ҳуқуқи интихоботӣ дар натиҷаи доштани доғи судӣ якхела муқаррар нагардидаанд.

Масалан, тибқи б. 3 м. 27 Конститутсияи ҶТ «шаҳрвандоне, ки мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот ва райъпурсӣ иштирок кардан надоранд» [1].

Тибқи моддаи 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [20] ба мансаби Президент шаҳрвандоне, ки доғи судӣ доранд ва он мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонун бардошта ё ботил карда нашудааст, пешбарӣ шуда наметавонанд.

Тибқи моддаи 33 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 декабри соли 1999 [15] шахсоне, ки бо ҳукми суд дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ нигоҳ дошта мешаванд ва шаҳрвандоне, ки доғи судиашон бардошта нашудааст, ҳуқуқи ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон номзад шуданро надоранд.

Тибқи моддаи 26 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» аз 10 декабри соли 1999 [15] шаҳрвандоне, ки доғи судиашон бардошта нашудааст, ҳамчунин шаҳрвандоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои барқасдонаи вазнин ва махсусан вазнин маҳкум шудаанд, новобаста аз гузаштани муҳлат ва бардошта шудани доғи судиашон наметавонанд номзадиашонро ба вакилӣ пешбарӣ намоянд.

Аз муқаррароти моддаҳои болозикр бармеояд, ки дар ҳамаи қонунҳои интихоботӣ нисбати шахсони дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ қарордошта

маҳдудияти ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан пешбинӣ мегардад, аммо на ҳамаи ин қонунҳо он оқибати умумиҳуқуқии доғи судиро пешбинӣ мекунанд, ки ҳатто пас аз бардоштан ва барҳам хӯрдани он амал мекунанд. Дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» маҳдудияти ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол бо сабаби бардошта нашудани доғи судӣ пешбинӣ шуда бошад ҳам, оид ба маҳдудиятиҳои вобаста ба барҳам хӯрдани доғи судӣ чизе гуфта нашудааст. Аз таҳлили қонунҳои интихоботӣ чунин бармеояд, ки шаҳрвандоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои барқасдонаи вазнин ва махсусан вазнин маҳкум шудаанд, пас аз гузаштани муҳлат ва бардошта шудани доғи судиашон агар барои пешбарии номзадиашон ба Маҷлиси маҳаллии вакилони халқ ҳуқуқ надошта бошанд ҳам, аммо барои пешбарӣ кардани номзадиашон ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд, ки ин албатта тааҷҷубовар аст.

Аз ин рӯ, хуб мебуд, агар меъёрҳои ҳамаи қонунҳои интихоботӣ якхела карда шуда, бо ҳамдигар мувофиқ бошанд. Ҳамин тариқ, пешниҳод дорем, ки муқаррароти моддаи 26 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» оид ба маҳдудиятҳои умумиҳуқуқии пас аз бардошта шудан ва барҳам хӯрдани доғи судӣ ҷойдошта дар дигар қонунҳои интихоботӣ низ ҷой дода шавад.

Ба андозаи муайян мавҷудияти доғи судӣ ба амалигардонии ҳуқуқи шаҳрвандон ба маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳо, ки дар моддаи 29 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидааст, монеа эҷод мекунад. Тибқи қисми 4 моддаи 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳо» аз 31 декабри соли 2014 [23] шахсе, ки барои содир намудани ҷиноят ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ё қасдан содир намудани ҷиноят ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат доғи судӣ дорад, ҳуқуқ надорад, ки ташкилотчии оммавӣ бошад.

Тибқи моддаи 24 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист ва бозгашт ба он ҳуқуқ дорад» [1]. Аммо ин ҳуқуқи ӯ метавонад бо сабаби ҷой доштани доғи судӣ муваққатан маҳдуд карда шавад, агар шахс барои содир намудани ҷиноят маҳкум шуда бошад – то адои ҷазо ё то озод кардан аз ҷазо.

Мақсади монеа эҷод кардан ба мусофират – ин бечунучаро адо гаштани ҷазо мебошад, ки бо ҳукми суд бароварда шудааст ва аз байн бурдани имконияти ҷиноятkор оид ба саркашӣ кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Гузаштани муҳлати доғи судӣ ва муҳлати маҳдуд кардани мусофират мувофиқ намеоянд, зеро маҳдудиятҳои ҳуқуқии вобаста ба мусофират дар ҳолати адо кардани ҷазо ё озод кардан аз адои ҷазо қатъ мегардад ва барои он гузаштани муҳлати доғи судӣ талаб карда намешавад.

Дар ин маврид Г.Ю. Зинин пешниҳод дорад, ки ба қонунгузорӣ оид ба мусофират маҳдудият ҷорӣ карда шавад. Ин маҳдудият ба шахсоне паҳн гардад, ки ҷиноятҳои махсусан вазнин содир намудаанд. Моҳияти маҳдудият дар он зоҳир мегардад, ки ин шахсон дар муҳлати доғи судӣ доштан ва ҳатто пас аз адои ҷазо ё озод кардан аз ҷазо қаламрави мамлакатро тарк карда наметавонанд. Ин гуна шахсонро муаллиф ба ҷамъият хавфнок меҳисобад [151, с. 90]. Аммо набояд фаромӯш кард, ки ҳуқуқ ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд буда, ба категорияи ҳуқуқҳои шахсӣ ва фитрии инсон шомил буда, аз Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 сарчашма мегирад. Дар баробари ин маҳдудияти мусофирати шахси ҷазоро адонамуда, ё аз адои ҷазо озодшуда метавонад имконияти шаҳрвандро барои ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтан ва таъмини моддии оилаи худ маҳдуд созад.

Дар қаламрави мамлакат ҳуқуқу озодиҳои нисбатан комилро шаҳрвандон доранд. Шаҳрвандиро унсури муҳимтарини муносибати ҳуқуқии байни инсон ва давлат гуфтан мумкин аст. Қонунгузор баъзе истисноҳоро дар мавриди қабул намудан ба шаҳрвандӣ пешбинӣ менамояд, ки ба доғи судӣ вобаста аст. Асоси рад кардани ариза оид ба қабул ба шаҳрвандии

Тоҷикистон ва барқарор намудани шаҳрвандии Тоҷикистон содир намудани ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин дар қаламрави Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди он мебошад (моддаи 18 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи шаҳрвандии ҶТ»). Аз рӯйи муқаррароти мазкур аризаи шахси содирнамудаи ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин, новобаста аз бардошта шудан ё барҳам хӯрдани доғи судиаш рад карда мешавад.

Нуктаи назари қонунгузории миллӣ дар масъалаи мазкур асоснок арзёбӣ мегардад, зеро он бахри таҳкими асосҳои сохтори конститутсионии давлат нигаронида шудааст.

Хусусан гуруҳи калони маҳдудиятҳои вобаста ба доғи судӣ барои ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян монеа эҷод мекунад.

Мавҷудияти доғи судӣ барои дохил шудан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла суду прокуратура монеа аст.

Милитсия дар давлати мо бешубҳа нақши пешбарандаро дар низоми таъмини амнияти ҷамъиятӣ ишғол мекунад. Аз ин рӯ, тибқи банди 2 моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004 ба хизмати милитсия шаҳрвандоне, ки доғи судӣ доштанд ё доранд (сарфи назар аз муҳлати адои ҷазои таъиншуда, озод кардан аз адои минбаъдаи ҷазо, қабул ва татбиқи санади авф, ба истиснои онҳое, ки аз тарафи суд сафед карда ё бегуноҳ дониста шудаанд), қабул карда намешаванд [28]. Хизмат дар мақомоти милитсия имконнопазир аст ё қатъ мегардад дар ҳолате, ки ҳукми айбдоркунии суд ба қувваи қонунӣ медарояд. Маҳдудияти қабули шаҳрвандон ба мақомоти милитсия дар ҳолати мавҷуд будан ё доштани қаблии доғи судӣ аз он бармеояд, ки хизмат дар ин мақомот навъи махсуси хизмати давлатӣ мебошад. Ин хизмат ба иҷрои вазифаҳои муҳими ҷамъиятӣ равона гардида, бо амалигардонии функсияҳои калидии конститутсионӣ – таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва амнияти ҷамъиятӣ алоқаманд аст. Бо ҳамин сабаб кормандони милитсия дорои мақоми махсуси ҳуқуқӣ мебошанд ва қонунгузор ҳақ дорад нисбат ба сифатҳои шахсӣ ва касбии онҳо

талаботи иловагӣ муқаррар намояд. Чунин маҳдудиятҳо ҷузъи низоми махсуси ташкили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, ба нигоҳдории эътимоди ҷомеа ба милитсия ва таъмини фаъолияти устувори касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ нигаронида шудаанд.

Дар моҳи марти соли 2005 шаҳрванд А.Р. бо дархост оид ба барқарор шудан ба кор дар мақомоти милитсия ба сардори ШВКД ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе мурочиат кард. Дархости ӯ дар асоси моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи милитсия" рад карда шуд, зеро тибқи ин меъёр шахсоне, ки доғи судӣ доранд ё қаблан доштаанд, новобаста аз бардошта ё бекор гардидани он, ба хизмат дар мақомоти милитсия роҳ дода намешаванд. Судҳои зинаи якум ва кассатсионӣ қарорҳои мақомоти ваколатдорро қонунӣ донистанд.

Мурочиаткунанда минбаъд ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят бурда, изҳор намуд, ки муқаррароти моддаи 19 Қонуни мазкур ба кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқ ба интихоби касб ва дастрасии баробар ба хизмати давлатӣ мухолиф мебошад. Аммо Суди конститутсионӣ чунин даъворо беасос шуморида, таъкид намуд, ки давлат бо назардошти хусусияти махсуси хизмати мақомоти корҳои дохилӣ ҳуқуқ дорад талаботи махсус ҷорӣ намояд. Ин талабот ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба меъёрҳои Конвенсияи СБМ №111 (1958) мутобиқ буда, тибқи он фарқиятҳои ба талаботи касбӣ асосёфта табъиз ҳисобида намешаванд.Кормандони мақомоти амнияти миллӣ дар доираи ваколатҳои худ бар зидди терроризм, ҷиноятҳории муташаккилона, қочоқ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, силоҲ, маводи атомӣ ва қисматҳои онҳо ва дигар объектҳои назорати содиротӣ, ҳамчунин бо баъзе ҳуқуқвайронкуниҳо, ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидошта аз рӯйи тобеияти тафтишотӣ мубориза мебаранд, аз ин рӯ фаъолияти онҳо низ ба монанди фаъолияти кормандони милитсия хислати махсус дошта, бояд онҳо дар боварии мардум қарор дошта бошанд. Аз ин рӯ, хуб мебуд, ки

муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» оид ба маҳдудияти кор кардан дар ин мақомот бинобар доштани доғи судӣ бо хусусиятҳои хосаш дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ карда шавад. Аниқтараш, пешниҳод менамоем, ки муқаррароти мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун моддаи алоҳида ворид карда шавад: «Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонанд дар мақомоти амнияти миллӣ ба кор қабул карда шаванд, хизматчиёни ҳарбӣ ё ҳайъати шаҳрвандӣ метавонанд аз кор озод карда шаванд, агар дар замони ҳозира ё қаблан доғи судӣ дошта бошанд, агар нисбати онҳо таъқиботи судӣ вобаста ба гузаштани муҳлати ба ҷавобгарӣ кашидан гузашта бошад, вобаста ба оштӣ шудани тарафҳо, дар натиҷаи санади авф ё вобаста ба пушаймонӣ аз кирдор».

Хуб мебуд, ки муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» оид ба маҳдудияти кор кардан дар ин мақомот бинобар доштани доғи судӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ пешбинӣ карда шавад, зеро мақомоти амният дар доираи ваколатҳои худ бар зидди терроризм, ҷинояткории муташаккилона, қочоқ, муҳоҷирати ѓайриқонунӣ, муомилоти ѓайриқонунии воситаҳои нашъадор ва ғайра мубориза мебарад, ҳамчунин бо ҳуқуқвайронкуниҳо, ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидоштаи ба ҷиноятҳои тафтишоташон тобеи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд мубориза мебарад; дар огоҳонӣ, ошкоркунӣ, пешгирӣ ва кушодани ҷиноятҳое, ки таҳқиқ ва тафтиши пешакии онҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, иштирок мекунад ва дигар ваколатҳои бо қонун муқарраргардидаро амалӣ менамояд. Кормандони мақомоти амнияти давлатӣ бояд барои дигар кормандони ҳифзи ҳуқуқ намуна бошанд.

Барои қабул намудан ба кор дар Агентии назорати маводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷузъу томҳои минтақавии тобеи он дар асосҳои озмуни ихтиёрӣ ва қарордод шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд, ки на хурдтар аз синни 20-сола ва на калонтар аз сини 35 сола бошанд ва хизмати ҳарбиро аз рӯйи даъват адо кардаанд, ё худ калонтар аз синни 27 сола, ки хизмати ҳақиқии ҳарбиро адо накардаанд, дар қайди ҳарбӣ истодаанд, дар маҳалли истиқомат, хизмат, кор ё таҳсили худро бадном накардаанд, бо дараҷаи маълумот, сифатҳои шахсӣ ва кордонӣ, омодагии ҷисмонӣ ва вазъи саломатии худ қодиранд вазифаҳои ба зиммаашон гузошташударо ба ҷо оранд ва ба талаботи ҳатмии хизмат дар Агентӣ ҷавобгӯ бошанд.

Тибқи қисми 13 Низомномаи тартиб ва шартҳои адои хизмат аз ҷониби ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2000 доғи судӣ доштани шаҳрванд, сарфи назар аз бардоштани он асос барои радди бастани қарордод оид ба адои хизмат дар Агентӣ шуда метавонад. Аз мазмуни ин санад бармеояд, ки бардошта шудани доғи судӣ ҳамчун асоси рад кардани бастани қарордод номбар гардидаасту, дар бораи барҳам хӯрдани доғи судӣ чизе гуфта намешавад. Аз ин рӯ, пешниҳод дорем, ки дар қисми 13 Низомнома пас аз ибораи «сарфи назар аз бардоштани он» ибораи «ва ё барҳам хӯрдани он» илова карда шавад.

Таъмини назорати гумрукӣ ва хизмат дар соҳаи мазкур барои ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти калон дорад. Маҳдудият дар қабул ба кор дар мақомоти гумрукӣ ва хизмат кардан дар ин мақомот дар ҳолати мавҷуд будани доғи судӣ ҷой дорад. Масалан, тибқи банди 7 моддаи 483 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон [2] (Қабул ба хизмат дар мақомоти гумрук) аз 3 декабри соли 2004 «Ба хизмати гумрукӣ шаҳрвандоне, ки доғи суди доштанд ё доранд (сарфи назар аз муҳлати адои ҷазои таъиншуда, озод кардан аз адои минбаъдаи ҷазо, қабул ва татбиқи

санади авф, ба истиснои онҳое, ки аз тарафи суд сафед карда ё бегуноҳ дониста шудаанд), қабул карда намешаванд».

Тааҷҷубовар он аст ки дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014 [18] ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014 [19] маҳдудияти вобаста ба доштани доғи судиро ҳангоми даромадан ба кор дар ин мақомоти судӣ пешбинӣ нагардидааст, ҳол он ки дар таҷриба ҳангоми қабул намудани ҳуҷҷатҳо ба кор тариқи озмун маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ талаб карда мешавад.

Агар ба таҷрибаи қонунгузории Федератсияи Русия назар афканем, принсипҳои асосии истеҳсолоти судӣ талаботи баландро нисбати судя пешбинӣ менамояд, аз ин рӯ судяҳо танҳо шаҳрвандони Федератсияи Русия шуда метавонанд, ки доғи судӣ надоранд, ё таъқиботи ҷиноятӣ нисбати онҳо аз рӯйи ҳолатҳои реабилитатсионӣ қатъ гардидааст [151, с. 96].

Ба ҳар ҳол моддаи 14 қонуни аввал ва моддаи 18 қонуни дуюм мавҷудияти ҳукми айбдоркунандаро, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст, асоси бозхонд кардани судя медонанд.

Ба фикри мо дар сатҳи қонунгузорӣ ҷорӣ намудани маҳдудияти доғи судӣ доштан ҳангоми қабул намудан ба кор ба вазифаи пурмасъули судягӣ мувофиқи мақсад хоҳад буд. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки дар моддаи 8 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» банди алоҳида дар таҳрири зерин илова карда шавад: «Шахсоне, ки доғи судиашон бардошта нашудааст, ё барҳам нахӯрдааст, номзадиашонро ба вазифаи судягӣ пешбарӣ карда наметавонанд». Чунин маҳдудият боварии халқро нисбати намояндаи ҳокимияти давлатӣ мустаҳкам намуда, баҳри ҳифзи принсипҳои бунёдии асосҳои сохтори конститутсионӣ тадбири зарурӣ хоҳад буд.

Истеҳсолоти судӣ, новобаста аз тобеияти ҳуқуқии мақомоти амалигардонии он ҳамеша бояд ба адолат ва беғаразӣ асос ёбад. Судҳои ҳакамӣ аз номи ваколатҳои муайяни ҳокимиятиро амалӣ намуда, бояд ба талаботи нисбати онҳо пешбинигардида ҷавобгӯ бошанд.

Тибқи банди 4 моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» аз 5 январи соли 2008 «Шахси воқеие, ки дорои қобилияти пурраи амал нест, таҳти васоят ё парасторӣ қарор дорад ё доғи судӣ дошта, он бо тартиби муқаррарнамудаи қонун барҳам нахӯрдааст ё аз ӯ бардошта нашудааст, ҳаками суди ҳакамӣ шуда наметавонад» [32].

Прокуратура яке аз зинаҳои пешбари низоми ҳуқуқӣ дар давлат мебошад, аз ин рӯ қонун нисбати прокурорҳо талаботи баланд мегузорад. Масалан, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005 [17] моддаи 53 ин қонун чунин муқаррар мекунад: Шахсоне, ки барои ҷиноятҷкорӣ маҳкум шудаанд, ба истиснои шахсони сафедкардашуда аз ҷониби судҳо, наметавонанд ба вазифаи прокурор, ёрдамчии прокурор ва муфаттиши прокуратура таъин шаванд» [17]. Ё ин ки «агар прокурор аллакай вазифаҳои хизматиашро адо карда истода бошад, ӯ дар мавриди содир намудани ҷиноят, ки бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд муқаррар карда шудааст, пеш аз муҳлат аз вазифа озод карда мешавад» [17] (м. 16 Қонуни конститутсионӣ).

Аз меъёрҳои мазкур чунин бармеояд, ки қонунгузор дар ин маврид истилоҳи «доғи судӣ»-ро истифода намебарад ва танҳо онро дар назар дорад, ки шахсони барои ҷиноятҷкорӣ маҳкумшуда аллакай доғи судӣ доранд. Аммо ин ҷо як ҳолатро муайян кардан зарур аст, ки шахс ҳоло барои ҷиноятҷкорӣ маҳкум шудааст, ё қаблан маҳкум шудаан ҳам аҳаммият дорад? Агар ҳолати аввал ҷой дошта бошад, пас шахсоне, ки қаблан барои содир намудани ҷиноят маҳкум шудаанду, доғи судиашон бардошта шудааст, ё барҳам хӯрдааст, айни замон ҳуқуқ пайдо мекунанд, ки дар мақомоти прокуратура ба кор қабул карда шаванд. Агар ҳолати дуюм ҷой дошта бошад, пас шахси

барои ҷинояткорӣ ақаллан як бор маҳкумшуда, новобаста аз вақти содир намудани ҷиноят ва бардошта шудану барҳам хӯрдани доғи судӣ ҳуқуқи кор даромадан ба мақомоти прокуратураро гум мекунад.

Ба андешаи мо хуб мебуд, баҳри якхела маънидод кардани муқаррароти моддаи 53 Қонуни конститутсионӣ ишора ба он карда шавад, ки шахсони доғи судӣ дошта наметавонанд ба вазифаи прокурор, ёрдамчии прокурор ва муфаттиши прокуратура таъин шаванд. Агар қонунгузор лозим шуморад, ки бардоштан ва ё барҳам хӯрдани доғи судӣ ба маҳдудияти қабул ба кор дар мақомоти прокуратура бетаъсир боқӣ мемонад, пас бояд инро ҳам ишора намояд.

Мавҷудияти маҳдудият ҷиҳати кор даромадан ба мақомоти прокуратура аз рӯйи критерияи доғи судӣ адолатнок аст, зеро дар байни талаботҳои нисбати шахси ба вазифаи прокурор пешбинишаванда мавҷудбуда сифатҳои ахлоқӣ ва маънавӣ ҷой доранд, ки бо риоя ва таъмини риояи дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ доранд.

Умуман рад кардани шахсони доғи судӣ дошта ҷиҳати қабул ба кор дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба риояи манфиатҳои оммавӣ ва хусусӣ асос меёбад. Аҳаммиятнокии маҳдудиятҳои қабул ба кор ва хизмат кардан дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз нуктаи назари нигаҳдории обрӯю нуфузи ин мақомот низ ҷой дорад.

Ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд қисми ҷудонашавандаи давлати ҳуқуқбунёди муосир аст. Нақши муҳимро дар амалигардонии ин функсия адвокатҳо иҷро мекунанд. Онҳо ба монанди дигар иштирокчиёни истеҳсолоти судӣ бояд ба критерияҳои муайян ҷавобгӯ бошанд. Шахсе, ки бо қонунгузории ҷиноятӣ дар низоъ қарор гирифтааст, наметавонад манфиатҳои шахсони алоҳидаро объективона баҳо диҳад ва ҳифз намояд. Аз ин рӯ, тибқи банди 2 моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолити адвокатӣ» аз 18 марти соли 2015 [24] шахс ҳуқуқи соҳиб шудан ба мақоми адвокат ва машғул шудан ба

фаъолияти адвокатиро надорад, агар барои содир кардани ҷиноят маҳкум шуда бошад.

Хизмати ҳарбӣ низ наметавонад аз тарафи баъзе шахсони доғи судӣ дошта сурат гирад. Тибқи банди 4 қисми 1 моддаи 30 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 январи соли 2021 [33] онҳое, ки барои содир кардани ҷиноят бо ҳукми суд ба ҷазои аз озодӣ маҳрум сохтан маҳкум шудаанд, аз даъват ба хизмати ҳарбӣ озод карда мешавад. Дар ин модда номуайянӣ ҷой дорад: маълум нест, ки шахси аз озодӣ маҳрумшуда дар вақти маҳкумиаш ба хизмати ҳарбӣ даъват карда намешавад, ё тамоми вақт? Нуктаи дигарро таъкид намудан зарур аст. Шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанду, аммо суд нисбаташон ҷазои дигар (масалан, ҷарима ё корҳои ислоҳи) татбиқ намудааст, ба хизмати ҳарбӣ даъват карда мешавад. Аз як ҷиҳат ин равиши қонунгузор ба таъмини мудофиаи мамлакат мухолифат мекунад, зеро дидаю дониста шахси ҷинояткорро бовар намуда, ҳимояи марзу буми кишварро ба зиммаи ӯ вогузор мекунанд. Аммо аз ҷиҳати дигар, ҷорӣ намудани маҳдудияти даъват ба хизмати ҳарбӣ нисбати хашсони доғи судӣ дошта ба он оварда мерасонад, ки баъзе даъватшавандагон аз имконият истифода бурда, ҷиноятӣ, ҷиноятҳои начандон вазнин содир мекунанд, ки ҷазо барои онҳо маҳрум сохтан аз озодӣ намебошад. Бо ин роҳ маълумотномаи доштани доғи судӣ ба онҳо ҳамчун билети ҳарбӣ кӯмак намуда, онҳоро аз уҳдадории хизмати ҳарбӣ озод мекунад. Аз ин рӯ, бо ҳама камбудиҳояш муқаррароти банди 4 қисми 1 моддаи 30 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» дурусттар аст.

Мавҷудияти доғи судӣ на танҳо барои гузаштан ба кор дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки дар хизмати давлатӣ монеа эҷод мекунад. Масалан, тибқи моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007 [35] шаҳрванд ҳангоми доштани доғи судӣ барои ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиркарда наметавонад ба хизмати давлатӣ қабул карда шавад ва дар хизмати давлатӣ бошад. Ҳамчунин, агар шахс барои содир кардани

ҷиноятҳои қасдона маҳкум шуда бошад ё дар асоси моддаи 32 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (озод кардани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан) барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда бошад, ӯ ба хизмати давлатӣ қабул карда намешавад ё аз адои хизмати давлатӣ озод карда мешавад.

Дар фарқият аз қонунҳои дигар, ки вазъи ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқро муайян мекунанд, қонун дар бораи хизмати давлатӣ ду ҳолатро аз ҳамдигар фарқ мегузорад:

1) мавҷудияти монеа бо сабаби доштани доғи судӣ барои ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиркарда. Дар ин ҳолат шахс имкон дорад, ки пас аз бардошта шудан ва ё барҳам хӯрдани доғи судиаш боз хизмати давлатиро адо кунад.

2) мавҷуд будани монеа бо сабаби гирифтани доғи судӣ барои содир кардани содир намудани ҷинояти қасдона, ки бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд аст. Дар ин ҳолат шахс новобаста аз бардошта шудан ва ё барҳам хӯрдани доғи судиаш ҳуқуқи дар хизмати давлатӣ кор карданро надорад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26 июли соли 2014 [30] низ маҳдудиятро вобаста ба доғи судӣ муқаррар намудааст. Тибқи қисми 1 моддаи 39 Қонун «доғи судӣ барои содир намудани ҷинояти қасдона, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам нахӯрдааст ё бардошта нашудааст, асос барои ба шахси мансабдор ё шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон надодани рухсат ба сирри давлатӣ буда метавонанд» [30].

Қисми 3 моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 январи соли 2018 [27] маҳдудияти вобаста ба доғи судиро ҷиҳати баромадан аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад. Аз рӯйи банди мазкур «шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрванд, ки барои содир намудани ҷиноят маҳкум шудаанд, то адои ҷазо ё озодшавӣ аз ҷазо ҳуқуқи баромадан аз қаламрави ин мамлакатро надоранд» [27].

Моддаи 265 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016 [5] маҳдудиятро вобаста ба мавҷудияти доғи судӣ пешбинӣ намуда, чунин муқаррар мекунад, ки «ба хизмати граждании ба мансабе, ки ба иҷрои вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ ва хоҷагӣ алоқаманд мебошад, наметавонад шахсе қабул карда шавад, ки ҷинояти вазнин, махсусан вазнин содир карда, доғи судиаш бардошта нашудааст» [5].

Доғи судӣ ҳангоми таъин шудан ба вазифаи арбитр ба ҳисоб гирифта мешавад. Қисми 4 моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» аз 18 марти соли 2015 [15] зикр мекунад, ки «арбитр шахсе шуда наметавонад доғи судии бардоштанашуда ё барҳамнахӯрда дошта бошад» [16].

Барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ доғи судӣ ба инобат гирифта мешавад. Моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009 [34] муқаррар мекунад, ки ҳангоми пешниҳоди дархост барои гирифтани розигӣ аз ҷониби бонки хориҷӣ дар шакли хаттӣ бо забони давлатӣ эъломияи хаттии корманди роҳбарикунанда оид ба надоштани доғи судӣ, муфлис набудан, надоштани маҳдудият дар фаъолияти касбӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад [34].

Оқибати манфии доғи судӣ дар ҳолати танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ ҷой дорад. Маҳдудиятҳои муайян дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 [7] пешбинӣ гардидаанд. Масалан, моддаи 127 Кодекс муқаррар мекунад: «шахсоне, ки ҳангоми фарзандхондӣ барои содир кардани ҷинояти қасдона доғи судӣ доранд, ҳуқуқи ба фарзандхондӣ қабул кардани кӯдакро надоранд» [8]. Ҳамчунин, «падару модаре, ки бар зидди ҳаёт ва саломатии фарзандони худ ё саломатии ҳамсари худ қасдан ҷиноят содир карда бошанд, метавонанд аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шаванд» [8] (м. 69 Кодекс). «Маҳрум гаштан аз ҳуқуқи падарию модарӣ ҳамчунин ба он асос мегардад, ки ин ашхос ҳуқуқи ба фарзандхонӣ гирифтани кӯдакро гум мекунанд» [8] (қ.2 моддаи 148 КО ҶТ).

Маҳдудияти дигари Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷой доштани доғи судӣ ин аст: агар муқаррар гардад, ки «шахси ба балоғатрасидаи қобили амал нисбати шахси барои додани алимент уҳдадоршуда қасдан ҷиноят содир кардааст, суд метавонад ситонидани алиментро барои шахси болиғи қобили амал рад намояд» [8] (м. 120 КО ҶТ).

Қисми 4 моддаи 69 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» аз 29 апрели соли 2006 [26] маҳдудиятро вобаста ба мавҷудияти доғи судӣ муқаррар намуда, муқаррар мекунад, ки «агар дар ҷавоби хаттии шӯъбаи корҳои дохилӣ қайд шуда бошад, ки аризадиҳанда ҳангоми додани ариза таҳти тафтишоти пешакӣ ва баррасии судӣ қарор дорад ва ё доғи судиаш бардошта нашудааст, мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ хоҳиши аризадиҳандаро оид ба иваз намудани насаб, ном ва номи падар рад менамояд» [26].

Доғи судӣ аз ҷумлаи зухуроти бисёрҷанбаи ҳуқуқӣ буда, ба маҳкумшуда на танҳо натиҷаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, балки маҳдудиятҳои умумиҳуқуқиро низ бор менамояд. Ин маҳдудиятҳо дар шакли танг шудани доираи ҳуқуқу озодиҳои шахс зоҳир шуда, дар қонунгузории соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар ҳуқуқи конститутсионӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ, оилавӣ ва ғайра, пешбинӣ мегарданд.

Чунин маҳдудиятҳо бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зиддият надоранд, зеро санадҳои мазкур дар доираи шартҳои муайян иҷозати маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳоро ба хотири манфиатҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ менамоянд. Аз ин рӯ, оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ дар худ ҳадафҳои иҷтимоии муҳимро таҷассум намуда, дар шароити ҷомеаи мо аҳаммияти амалӣ доранд.

Шумора ва гуногуннавъии ин оқибатҳо зарурати гурӯҳбандиро ба миён меорад. Яке аз таснифоти асоснок гурӯҳбандии онҳо аз рӯйи мақсади муқаррар карданашон мебошад.

Тибқи ин меъёр, оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд:

1)маҳдудиятҳо дар дастрасӣ ба мансабҳо ва вазифаҳо дар мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ, инчунин дар хизмати давлатӣ;

2) маҳдудиятҳо дар иштирок дар фаъолияти вобаста ба амнияти ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи саломатии аҳолӣ;

3)маҳдудиятҳо дар иҷрои баъзе уҳдадориҳо ё масъулиятҳо дар муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ.Ҳамин тариқ, аз навиштани параграфи мазкур чунин хулоса баровардан мумкин аст:

1) Таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки маҳдудиятро вобаста ба доштани доғи судӣ муқаррар мекунад, нишон медиҳад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба факти маҳдуд сохтани ҳуқуқу озодиҳои шахсро вобаста ба доғи судӣ ҳар хел арзёбӣ мекунад. Инҳоро мо метавонем ба чунин гуруҳҳо тақсим намоем:

а) Ҳуқуқу озодиҳои шахсе маҳдуд карда мешавад, ки танҳо айни замон доғи судӣ дорад, яъне доғи судиаш бардошта нашудааст ва барҳам нахӯрдааст. Дар ҳолати бардошта шудан ва барҳам хӯрдани доғи судӣ маҳдудият низ бардошта мешавад (масалан, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» аз 5 январи соли 2008, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»);

б) Ҳуқуқу озодиҳои шахсе маҳдуд карда мешавад, ки доғи судӣ дорад ё дошт, яъне маҳдудият новобаста аз барҳам хӯрдан ва ё бардошта шудани доғи судӣ боқӣ мемонад (масалан, Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи шаҳрвандии ҶТ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолити адвокатӣ»);

в) Ҳуқуқу озодиҳои шахсе маҳдуд карда мешавад, ки айни замон доғи судӣ дорад ва доғи судиаш бардошта нашудааст. Аммо муқарраротe пешбинӣ

нашудааст, ки дар ҳолати барҳам хӯрдани доғи судӣ маҳдудияти шахс бардошта мешавад Дар бораи ва барҳам нахӯрдааст (масалан, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи тартиб ва шартҳои адои хизмат аз ҷониби ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон);

г) Ҳуқуқу озодиҳои шахсе маҳдуд карда мешавад, ки айни замон доғи судӣ дорад ва доғи судиаш бардошта нашудааст. Аммо агар шахс барои содир кардани ҷинояти барқасдонаи вазнин ва махсусан вазнин маҳкум шуда бошад, новобаста аз гузаштани муҳлат ва бардошта шудани доғи судиаш маҳдудият боқӣ мемонад (масалан, Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ»);

ғ) Ҳуқуқу озодиҳои шахсе маҳдуд карда мешавад, ки барои содир намудани ҷиноятҳои мушаххас доғи судӣ гирифтаанд (масалан, Қонуни ҶТ «Дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳо»);

д) ҳуқуқу озодиҳои шахсоне, ки ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, новобаста аз намуди ҷинояти содирнамудаашон маҳдуд карда мешаванд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ»);

е) ҳуқуқу озодиҳои шахсоне, ки нисбаташон ҳукми айбдоркунии суд ба қувваи қонунӣ даромадааст, маҳдуд карда мешаванд (Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»);

ё) Агар шахс доғи судиро аз беэъҳиётона содир намудани ҷиноят гирифта бошад, маҳдудият танҳо дар вақти ҷой доштани доғи судӣ мемонад, аммо агар қасдона ҷиноят содир кунад, маҳдудият новобаста аз бардошта шудан ва ё барҳам хӯрдани доғи судӣ боқӣ мемонад (масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ»);

ж) Ҳуқуқу озодиҳои шахс бо факти содир намудани ҷиноят/ҷинояти қасдона аз тарафи ӯ маҳдуд карда мешавад, новобаста аз он ки кай ӯ ҷазоро адо мекунад ва кай доғи судиаш бардошта мешавад ё барҳам мехурад (масалан, Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

2) Дар ҳамаи қонунҳои интихоботӣ нисбати шахсони дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ қарордошта маҳдудияти ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан пешбинӣ гардида бошад ҳам, аммо на ҳамаи ин қонунҳо оқибати умумиҳуқуқии доғи судиро пешбинӣ мекунанд, ки пас аз бардоштан ва ё барҳам хӯрдани он амал кунанд;

3) Аз таҳлили қонунҳои интихоботӣ чунин бармеояд, ки шаҳрвандоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои барқасдонаи вазнин ва махсусан вазнин маҳкум шудаанд, пас аз гузаштани муҳлат ва бардошта шудани доғи судиашон агар барои пешбарии номзадиашон ба Маҷлиси маҳаллии вакилони халқ ҳуқуқ надошта бошанд ҳам, аммо барои пешбарӣ кардани номзадиашон ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд, ки ин албатта тааҷҷубовар аст. Аз ин рӯ, хуб мебуд, агар меъёрҳои ҳамаи қонунҳои интихоботӣ якхела карда шуда, бо ҳамдигар мувофиқ бошанд. Вобаста ба ин пешниҳод дорем, ки муқаррароти моддаи 26 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» оид ба маҳдудиятҳои умумиҳуқуқии пас аз бардошта шудан ва барҳам хӯрдани доғи судӣ ҷойдошта дар дигар қонунҳои интихоботӣ низ ҷой дода шавад.

4) Тааҷҷубовар аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» маҳдудиятро ҷиҳати ба кор қабул кардан дар ин мақомот бинобар доштани доғи судӣ пешбинӣ намудааст, чунин маҳдудият дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ нагардидааст, ҳол он ки дар таҷриба барои ба кор кадоромадан дар мақомоти амният маълумотномаи доғи судӣ талаб карда

мешавад. Аз ин рӯ пешниҳод менамоем, ки муқаррароти мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун моддаи алоҳида ворид карда шавад: «Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонанд дар мақомоти амнияти миллӣ ба кор қабул карда шаванд, хизматчиёни ҳарбӣ ё ҳайъати шаҳрвандӣ метавонанд аз кор озод карда шаванд, агар дар замони ҳозира ё қаблан доғи судӣ дошта бошанд, агар нисбати онҳо таъқиботи судӣ вобаста ба гузаштани муҳлати ба ҷавобгарӣ кашидан гузашта бошад, вобаста ба оштӣ шудани тарафҳо, дар натиҷаи санади авф ё вобаста ба пушаймонӣ аз кирдор».

5) Мавҷудияти маҳдудият ҷиҳати кор даромадан ба мақомоти прокуратура аз рӯйи критерияи доғи судӣ одилона аст, зеро дар байни талаботҳои нисбати шахси ба вазифаи прокурор пешбинишаванда мавҷудбуда сифатҳои ахлоқӣ ва маънавӣ ҷой доранд, ки бо риоя ва таъмини риояи дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ доранд.

# БОБИ 3. ПРОБЛЕМАҲОИ БАРҲАМ ХӮРДАН ВА БАРДОШТАНИ ДОҒИ СУДӢ ДАР ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

## 3.1. Проблемаҳои барҳам хӯрдани доғи судӣ

Доғи судӣ на танҳо оқибати ҳуқуқии маҳкум шудан ба ҷазои ҷиноятӣ мебошад, балки метавонад ба шахсияти ҷиноятсодиркарда таъсири ҷиддии иҷтимоӣ ва ахлоқӣ расонад. Мавҷудияти доғи судӣ аксар вақт боиси ба вуҷуд омадани эҳсоси нобаробарӣ, камқиматӣ ва маҳдудшавии имкониятҳои иҷтимоии шахс мегардад. Шахсе, ки доғи судӣ дорад, метавонад ҳангоми ҷустуҷӯи ҷойи кор, иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ, иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ ё барқарор намудани муносибатҳои муқаррарии шаҳрвандӣ ба мушкилоти ҷиддӣ дучор шавад.

Ҳатто дар ҳолатҳое, ки шахс пас аз адои ҷазо рафтори худро куллан тағйир дода, роҳи ҳаёти қонунии меҳнатӣ ва иҷтимоиро интихоб менамояд, дар шуури ҷамъиятӣ ӯ аксар вақт ҳамчун шахси «дороии доғи доимӣ» пазируфта мешавад. Ин ҳолат метавонад ба равандҳои одатнамоӣ ва ислоҳи иҷтимоии маҳкумшуда монеа эҷод намояд ва эҳтимоли бозгашт ба рафтори зиддиҳуқуқиро зиёд созад.

Бо назардошти чунин паҳлуҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва психологӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи доғи судиро на танҳо ҳамчун институти ҷазодиҳӣ, балки ҳамчун мувозинати байни манфиатҳои ҷомеа ва ҳуқуқу озодиҳои шахс арзёбӣ мекунад. Аз ин рӯ, қонун тартиби ҳуқуқии барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судиро муқаррар намуда, ба шахс имконият медиҳад, ки пас аз гузаштани муҳлатҳои муқарраргардида ё дар ҳолатҳои махсус, вазъи ҳуқуқии худро пурра барқарор намояд.

Муқаррар намудани чунин механизмҳо дар қонунгузорӣ ба принсипҳои инсондӯстӣ, адолат ва сиёсати муосири ҷиноятӣ мутобиқат намуда, барои ҳавасмандгардонии рафтори қонунии маҳкумшудагон ва таъмини устувории иҷтимоӣ аҳамияти муҳим дорад.

Бо вуҷуди ин, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи муайян намудани навъҳои қатъшавии доғи судӣ баҳсталаб боқӣ мемонад. Як гурӯҳ олимон

маҳдудияти ин навъҳоро танҳо ба барҳам хӯрдан ва бардошта шудани доғи судӣ эътироф мекунанд [44, с. 293; 91, с. 293], дар ҳоле ки муҳаққиқони дигар, хусусан дар доираи рисолаҳои илмӣ, шумораи зиёди шаклҳои қатъшавии онро асоснок месозанд. Яке аз ин олимон Г.Х. Шаутаева мебошад, ки дар Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия панҷ намуди бекор кардани доғи судиро пешбинӣ мекунад:

1) доғи судӣ надошта эътироф намудани шахс;

2) адо кардани (барҳам хӯрдани) доғи судӣ;

3) бардоштани доғи судӣ;

4) тартиби истисноии бекор кардани доғи судӣ;

5) тартиби экстраординарии қатъ гаштани доғи судӣ вобаста ба бекор кардани ҳукми айбдоркунӣ [166, с. 8].

Ҳамин гуна таснифотро каме дертар Т.Ф. Минязева низ пешниҳод намуд [76, с. 525].

Таснифоти мазкур дар байни олимон эътирозҳои асоснокро ба миён овард. Масалан, С.З. Музафаров бо ин таснифот розӣ нашуда, қайд мекунад, ки ҳангоми тартиби экстраординарии бекор кардани доғи судӣ шахс беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад ва маҳкум мешавад. Дар ин ҳолат набояд доғи судӣ ба миён ояд. Дар зинаҳои кассатсионӣ, назоратӣ ва аз рӯйи ҳолатҳои навошкоршуда ҳукми айбдоркунии суд бекор карда мешавад, яъне саҳви суди зинаи поёнӣ ислоҳ карда мешавад. Ин ҷо масъалаи қатъ гаштани доғи судӣ ҷой надорад, балки сафедкунӣ баҳри барқарорсозии ҳуқуқи шахси бегуноҳ ҷой дорад, ки ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст. Ҳамин тавр, ин маънои онро дорад, ки он чизе ки набояд дар воқеият ҷой дошта бошад, мавҷуднабуда эътироф мегардад [158, с. 142]. Ба андешаи муаллиф қатъ гардидани доғи судӣ асосан дар ду намуд (шакл ё тарз) сурат мегирад: барҳам хӯрдани доғи судӣ ва бардоштани доғи судӣ. Дигар намудҳои қатъ гардидани доғи судӣ зернамудҳои бардоштан ва бекор кардани он мебошанд. Ин масъаларо ҳанӯз соли 1925 Раиси коллегияи кассатсионии Суди Олии Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии

Русия М.И. Челишев дар маърӯза оид ба кори Коллегияи ҷиноятӣ-кассатсионӣ аз рӯйи парвандаҳои аз судҳои асосӣ (главсудҳо), судҳои вилоятӣ ва судҳои губерниявӣ дар соли 1924 омада ва бо тартиби кассатсионӣ ва назоратӣ баррасишаванда қайд намуд, ки «ҳукми сафедкунӣ доғи судиро ба миён намеорад, зеро вай набояд қайд мегардид.. онҳо на танҳо бемақсаданд, балки дар оянда низ зарароваранд» [113, с. 180].

Инак, яке аз намудҳои қатъ гардидани доғи судӣ – ин барҳам хӯрдани он аст. Таърифи ҳуқуқии барҳам хӯрдани доғи судӣ ҳамчун яке аз намудҳои қатъшавии он аз моддаи 84 КҶ ҶТ баромада, адои ҷазои ҷиноятиро пешбинӣ мекунад. Барои барҳам додани доѓи судӣ «на қарори махсуси суд, на ҳуҷҷати дигаре, ки ин амри воқеъро тасдиқ менамояд, талаб карда намешавад. Барҳам додани доѓи судӣ беихтиёрона дар вақти гузаштани мӯҳлатҳои дар қонун нишондодашуда баъди адои ҷазо ё ин ки дар давраи тамом шудани мӯҳлати санҷиш дар ҳолати шартан татбиқ накардани ҷазо ба миён меояд» [86]. Барҳам хӯрдани доғи судӣ ба таври автоматӣ тибқи қисми 3 моддаи 84 КҶ ҶТ сурат мегирад ва дар ин ҳолат ҳеҷ ягон қарори судӣ лозим нест.

Вале дар таҷрибаи судӣ ҳолатҳое зиёде ҷой доранд, ки шахс ба суд барои барҳамхурда эътироф намудани доғи судӣ муроҷиат менамояд. Масалан, шаҳрванд А.Ҳ., ба суд бо дархост дар бораи барҳамхурда эътироф намудани доғи судӣ муроҷиат намуда нишон додааст, ки қаблан бо ҳукми суд бо б «б» қ. 3 м. 241 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шуда, ба муҳлати 5 сол маҳрум сохтан аз озодӣ, инчунин ба муҳлати 2 сол бо маҳрум кардан аз машғул шудан ба фаъолияти расмии сомонаҳо ва шабакаҳои интернетӣ дар ҳама гуна ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҷазо дода шуда, дар асоси м. 71 КҶ ҶТ ҷазои таъиншуда нисбаташ шартан татбиқ нагардида, ба ӯ ду солу шаш моҳ муҳлати санҷиш муқаррар карда шудааст. Дар ин давра, ӯ ҷазои муҳлати санҷишро пурра иҷро намуда, аммо марбут ба пеш аз муҳлат ва барҳам хурдани доғи судӣ ба суд муроҷиат накардааст. Айни замон барҳамхурда эътироф намудани доғи судӣ ба ӯ барои амалӣ намудани дигар оқибатҳои ҳуқуқӣ зарур мебошад. Бо ин асосҳо, аз суд хоҳиш намудааст, ки

дархост қонеъ карда шуда, муҳлати доғи судии ӯ барҳамхурда эътироф карда шавад. Суд низ дархости шаҳрванд А.Ҳ.-ро баррасӣ намуда, бо таъиноти худ доғи судии номбурдаро бинобар гузаштани муҳлати он барҳамхурда эътироф намудааст [175].

Дар мисоли дигар шаҳрванд Қ.Р., ба суд бо ариза муроҷиат намуда, онро чунин асоснок намудааст, ки ӯ дар асоси ҳукми суд бо қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шуда ва бо ин модда ҷазои ҷарима ба андозаи 1000 маоши ҳадди ақал баробар ба 20000 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шудааст. Ӯ маблағи ҷаримаи таъингардидаро ба андозаи 4000 сомонӣ пардохт намуда ва дар асоси таъиноти маҷлиси судӣ аз соли 2007 мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи авф» аз боқимондаи пардохти ҷазои ҷарима озод шудааст.

Дар айни замон доғи судие, ки ӯ доштааст дар асоси талаботи қонун зиёда аз 16 сол гузаштааст, аммо ҳангоми муроҷиат ба корхона, муассиса ва ташкилотҳои гуногун бо мақсади амали намудани ҳуқуқи конститутсиониаш ба меҳнат онҳо талаб менамоянд, ки дар бораи надоштани доғи судӣ маълумотнома пешниҳод намояд. Маълумотномаи мазкур барои ҳимоя намудани ҳуқуқҳои конститутсиониаш ба меҳнат лозим будааст. Бо ин асосҳо, аз суд хоҳиш намудааст, ки ариза қонеъ карда шуда, муҳлати доғи судии ӯ барҳамхурда эътироф карда шавад. Суд аризаи шаҳрванд Қ.Р.-ро баррасӣ намуда бо таъиноти худ бо сабаби гузаштани муҳлат доғи судии номбурдаро барҳамхурда эътироф намудааст [176].

Албатта, чунин амалия бо мазмуни м. 84 КҶ ҶТ мувофиқат наменамояд. Зеро барҳам хурдани доғи судӣ пас гузаштани муҳлатҳои дар моддаи мазкур муқарраршуда ба таври автоматӣ сурат мегирад ва дар ин маврид ягон таъиноти махсуси судӣ дар бораи эътирофи он талаб карда намешавад.

Яке аз аввалин кӯшишҳои илмӣ дар самти таърифи мафҳуми барҳам додани доғи судӣ ба номи Д.О. Хан-Магомедов вобаста аст. Ба андешаи ӯ, барҳам додани доғи судӣ ин гузаштани муҳлати муқаррарнамудаи қонун мебошад, ки пас аз адои пурраи чораҳои ҷазо (асосӣ ва иловагӣ) оқибатҳои

ҳуқуқии маҳкумият, яъне доғи судӣ, барои ҷинояти қаблан содиркардашуда ба ~~таври~~ автоматӣ бекор мегарданд [102, с. 40]. Ин таъриф, бо вуҷуди аҳамияти назариявии худ, дар шароити ташаккули ибтидоии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, бештар ба моҳияти расмӣ ва хронологии ин институт такя менамояд. Бо вуҷуди ин, аз нигоҳи қонунгузории муосири ҷиноятӣ ва таҳлили низомии институти доғи судӣ, таърифи пешниҳоднамудаи Д.О. Хан-Магомедов дорои хусусияти яктарафа мебошад. Сабаби асосии ин яктарафагӣ дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф барҳам хӯрдани доғи судиро танҳо ба гузаштани муҳлати муайян вобаста карда, дигар асосҳо ва ҳолатҳоеро, ки қонунгузорӣ онҳоро пешбинӣ менамояд, ба назар нагирифтааст. Дар қонунгузории ҷиноятии қаблӣ барҳам хӯрдани доғи судӣ танҳо яке аз ҳолатҳои қатъ гардидани он ба ҳисоб мерафт, дар ҳоле ки низоми муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ як қатор ҳолатҳо ва механизмҳои гуногуни аз байн рафтани доғи судиро эътироф менамояд.

Норасоии муҳими дигари ин таъриф дар он ифода меёбад, ки муаллиф шартҳои ҳатмии барҳам хӯрдани доғи судӣ-ро мушаххас накардааст. Аз ҷумла, дар таъриф зикр нагардидааст, ки барои барҳам хӯрдани доғи судӣ танҳо гузаштани муҳлат кофӣ нест, балки шахс бояд дар давоми муҳлати муқаррарнамудаи қонун ҷинояти нав содир накарда бошад. Ин шарт яке аз унсурҳои калидии институт мебошад, зеро маҳз он сатҳи ислоҳшавӣ ва рафтори қонунии шахсро пас аз адои ҷазо инъикос менамояд.

Аз ин рӯ, таърифи мазкур, гарчанде дорои аҳамияти назариявӣ бошад ҳам, ба талаботи қонунгузории муосири ҷиноятӣ пурра ҷавобгӯ набуда, зарурати такмили илмӣ ва бознигарии консептуалиро тақозо менамояд. Дар шароити имрӯза барҳам хӯрдани доғи судӣ бояд на танҳо ҳамчун натиҷаи гузаштани муҳлат, балки ҳамчун раванди ҳуқуқие, ки бо риояи шартҳои муайян ва бо дарназардошти рафтори минбаъдаи шахс алоқаманд аст, баррасӣ карда шавад.

С.И. Зелдов бошад, мафҳуми барҳам хӯрдани доғи судиро нисбатан дақиқ баён намуда, онро ҳамчун гузаштани муҳлати муқарраркардаи қонун

пас аз маҳкумшавӣ арзёбӣ мекунад, ки ба таври автоматӣ ҳолати доғи судии шахс ва оқибатҳои ҳуқуқии ба он вобастаро бекор мекунад, ба шарте ки дар ин муддат шахс ҷинояти нав содир накунад [150, с. 208]. В.В. Голина дар таҳқиқоти худ хусусиятҳои барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судиро дар доираи қонунгузории ҷиноятии қаблӣ мавриди таҳлили амиқ қарор дода, ба хулосае меояд, ки барҳам хӯрдани доғи судӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани маҷмӯи шартҳои муайян имконпазир мебошад. Ба андешаи муаллиф, ба чунин шартҳо, пеш аз ҳама, адои пурраи ҷазо, гузаштани муҳлати муқаррарнамудаи қонун барои барҳам хӯрдани доғи судӣ, инчунин содир накардани ҷинояти нав дар тӯли ин муҳлат мансуб мебошанд [51, с. 62].

Ин мавқеъ аҳамияти назариявии муҳим дорад, зеро В.В. Голина, бар хилофи баъзе таърифҳои формалӣ, барҳам хӯрдани доғи судиро танҳо ба омили вақт вобаста намекунад, балки онро ҳамчун натиҷаи рафтори қонунии шахс пас аз адои ҷазо баррасӣ менамояд. Махсусан таъкиди шартҳои содир накардани ҷинояти нав дар давраи муқаррааргардида нишон медиҳад, ки институт ба арзёбии сатҳи ислоҳшавии маҳкумшуда ва қобилияти мутобиқшавии иҷтимоии ӯ равона шудааст.

Ҳамин тариқ, мавқеи В.В. Голина барҳам хӯрдани доғи судиро ҳамчун институти мураккаби ҳуқуқӣ, ки омезиши унсурҳои формалӣ (адои ҷазо ва гузаштани муҳлат) ва унсурҳои моддӣ (рафтори қонунии минбаъдаи шахс)-ро дар бар мегирад, муаррифӣ менамояд. Ин равиш дар рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ташаккули меъёрҳои муосири қонунгузорӣ нақши назаррас бозидааст.

Барои дуруст ҳисоб кардани муҳлати доғи судӣ зарур аст, ки оғози онро муайян намоем. Доғи судиро баррасӣ намуда, А.И. Рарог қайд мекунад, ки барҳам хӯрдани доғи судӣ аз лаҳзаи воқеан адо кардани ҷазои асосӣ ва иловагӣ ҳисоб карда мешавад [97, с. 514]. А.Н. Игнатов қайд мекунад, ки «гузаштани муҳлати дар қонун ишорашуда пас аз адои ҷазо (асосӣ ва иловагӣ) доғи судиро барҳам медиҳад ва пас аз он шахс доғи судӣ надошта ба ҳисоб меравад» [76, с. 311].

Аҳаммияти ҷазои иловагиро барои барҳам додани доғи судӣ А.Л. Светинович қайд карда, чунин менависад: «Таъсири ҷазои иловагӣ ба барҳам хӯрдани доғи судӣ дар он зоҳир мегардад, ки гузаштани муҳлати он бо лаҳзаи оғози ҳисоби муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ муайян мегардад. Давомнокии муҳлати доғи судӣ дар қонун вобаста ба намуд ва муҳлати ҷазои асосӣ қайд гардидааст ва аз намуд ва андозаи ҷазои иловагӣ вобаста намебошад [165, с. 37]».

Бо ҳамин асос, муҳлати доғи судӣ ҳамчун институти ҳуқуқӣ танҳо пас аз он оғоз меёбад, ки шахс ҷазои таъиннамудаи судро пурра ё дар ҳаҷме, ки қонун иҷозат медиҳад, адо намуда бошад, новобаста аз он ки ҷазо асосӣ ё иловагӣ мебошад. То анҷоми иҷрои ҷазо ҳисоб намудани муҳлати доғи судӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст, зеро маҳз пас аз ин марҳила шахс ба давраи пас аз ҷазо ворид гардида, рафтори минбаъдаи ӯ ҳамчун нишондиҳандаи воқеии ислоҳшавӣ ва риояи қонун арзёбӣ мегардад. Муҳлати амал кардани доғи судӣ бошад, бо дарназардошти дараҷаи хавфнокии ҷинояти содиршуда муайян шуда, вобаста ба мансубияти он ба категорияҳои гуногуни ҷиноятҳо тағйир меёбад. Ҳар қадар ҷиноят дорои сатҳи баланди хавфнокии ҷамъиятӣ бошад, ҳамон қадар муҳлати муқарраршудаи доғи судӣ низ тӯлонитар пешбинӣ мегардад. Чунин танзим ифодаи равиши фарқнок ва инфиродии қонунгузор нисбат ба шахсони ҷиноятсодиркарда буда, ба талаботи адолати ҳуқуқӣ, фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ ва самти инсондӯстонаи сиёсати ҷиноятӣ мувофиқат мекунад.

Дар ин ҳолат қайд кардан зарур аст, ки барҳам хӯрдани доғи судӣ бояд ба ҳамаи категорияи шахсон паҳн гардад, ки барои содир намудани ҷиноят маҳкум шудаанд ва намудҳои гуногуни ҷазо гирифтаанд, ҳатто агар қисми ҷазоро адо карда бошанд ҳам. Ба ин феҳрист маҳкумшудагони ҳукми қатл гирифта ва якумра аз озодӣ маҳрумшударо дар бар намегирад, зеро хусусияти таъини ҷазо барои ин шахсон дигар аст. Аммо ҳангоми таҳлили моддаи 84 КҶ ҶТ он фактро баён намудан мумкин аст, ки дар он ҳамаи

шаклҳои имконпазири амалишавии ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки доғи судиро ба миён меоранд, мустаҳкам нагардидаанд.

Масалан, масъалаи қатъи доғи судӣ нисбати шахсе, ки вобаста ба бемории дигари вазнин аз адои ҷазо озод гардидааст (қ. 2 моддаи 79 КҶ ҶТ), ё бо сабаби ҳомиладор будан ва ё кӯдаки хурдсол доштани зан адои ҷазо нисбаташ мавқуф гузошта шудааст (м. 78 КҶ ҶТ) қариб ки ҳал нагардидааст. Ин ба он вобаста аст, ки дар ин ҳолат мафҳумҳои «шартан пеш аз муҳлат озод кардан аз адои ҷазо» ва ё «озод кардан аз адои ҷазо» ва «озод кардан аз адои минбаъдаи ҷазо»-ро омехта накунем.

Шартан пеш аз муҳлат озод кардан аз адои ҷазо дар моддаи 76 КҶ ҶТ пешбинӣ шуда, шакли мушаххаси ҳуқуқии ҷиноятии таъсири ҳуқуқии ҷиноятӣ нисбати шахсони ҷазои ҷиноятиро адокунанда бо асосҳои мушаххас, шартҳо, тартиб ва оқибатҳои татбиқи он мебошад. Яке аз шартҳо барои татбиқи моддаи 76 КҶ ҶТ воқеан адо кардани қисми ҷазои бо ҳукми суд додашуда мебошад, ки аз категорияи ҷинояти содиршуда вобаста аст. Оид ба пеш аз муҳлат озод кардан аз адои ҷазо қайд кардан зарур аст, ки ба он метавонад ҳолате дохил шавад, ки вақте шахси барои содир намудани ҷиноят маҳкумшуда ё аз адои минбаъдаи ҷазо озод мешавад, ё пурра аз адои ҷазо бо сабаби беморӣ, бахшиши ҷазо ё авф озод мешавад.

Ҳамчунин мафҳумҳои «озод кардан аз адои ҷазо» ва «озод кардан аз адои минбаъаи ҷазо» аз рӯйи мазмун бо ҳамдигар якхела нестанд. Фарқияти ин мафҳумҳо дар он мушоҳида мегардад, ки дар ҳолати аввал шахс воқеан бо сабаби беморӣ, мавқуф гузоштани адои ҷазо, ки ба занони ҳомиладор ва ё кӯдаки то ҳаштсола дошта татбиқ мегардад, ҳамчунин бо санади бахшиши ҷазо ва ё авф ҷазои бо ҳукми айбдории суд додашударо адо намекунад, дар ҳолати дуюм бошад, шахс воқеан қисми ҷазоро адо мекунад. Ҳамин тавр, дар як ҳолат меъёри пешбининамудаи қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ, дар ҳолати дигар бошад, қисми 4 моддаи 84 КҶ ҶТ татбиқ мегардад.

Чӣ тавре қайд карда будем, доғи судӣ аз рӯзи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд (унсури ҳуқуқии пайдоиши доғи судӣ) ба миён меояд,

оқибати ҳуқуқии доғи судӣ бошад, танҳо пас аз воқеан пурра ё қисман адои ҷазо аҳаммияти ҳуқуқии ҷиноятиро доро мегардад (унсури воқеии ба миён омадани доғи судӣ). Оид ба мухлати анҷомпазирии доғи судӣ гӯем, пас аксари олимон нуктаи назареро дастгирӣ мекунанд, ки тибқи он доғи судӣ пас аз барҳам хӯрдан ва бардошта шудан бо тартиби муқарраркардаи қонун оқибати ҳуқуқии ҷиноятии худро «гум» мекунад [149, с. 146].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мавқее ба назар мерасад, ки мувофиқи он шахсоне, ки нисбаташон муқаррароти қ. 2 м. 86 КҶ ФР (мутаносибан қ. 2 м. 84 КҶ ҶТ) татбиқ мегардад, ҳамчун шахсони доғи судӣ надошта эътироф мешаванд. Ба ин гурӯҳ, пеш аз ҳама, он шахсоне мансуб дониста мешаванд, ки аз адои ҷазо ба таври шартӣ ё бе ягон шарт озод гардидаанд. Мувофиқи ин равиш, азбаски ҷазо нисбат ба чунин шахсон иҷро нашудааст ё иҷрои он қатъ гардидааст, асоси ҳуқуқии ташаккули доғи судӣ низ ба вуҷуд намеояд.

Ба ин масъала В.А. Якушин таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таъкид мекунад, ки шахси аз ҷазо озодгардида, новобаста аз асосҳои чунин озодкунӣ, набояд ҳамчун дорои доғи судӣ баррасӣ карда шавад [81, с. 373]. Ба андешаи ӯ, маҳз мавҷуд набудани марҳилаи адои ҷазо боис мегардад, ки оқибатҳои ҳуқуқии маҳкумият, аз ҷумла доғи судӣ, нисбат ба чунин шахс татбиқ нагардад. Ин мавқеъ доғи судиро ҳамчун натиҷаи бевоситаи адои ҷазо маънидод намуда, онро аз худи факти маҳкумият ҷудо месозад.

Нуктаи назари мазкурро Л.В. Иногамова – Хегай низ дастгирӣ намуда, қайд мекунад, ки ҳангоми татбиқи мавқуф гузоштани адои ҷазо нисбати занони ҳомиладор ва занони кӯдаки хурдсол дошта муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ на тибқи моддаи 86 КҶ ФР (мутаносибан м. 84 КҶ ҶТ), балки тибқи моддаи 82 КҶ ФР (мутаносибан 78 КҶ ҶТ) муайян карда мешавад.

Ҳамчунин ӯ ба шахсони доғи судӣ надошта дар асоси қисми 2 моддаи 86 КҶ ФР (қ. 2 м. 84 КҶ ҶТ) шахсонеро дохил мекунад, ки дар асоси қисми 3 моддаи 81 (қ. 3 моддаи 79 КҶ ҶТ) ва моддаи 83 КҶ ФР (м. 81 КҶ ҶТ) доғи судӣ надошта эътироф мешаванд, ҳамчунин шахсонеро шомил мекунад, ки дар асоси моддаҳои 79, 80, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 81, моддаи 82 КҶ ФР (м.

76, 77, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 79 ва моддаи 81 КҶ ҶТ) аз ҷазо озод гардидаанд [153, с. 268].

Аммо бо ақидаи мазкур розӣ шудан душвор аст, зеро дар ҳолати мазкур барҳам хӯрдари доғи судӣ аз муҳлати давомияти иҷрои ҳукми айбдории суд вобаста аст. Тибқи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 79 КҶ ҶТ ва қисми 4 м. 81 КҶ ҶТ шахсоне, ки зери амали ин қисмҳо қарор мегиранд, бояд доғи судӣ надошта эътироф гарданд, агар онҳо аз ҷазо озод гарданд. Аммо чунин категорияи шахсон аз ҷазо озод намегарданд, балки аз адои ҷазо ё қисми адонакардаи ҷазо озод мегарданд.

Таҳлили шартҳои аз адои ҷазо озод кардан бо сабаби беморӣ, ҳомиладорӣ ё доштани кӯдаки хурдсол аз ҷониби зан нишон медиҳад, ки чунин озодкунӣ хусусияти муваққатӣ дошта, имконияти татбиқи минбаъдаи ҷавобгарии ҷиноятиро истисно намекунад. Шахсони мансуб ба ин категорияҳо метавонанд дар оянда ба адои ҷазои ҷиноятӣ ҷалб гарданд, агар муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунандаи суд мутобиқи талаботи моддаи 81 КҶ ҶТ нагузашта бошад. Ба ибораи дигар, дар чунин ҳолатҳо иҷрои ҷазо танҳо ба таъхир андохта мешавад, на он ки пурра бекор гардад.

Аз ин рӯ, хулоса баровардан мумкин аст, ки чунин шахсонро пешакӣ ва бечунучаро ҳамчун шахсони доғи судӣ надошта эътироф намудан мумкин нест. То замоне ки эҳтимоли татбиқи ҷазо нигоҳ дошта мешавад ва иҷрои ҳукм қатъ нагаштааст, оқибатҳои ҳуқуқии маҳкумият, аз ҷумла масъалаи доғи судӣ, метавонанд аҳамияти ҳуқуқии худро нигоҳ доранд. Ин ҳолат зарурати фарқгузории дақиқ миёни озодкунӣ аз адои ҷазо ва ба анҷом расидани пурраи муносибатҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқиро таъкид менамояд.

Аз ин рӯ, институти муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунандаи суд бо институти доғи судӣ робитаи мустақим ва ногусастанӣ дорад. Таҳлили ин ду институти ҳуқуқи ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки мавҷудият ё мавҷуд набудани доғи судӣ то андозаи зиёд ба масъалаи иҷро ё иҷро нашудани ҳукми айбдоркунандаи суд вобаста мебошад. Гузаштани муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунандаи суд боиси аз байн рафтани имконияти татбиқи ҷазои

ҷиноятӣ нисбат ба шахси гунаҳкор гардида, ҳамзамон имконияти ташаккул ёфтани оқибатҳои ҳуқуқии маҳкумият, аз ҷумла доғи судиро, истисно менамояд.

Баръакс, дар ҳолате ки шахс дар доираи муҳлати муқарраргардидаи иҷрои ҳукми айбдоркунандаи суд ба адои ҷазои ҷиноятӣ ҷалб карда мешавад, нисбат ба ӯ маҷмӯи оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазо ба миён меоянд, ки маҳз онҳо мазмуни ҳуқуқии доғи судиро ташкил медиҳанд. Ба ибораи дигар, доғи судӣ натиҷаи на танҳо худи ҳукми суд, балки пеш аз ҳама натиҷаи иҷрои воқеии ҷазо мебошад.

Танаффус ё қатъ гардидани ҷараёни муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунандаи суд худ аз худ боиси аз байн рафтани доғи судӣ намегардад, балки танҳо лаҳзаи ба вуҷуд омадани он-ро ба таъхир меандозад. Аз ин лиҳоз, масъалаи доғи судӣ бояд дар иртиботи зич бо институтҳои муҳлати иҷрои ҳукм ва иҷрои ҷазо баррасӣ карда шавад, зеро маҳз ҳамбастагии онҳо моҳияти воқеии ин институти ҳуқуқиро инъикос менамояд.

Ба ақидаи С.И. Зелдов «асосҳо барои гузаштани муҳлати мурур ва барҳам хӯрдани доғи судӣ низ монанданд – ислоҳ шудани шахс, аз байн рафтани ба ҷамъият хавфнокии ӯ, агарчи ин талабот ба шахс ҳангоми барҳам хӯрдани доғи судӣ нисбатан баланд аст» [56, с. 61].

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳар ду институти баррасишаванда хислати муҳлатнок доранд, зимнан муҳлати онҳо дар баъзе вобастагӣ қарор доранд. Агар доғи судӣ бо тартиби муқарраркардаи қонун бардошта нашуда бошад, ё барҳам нахӯрда бошад, пас вай муҳлати мурурро барои содир намудани ҷиноятҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ якхеларо маҳдуд месозад, агарчи ба ақидаи С.И. Зелдов «ҳисоб кардани муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ новобаста аз муҳлати мурур сурат мегирад» [56, с. 61-62].

Масалан, муҳлатҳои мурур, ки чандкаратагии кирдорро маҳдуд месозанд, метавонанд дар навбати худ бо барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ маҳдуд гарданд. Ин дар яке аз таъинотҳои Коллегияи ҳарбии Суди Олии ИҶШС тасдиқи худро ёфт. Дар он қайд гардида буд, ки «доғи судӣ барои

қаблан содир намудани таҷовуз ба номус, ки аз тарафи гунаҳкор содир шудааст, наметавонад такрорӣ ҳисобида шавад, агар муҳлати мурур гузашта бошад» [14, с. 31]. Ин хулоса аз тарафи суд бароварда шудааст, новобаста аз он ки ҳисоб кардани муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ новобаста аз муҳлати мурур сурат мегирад, мурур бошад муҳлатеро муайян мекунад, ки дар тӯли он ҷинояти қаблан содиршуда дар қатори дигар ҳолатҳои вазнинкунанда ва сабуккунандаи ҷиноят метавонад критерияи иловагии хислат ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят ва шахсияти гунаҳкорро ташкил диҳад. Аз ин рӯ, озод гаштан аз адои ҷазо бо сабаби гузаштани муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунандаи суд он вақт ҷой дорад, ки агар ҷазои аз тарафи суд таъингардида воқеан нисбати гунаҳкор татбиқ нашудааст, ҳол он ки муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ пас аз пурра ё қисман адо кардани ҷазо оғоз меёбад.

Ҳамин тариқ, ба вуҷуд омадани доғи судӣ бо иҷрои воқеии ҷазои ҷиноятӣ иртиботи мустақим дорад, дар ҳоле ки муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунандаи суд ҳамчун механизми ҳуқуқӣ имконияти татбиқи амалии ҷазоро маҳдуд ё комилан истисно менамояд. То замоне ки ҷазо дар амал иҷро нашудааст, асоси ташаккули оқибатҳои ҳуқуқии маҳкумият, аз ҷумла доғи судӣ, низ ба миён намеояд. Аз ин лиҳоз, муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунандаи суд нақши боздоранда нисбат ба иҷрои ҷазо дошта, ба таври ғайримустақим ба масъалаи мавҷудият ё мавҷуд набудани доғи судӣ таъсир мерасонад.

Дар масъалаи он ки оё гузаштани муҳлатҳои иҷрои ҳукми айбдоркунӣ ба барҳамхурии доғи судӣ таъсир мерасонад, ё не, Ю.М. Ткачевский чунин менависад: масъала оид ба барҳам хӯрдани доғи судии шахс, ки нисбаташ дар муҳлати мурур ҳукми айбдоркунӣ иҷро нагардидааст, бояд ба монанди воқеан адо кардани ҷазо ҳал карда шавад [87, с. 101]. Дар ин ҳолат ӯ қайд мекунад, ки «ҳолати аҷиб рух медиҳад: як шахс ҷазоро адо мекунаду, пас аз он боз доғи судидошта ҳисоб меравад, шахси дигар бошад ҷинояти ба ин монандро содир намуда, ҷазоро адо намекунад, ғайр аз он аз гирифтани доғи

судӣ озод мешавад! Фаҳмо нест ки барои чӣ дар баробари имтиёзҳои озод шудан аз ҷазо мухлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ бояд боз бо озод гаштан аз доғи судӣ вобаста бошад» [87, с. 101].

Аз як тараф муҳокимаи Ю.М. Ткачевский мантиқӣ аст, аммо дар ин ҳолат ба инобат гирифта намешавад, ки муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ назар ба муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ зиёдтар аст.

Агар шахс аз адои ҷазои ҷиноятӣ саркашӣ накарда бошад ва аз рӯйи асосҳои қонунӣ аз ҷазо озод шуда бошад (масалан, бо сабаби беморӣ) ва дар ин муддати тӯлонӣ ҷинояти нав содир накунад, оё ин оид ба ислоҳ шудани ӯ шаҳодат намедиҳад? Ба ақидаи мо агар маҳкумшуда дар муддати вақти тӯлонӣ (муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ) ҷинояти нав содир накунад, метавонад, ки доғи судӣ надошта эътироф шавад, агар дар ин ҳолат муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ гузашта бошад.

Оид ба таносуби муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунии суд ва барҳам хӯрдани доғи судӣ қайд кардан зарур аст, ки муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ дар аксари ҳолатҳо аз муҳлати мурур камтар аст. Ин ба он вобаста аст, ки онҳо пас аз он ҷорӣ мешаванд, ки дар давраи адои ҷазо нисбати гунаҳкор тадбирҳои шадиди ҷазодиҳӣ-тарбиявӣ андешида шуда, ӯ ба ҷамъият хавфнокиашро хотима бахшид [100, с. 206-207].

Аммо С.И. Зелдов оид ба ин масъала ақидаи махсуси худро баён кардааст, ки тибқи он таносуби мазкури муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ ва муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунандаи суд нодуруст аст, зеро вай самаранокии мубориза бо ретсидивҳоро паст бурда, шахси маҳкумшударо дар содир намудани ҷинояти нав дар муқоиса бо ҷинояткорони ошкорнашуда дар ҳолати илтиёздор мегузорад ва аз ин рӯ вай ба муқаррароти муҳимми қонунгузориии ҷиноятӣ, ки тибқи он содир намудани ҷиноят аз тарафи шахсе, ки қаблан доғи судӣ дошту, дар гузашта маҳкум нашуда буд, мухолифат мекунад [117, с. 8].

Оид ба ҳолати имтиёзноки маҳкумшуда дар муқоиса бо ҷинояткорони ошкорнашуда С.И. Зелдов онҳоеро дар назар дорад, ки пас аз гузаштани

муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ ҷиноят содир кардаанд. Аммо зарур аст дар назар дошта бошем, ки муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ бо чунин ҳисобу китоб муқаррар карда мешавад, ки пас аз гузаштани онҳо шахсони мазкур ҷинояти нав содир накунанд.

Ҳамин тариқ, агар ҷоришавии муҳлатро барои доғи судии қаблӣ қатъ накунем ва ин фактро эътироф намоем, пас тибқи қонунгузории ҷиноятии амалкунанда имконияти эътирофи ҷинояти нав содиргардидаро ретсидиви хавфнок ва махсусан хавфнок эътироф кардан душвор мегардад. Ин ба З.А. Незнамова имкон дод, ки қайд кунад, ки таҳрири моддаи 86 КҶ ФР (мутаносибан моддаи 84 КҶ ҶТ) «аз муносибати самимии қонунгузор нисбати масъалаи мазкур не, балки оид ба саҳв дар сохтори меъёри ҳуқуқии ҷиноятӣ шаҳодат медиҳад» [96, с. 469], Ю.И. Скуратов бошад изҳор медорад, ки Кодекси ҷиноятии нав «қариб ки институти бардоштани доғи судиро нисбати шахси барои содир намудани ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати зиёда аз 10 сол маҳкумшуда аз байн мебарад» [65, с. 15].

Ҳамин тариқ, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки шахсони дар асоси моддаи 78 ва қисмҳои 1 ва 2 моддаи 79 КҶ ҶТ аз ҷазо озодшуда метавонанд дар оянда ба адои ҷазо ҷалб шаванд, агар тибқи моддаи 81 КҶ ҶТ муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ нагузашта бошад. Аз ин рӯ категорияи шахсони мазкур доғи судидошта ба ҳисоб меравнд. Дар ин бобат Л.В. Иногамова – Хегай қайд мекунад, ки нисбати ин категорияи шахсон бояд шартҳои иловагӣ барои барҳам хӯрдани доғи судиашон пешбинӣ гарданд.

Муқаррароти қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ ба он категорияи шахсоне, ки аз адои ҷазо дар давраи иҷрои он озод мегарданд, паҳн намегардад. Агар шахс ҳатто қисми ҷазои таъиннамудаи судро адо карда бошад, пас барҳам хӯрдани доғи судӣ нисбати ӯ дар асоси қисми 4 моддаи мазкур сурат мегирад.

Ҳамин тариқ, барҳам хӯрдани доғи судӣ бояд танҳо дар асоси он меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ муайян карда шавад, ки бевосита қатъ гардидани

доғи судиро пешбинӣ мекунанд, меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятие, ки озод кардан аз ҷазо, озод кардан аз адои ҷазоро пешбинӣ мекунанд, мустақилона асос ва шартҳои қатъ гардидани доғи судиро пешбинӣ намекунанд, аз ин рӯ қатъ гардидани он бояд танҳо дар асоси моддаи 84 КҶ ҶТ сурат гирад. Қатъ гардидани доғи судӣ боиси ба миён омадани факти ҳуқуқии дахлдор – ҳодиса мегардад ва новобаста аз иродаи субъектони фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунанда ба миён омада, объективӣ мебошад. Агар баръакси ҳолро эътироф намоем, пас ба институти қатъ гардидани доғи судӣ ҳамаи моддаҳоро оид ба озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазоро шомил намудан мумкин мебуд, яъне дар ин ҳолат мазмуни институти баррасишаванда васеъ мегардид, ки ин ба андешаи мо манъ аст.

Инак, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи барҳам хӯрдани доғи судӣ равиши нисбатан мушаххасро пеша гирифта, дар қисми 2 моддаи 84 ҳолатҳоеро мушаххасан номбар мекунад, ки дар сурати ба миён омадани онҳо шахс доғи судӣ надошта ҳисоб мешавад: «а) дар сурати қабули санадҳои авф ё бахшиши ҷазо, агар дар ин санадҳо бардоштани доғи судӣ пешбинӣ шуда бошад - аз рӯзи эътибори қонуни пайдо кардани чунин санадҳо; б) дар сурати қабули санади авф ба шарте, ки он барои кирдори содиркардашуда татбиқ намудани ҷазоро бекор кунад ва ин ҳолат дар рафти мурофиаи судӣ ошкор шавад - аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунӣ; в) дар сурати қабул намудани қонуни нави ҷиноятӣ, ки ҷиноят будани кирдорро бартараф мекунад - аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани чунин қонун; г) дар сурати аз ҷазо озод кардани ноболиғон мувофиқи моддаи 90 ҳамин Кодекс - аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд дар бораи аз ҷазо озод кардани ноболиғ; д) дар сурати иҷро накардани ҳукми айбдоркунӣ - аз рӯзи гузаштани муҳлатҳои иҷрои ҳукми айбдоркунӣ» [3].

Муҳаққиқи ватанӣ С.З. Музафаров масъалаи таносуби қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русияро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки қисми 2 моддаи 86 КҶ ФР ба монанди қ. 2 моддаи 84 КҶ ҶТ мушаххас ва дақиқ нест, аз ин рӯ на танҳо баҳсро дар назария, балки

муаммоҳоро дар амалия пеш меорад. Аз ин хотир муаллиф бо мақсади мукаммал намудани танзими институти доғи судӣ ва бартараф намудани муаммоҳо дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ пешниҳод дорад, ки таҷрибаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонунгузории ҷиноятии Федератсияи Русия татбиқ карда шавад [158, с. 145-146].

Қисман озод кардан аз ҷазо ё дар ихтисор кардани он, ё дар озод кардан аз ҷазои асосӣ бо нигоҳ доштани ҷазои иловагӣ, ё иваз кардани ҳамаи ҷазоҳо ё қисми адонакардаи ҷазоро ба ҷазои сабуктар дар назар дорад. Масъала оид ба барҳам додани доғи судӣ дар ин ҳолат дар қисми 4 моддаи 84 КҶ ҶТ дуруст ҳал гардидааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар фарқият аз қонуни ҷиноятии баъзе мамлакатҳо КҶ ҶТ муқарраротеро пешбинӣ мекунад, ки тибқи он ҷорӣ шудани муҳлати доғи судӣ бо содир шудани ҷинояти нав қатъ мегардад. Аниқтараш, тибқи қисми 5 моддаи 84 КҶ ҶТ «Агар шахс то тамом шудани муҳлати барҳам додани доғи судӣ ҷинояти нав содир кунад, ҷараёни муҳлати барҳам додани доғи судӣ қатъ мегардад. Муҳлати барҳам додани доғи судӣ барои ҷинояти аввал пас аз адои воқеии ҷазо (асосӣ ва иловагӣ) барои ҷинояти охирин аз нав ҳисоб карда мешавад. Дар ин ҳолат то тамом шудани муҳлати барҳам додани доғи судӣ барои ҷинояти нисбатан вазнинтар шахс дорои доғи судӣ барои ду ҷиноят ҳисоб карда мешавад» [3]. Ин нуктаи назари қонунгузориро аксари олимон дастгирӣ мекунанд. Имконияти бо қонунгузорӣ танзим намудани қатъшавии ҷоришавии доғи судӣ нақши муҳимми профилактикӣ мебозад, барҳамхурии мухтори ҳар як доғи судӣ ҳаргиз ба кӯшиши рафтори фармондардори қонун буданро ҳавасманд намегардонад. Кӯшиши қонунгузор оид ба мубориза бо ҷиноятkории ретсидивӣ бо роҳи муқаррар кардани ҷазои нисбатан сахт барои ретсидив ва режими нисбатан сахти муассисаҳои ислоҳӣ ба дараҷаи муайян бо муқаррар кардани тартиби нави барҳамхурии доғи судӣ номуваффақ мегардад [118, с. 46].

Ба ақидаи мо ин нуктаи назар одилона аст. Дар ҳақиқат, азбаски ретсидив доғи судии барҳамнахӯрда дорад, пас барҳам хӯрдани он дар як вақт (ба таври автоматӣ) ретсидивро низ барҳам медиҳад. Таъин намудани намуди муассисаҳои ислоҳӣ дар як қатор ҳолатҳо аз мавҷудияти ретсидиви ҷиноят вобаста аст (бандҳои «г», «д», «е» қими 5 ва банди «а» моддаи 58 КҶ ҶТ). Пас, бо назардошти он ки ҳар як доғи судӣ мустақилона барҳам мехурад, А.Ю. Маршенов пешниҳод менамояд, ки дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ва судҳо бояд низоми назорат аз болои барҳамхурии доғи судӣ ташкил карда шавад [157, с. 156]. Ин барои он лозим аст, ки аз рӯйи ченаки барҳамхурии доғи судии қаблӣ саривақт шахсони дахлдор аз муассисаҳои ислоҳии дорои низоми махсус ба колонияи ислоҳии дорои низоми сахт, аз он ҷо ба колонияи ислоҳии низоми пурзӯр ва аз он ҷо ба колонияи ислоҳии низоми умумӣ интиқол дода шаванд, зеро тибқи банди 7 моддаи 84 КҶ ҶТ «Барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ оқибатҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятиро беэътибор мегардонад» [3]. Бо ин роҳ баъзе маҳкумшудагон роҳи худро аз муассисаҳои ислоҳии дорои низоми махсус оғоз намуда, аз муассисаҳои ислоҳии низоми умумӣ озод мешаванд. Аммо ин ҳолат баъзе хавфу мушкилиҳои худро низ дорад. Фарз карда мешавад, ки аз як тараф ин шояд ба ислоҳшавии маҳкумшуда оварда нарасонад, аз тарафи дигар бошад, ин имкон медиҳад ки шахси аввалин маротиба ҷиноятсодирнамуда бо ретсидиви ҷиноят, аз ҷумла бо ҷинояткорони касбӣ, ки паҳнкунандагони ақоиди криминалӣ мебошанд, алоқа пайдо намояд. Ғайр аз ин, назорат бурдан аз болои барҳамхурии доғи судӣ дар амалия душвор аст, аз ҷумла дар шароити серкории судҳо.

Ин гуна шартҳои маҳдудкунандаи барҳамхурии доғи судӣ дар қонунгузории баъзе мамлакатҳои хориҷӣ дида мешаванд. Масалан, дар моддаи 133-12 КҶ Фаронса қайд мегардад, ки дилҳоҳ шахс, ки барои ҷиноят, кирдори ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷазо дода мешавад, метавонад ё аз рӯйи қонун дар ҳолати пешбининамудаи КҶ Фаронса (барҳам хӯрдани доғи судӣ),

ё бо тартиби судӣ (бардоштани доғи судӣ) тибқи муқаррароти Кодекси мурофиавии ҷиноятии Фаронса реабилитатсия гирад.

Реабилитатсия аз рӯйи қонун (барҳам хӯрдани доғи судӣ) ба шахси воқеии маҳкумшуда дода мешавад, ки дар тӯли вақти муайян барои ҷиноят ё кирдори ношоям маҳкум нашудааст:

б. 1. Ҳангоми таъини ҷарима ё ҷарима-рӯз – дар тӯли 3 сол аз рӯзи пардохти ҷарима ё ҳаҷми умумии ҷарима-рӯз, гузаштани мухлати ба посбонӣ гирифтан, ки моддаи 131-25 пешбинӣ мекунад, ё бо гузаштани муҳлати мурур;

б. 2. Ҳангоми бори аввал таъини ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на зиёда аз 1 сол – 5 сол аз рӯзи иҷрои ҷазо, ё гузаштани муҳлати мурур;

б. 3. Ҳангоми бори аввал аз озодӣ маҳрум шудан ба муҳлати на зиёда аз 10 сол, ё ҳангоми такроран маҳкум шудан ва ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 5 сол – пас аз 10 сол аз рӯзи иҷрои ҷазои таъиншуда, ё бо гузаштани муҳлати мурур [42].

Инак, барҳам хӯрдани доғи судӣ оқибати ноил гардидан ба мақсадҳои ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Шахс пас аз адои ҷазо дар муддати барҳамхурии доғи судӣ ҷинояти нав содир намекунад, ё судро бовар мекунонад, ки бо рафтори бенуқсонаш ба ҷамъият дигар хавфнок нест ва бо ин роҳ доғи судиаш бардошта мешавад.

Ҳангоми баррасии табиати ҳуқуқии барҳам хӯрдани доғи судӣ қайд мегардад, ки барои амалишавии натиҷаҳои мусбии ислоҳшавӣ дар ҷараёни адои ҷазо қонуни ҷиноятӣ муҳлатҳои муайянро пешбинӣ мекунад, ки бо гузашти онҳо мақсадҳои ҷазо амалӣ мегарданд. Муҳлатҳои барҳамхурии доғи судӣ дар қисми 3 моддаи 84 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд. Мувофиқи моддаи мазкур «Доғи судӣ дар муҳлати зерин барҳам мехӯрад:

«а) ба маҳкумшудае, ки нисбати ӯ шартан татбиқ накардани ҷазо татбиқ карда шудааст баъди тамом шудани муҳлати санҷиш;

б) нисбати шахсоне, ки аз маҳдуд кардани озодӣ дида ба ҷазои сабуктар маҳкум шудаанд бо гузаштани як сол пас аз тамом кардани мӯҳлати таъиншудаи;

в) нисбати шахсоне, ки барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ба маҳдуд кардани озодӣ ва ё маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд – бо гузаштани се сол пас аз адои ҷазо;

г) нисбати шахсоне, ки барои ҷиноятҳои вазнин бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд – бо гузаштани панҷ сол пас аз адои ҷазо;

д) нисбати шахсоне, ки барои ҷиноятҳои махсусан вазнин ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд – бо гузаштани ҳашт сол пас аз адои ҷазо» [3].

Тибқи моддаи мазкур барҳам хӯрдани доғи судӣ аз намуди ҷазо вобаста аст, ки ба маҳкумшуда дода мешавад, дар ҳолати маҳкум намудан ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ бошад, аз категорияи ҷиноят низ вобаста аст.

Дар низоми ҷазои КҶ ҶТ критерияи вазнинии муқоисавӣ, аз нисбатан сабуктар ба сахттар ҷой дорад. Дар нигоҳи аввал барҳам хӯрдани доғи судӣ вобаста аз намуди ҷазо шубҳаро ба миён намеорад. Аммо, маълум аст, ки дар як қатор моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ санксияҳои алтернативӣ мавҷуданд, яъне ду ё зиёда намуди ҷазоҳо. Дар ин ҳолат муҳолифат бо принсипи адолат вобаста ба барҳар хӯрдани доғи судӣ ба миён меояд. Масалан, санксияи қисми 4 моддаи 319 КҶ ҶТ (Гирифтани пора) пештар ҷазоро дар намуди ҷарима дар ҳаҷми 12755 то 21900 сомонӣ ё ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз 7 то 12 сол бе ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти муайян ё ишғоли вазифаи муайян ба мӯҳлати 5 солро пешбинӣ намуда буд.

Дар асоси таҳлили санксияи мазкур мебинем, ки чӣ тавр доғи судӣ ҳангоми амалишавии ҷазо аз рӯйи моддаи мазкур барҳам мехурад. Ҳангоми таъин намудани ҷазои аз маҳдуд сохтани озодӣ нисбатан сабуктар аз рӯйи КҶ ҶТ мӯҳлати доғи судӣ бо гузаштани 1 сол аз рӯзи иҷрои он барҳам мехурад. Дар асоси банди «а» м. 47 КҶ ҶТ ҷарима ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ дар

ҷойи аввал меистад, яъне ҷазои аз ҳама сабуктар нисбат ба дигар ҷазоҳо ба ҳисоб меравад. Пас, агар суд чунин ҷазоро таъин кунад, муҳлати доғи судӣ дар асоси банди «б» қисми 3 моддаи 84 КҶ ҶТ бо гузаштани 1 сол пас аз иҷрои он барҳам мехурад. Дар ҳолати дигар, агар суд ҷарима нею, ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ таъин намояд, пас муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ вобаста ба категорияи ҷиноят муайян мегардад. Қисми 4 моддаи 319 КҶ ҶТ (Гирифтани пора) чунин ҷинояти вазнин ба ҳисоб меравад, зеро ҷазо барои он аз 12 соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест. Вобаста ба ин муҳлати доғи судӣ бо гузаштани 5 сол пас аз адои ҷазо барҳам мехурад.

С.З. Музафаров асоснок нишон медиҳад, ки дар низоми амалкунандаи қонунгузории ҷиноятӣ муҳлати доғи судӣ метавонад ҳатто барои як ҷинояти якхела вобаста ба навъи ҷазои таъиншуда чандин маротиба фарқ кунад. Дар сурати таъини ҷарима, доғи судӣ баъди як сол барҳам мехӯрад, аммо ҳангоми таъини 11 соли маҳрум сохтан аз озодӣ, шахс маҷмӯан 16 сол бо доғи судӣ боқӣ мемонад [158, с. 149].

Ин ҳолат ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки чунин танзим бо ғояи адолати ҷиноятӣ мутобиқ нест. Талаботи принсипи адолат, ки дар моддаи 8 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, тақозо мекунад, ки ҷазо ба хавфнокии ҷиноят ва шахсияти гунаҳкор мутаносиб бошад [3].

Ба андешаи Б.В. Епифанов, адолат бояд дар се сатҳ амалӣ гардад: ҳангоми ташаккули таркибҳои ҷиноятӣ, ҳангоми муайян намудани сохтори санксияҳо ва ҳангоми таъини ҷазо [54, с. 49]. Аммо дар баъзе санксияҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ин равиш пурра инъикос намеёбад.

Аз ин рӯ, барои таъмини риояи принсипи адолат ду роҳи эҳтимолии ислоҳ пешниҳод мешавад: ё кам кардани муҳлати маҳрум сохтан аз озодӣ бо истифодаи бештар аз ҷарима, ё хориҷ намудани ҷарима аз санксияҳои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, зеро маҳрум сохтан аз озодӣ нишондиҳандаи воқеии дараҷаи вазнинии ҷиноят мебошад.

Номукаммалии танзими муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ дар ҳолати татбиқи ҷазои “нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ” низ мушоҳида

мешавад. Дар моддаи 47 КҶ ҶТ ин навъи ҷазо дар зинабандии умумии ҷазоҳо байни маҳдуд сохтани озодӣ ва мусодираи молу мулк ҷойгир шудааст.

Барои мусодираи молу мулк масъалаи ҳисобкунии муҳлат баҳсталаб нест, зеро қисми 3 моддаи 48 КҶ ҶТ онро танҳо ҳамчун ҷазои иловагӣ муайян карда, оғози ҳисобкунии барҳам хӯрдани доғи судиро ба лаҳзаи озод шудан аз ҷазои асосӣ ва иловагӣ мепайвандад.

Вале дар мавриди нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ суоли муҳим пайдо мешавад: кадом меъёрҳо бояд барои муайян намудани муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ татбиқ шаванд? Бо назардошти он ки ин чора аз маҳдуд сохтани озодӣ сабуктар арзёбӣ намешавад, татбиқи формулаи “1 сол пас аз адои ҷазо” баҳснок менамояд. Барои мисол, дар моддаи 368 КҶ ҶТ (иҷро накардани фармон) ин ҷазо ба муҳлати то 2 сол муқаррар гардида, дар айни замон алтернативаи маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ нашудааст.

Мушкилоте ба миён меояд, ки чӣ тавр категорияи ҷиноят ва муҳлати барҳамхурии доғи судӣ муайян карда шавад.

Ин масъала дар Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон аз 17 августи соли 1961 [9] ҳалли худро ёфта буд.

Тибқи қисми 8 моддаи 54 ин Кодекс (барҳам хӯрдани доғи судӣ) шахсоне, ки ҷазоро дар баталонйои интизомӣ адо кардаанд, ё пеш аз муҳлат аз он ҷо озод шудаанд, инчунин хизматчиёни ҳарбие, ки ҷазоро ба ҷойи корҳои ислоҳкунӣ дар гаупвахта адо кардаанд суднашуда, яъне доғи судӣ надошта ба ҳисоб мераванд.

Аз муқаррароти меъёри мазкур бармеояд, ки шахс пас аз адо намудани ҷазо дар баталонйои интизомӣ, ҳатто агар пеш аз муҳлат аз он ҷо озод шавад ҳам, аз лаҳзаи озодшавӣ доғи судӣ надошта ба ҳисоб мерафт. Агар ин қоидаро ҷорӣ кунем, моро лозим меояд, ки ба қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ банди «е» бо таҳрири мазкур илова карда шавад: «дар сурати адо намудани ҷазои нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ ё пеш аз муҳлат аз ин ҷазо озод кардани маҳкумшуда».

Масъалаи дигар, ки дар банди «б» моддаи 84 КҶ ҶТ ҷой дорад. Доғи судӣ нисбати шахсоне, ки аз маҳдуд кардани озодӣ дида ба ҷазои сабуктар маҳкум шудаанд бо гузаштани як сол пас аз тамом кардани муҳлати таъиншудаи ҷазо барҳам мехурад. Аз ин меъёр бармеояд, ки «тамом кардани муҳлати таъиншудаи ҷазо» гуфта қонунгузор адои ҷазоро дар назар дорад. Аммо адо кардани ҷазо нисбати ҳамаи ҷазоҳо хос нест. Масалан, ҷарима адо не, балки иҷро мешавад. Ғайр аз ин, баъзе олимони ватанӣ [163, с. 6], ки масъалаи таъини ҷазоро дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ намудаанд, ба хулосае меоянд, ки бояд ҷазои маҳдуд сохтан аз озодӣ аз КҶ ҶТ бардошта шавад. Хусусан, А.А. Абдурашидов инро асоснок карда, қайд мекунад, ки татбиқи ҷазо дар намуди маҳдуд сохтан аз озодӣ бо имкониятҳои кофии ташкилию ҳуқуқӣ ва моддию техникии ҶТ мувофиқ намеояд [144, с. 8].

Аз ин рӯ, бо мақсади бартараф намудани нуқсони қонуни ҷиноятӣ пешниҳод дорем, ки бандҳои «б», «в» қисми 3 моддаи 84 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин қабул гардад:

«б) нисбати шахсоне, ки аз маҳрум сохтан аз озодӣ дида ба ҷазои сабуктар маҳкум шудаанд бо гузаштани як сол пас аз тамом кардани муҳлати таъиншудаи ҷазо;

в) нисбати шахсоне, ки барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд - бо гузаштани се сол пас аз адои ҷазо» [3].

Бо ин тартиб аз як тараф, муҳлати барҳамхурии доғи судии маҳкумшудагоне, ки ҷазои нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомиро гирифтаанд, муайян хоҳад гашт, аз тарафи дигар бошад, ҷазои ҷиноятии маҳдуд сохтан аз озодӣ, ки дар шароити мамлакат татбиқ шуданаш имконнопазир аст, аз моддаи 84 КҶ ҶТ, бардошта мешавад, зеро ин намуди ҷазо дар моддаи мазкур «беҳуда» истодааст.

Масъалаи вобаста ба барҳам хӯрдани доғи судӣ ҳангоми иваз намудани ҷазои таъиннамудаи суд низ ба миён меояд. Дар ҳолат қонуни ҷиноятӣ ду роҳи иваз намудани ҷаҳоро пешбинӣ менамояд:

1). Бо тартиби моддаи 77 КҶ ҶТ, ки он ҷо сухан дар бораи ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо меравад.

Оид ба муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ дар ин ҳолат якчанд нуктаи назар мавҷуд аст. Масалан, як гуруҳи олимон чунин меҳисобанд, ки азбаски тибқи б. «б» қ. 3 м. 86 КҶ ФР (мутаносибан «б» қ. 3 м. 84 КҶ ҶТ) муҳлати доғи судӣ ҳангоми маҳкум шудан ба ҷазои нисбатан сабуктар назар ба маҳрум сохтан аз озодӣ (аз рӯйи қонуни ҷиноятии мо – назар ба маҳдуд сохтани озодӣ) ба 1 сол баробар аст, пас ҳангоми иваз намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҷазои нисбатан сабуктар вай аз адои воқеии муҳлати маҳрум сохтан аз озодӣ вобаста нест ва ба як сол баробар аст [70, с. 160].

Чунин нуктаи назар баҳснок аст, зеро ҷазои нисбатан сабуктарро бояд аз рӯйи намуди ҷазои бо ҳукми суд таъиншуда амалӣ кард. Агар шахс қисми адонакардаи ҷазояш дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ барои содир намудани ҷинояти дараҷаи миёна бо ҷазои корҳои ислоҳӣ иваз карда шавад, пас муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ бояд аз рӯйи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ бо назардошти категорияи ҷиноят ҳисоб карда шавад [114, с. 83].

2). Таъини ҷазо метавонад бо ҷазои вазнинтар иваз карда шавад. Ин ҳолат мумкин аст, ки бо сабаби ашаддӣ саркашӣ намудан аз як қатор ҷазо сурат гирад.

Оид ба барҳам хӯрдани доғи судӣ дар ҳолати баррасишаванда Қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС «Оид ба ҳисоб кардани муҳлати барҳамхурии доғи судӣ» аз 18 марти соли 1970, №4 қабул намуда буд. Тибқи банди 1 он «доғи судии шахси ба корҳои ислоҳӣ бе маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда, ки нисбати ӯ ин чораи ҷазо бо маҳрум сохтан ааз озодӣ иваз карда шудааст, ҳамчун шахси бо корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда барҳам мехурад».

Мутаассифона, қонунгузории ҷиноятӣ масъалаи мазкурро танзим намекунад, аз ин рӯ бояд ҳалли он ёфта шавад.

Аз ин рӯ пешниҳод дорем, ки ба моддаи 84 КҶ ҶТ банди мазкур илова карда шавад: «Дар ҳолати иваз намудани қисми адонакардаи ҷазо ба ҷазои

нисбатан сабуктар (вазнинтар) муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ аз рӯйи намуди ҷазои дар аввал таъиншуда ҳисоб карда мешавад».

Масъалаи барҳам хӯрдани доғи судии ноболиғон хусусиятҳои худро дорад ва аз барҳамхурии доғи судии калонсолон фарқ дорад. Масъалаи мазкур дар боби 14 КҶ ҶТ танзим шудааст. Аз боби мазкур бармеояд, ки КҶ ҶТ нисбати ноболиғон муносибати махсус дорад. Тибқи м. 94 КҶ ҶТ «Барои шахсоне, ки то синни ҳаждаҳсолагӣ ҷиноят содир кардаанд, муҳлати дар қисми сеюми моддаи 84 ҳамин Кодекс пешбинигардидаи барҳам додани доғи судӣ ихтисор гардида, мутобиқан баробар аст ба

а) як сол пас аз адо намудани муҳлати маҳрум сохтан аз озодӣ барои ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна;

б) се сол пас аз адо намудани муҳлати маҳрум сохтан аз озодӣ барои ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин» [3].

Дар масъалаи боқимонда нисбати ноболиғон муқаррароти умумии моддаи 84 КҶ ҶТ татбиқ карда мешавад. Масалан, агар дар асоси қисми 1 моддаи 90 КҶ ҶТ «ноболиғе, ки барои содир намудани ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна маҳкум шудааст, мумкин аст аз ҷониби суд бо татбиқи чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта, ки дар қисми дуюми моддаи 89 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудааст, аз ҷазо озод карда шавад, нисбаташ муқаррароти б. «г» қисми 2 м. 84 КҶ ҶТ татбиқ гардида, ӯ доғи судӣ надошта ба ҳисоб меравад» [3]. Ё ин ки муқаррароти б. «а» қ. 3 м. 84 КҶ ҶТ нисбати ноболиғон низ бо ҳамин тартиб татбиқ карда мешавад, ки тибқи он «ба маҳкумшудае, ки нисбати ӯ шартан татбиқ накардани ҷазо татбиқ карда шудааст баъди тамом шудани мухлати санҷиш доғи судиаш бардошта мешавад» [3].

Дар ҳолатҳои муайян барҳам хӯрдани доғи судӣ он вақт гузарад, ки аллакай маҳкумшуда ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидааст. Аммо ҳисоб кардани мухлати доғи судӣ бояд аз рӯйи қоидаҳои моддаи 94 КҶ ҶТ сурат гирад.

Бояд қайд кард, ки «доғи судӣ барои ҷинояте, ки шахс то синни ҳаждаҳсолагӣ содир намудааст, ҳангоми эътирофи ретсидиви ҷиноят ба назар гирифта намешавад» [3] (қ.4 м. 21 КҶ ҶТ).

КҶ ҶТ муносибати инсондӯстона нисбати ноболиғон дорад, ки ин ба принсипҳои инсондӯстӣ ва адолат мувофиқ буда, синну сол ва рушди камолоти ноболиғонро ба назар мегирад.

Аз навиштани параграфи мазкур чунин хулоса баровардан мумкин аст:

1) Шахсони дар асоси моддаи 78 ва қисмҳои 1 ва 2 моддаи 79 КҶ ҶТ аз ҷазо озодшуда метавонанд дар оянда ба адои ҷазо ҷалб шаванд, агар тибқи моддаи 81 КҶ ҶТ муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ нагузашта бошад. Аз ин рӯ категорияи шахсони мазкур доғи судидошта ба ҳисоб меравананд.

2). Доғи судӣ нисбати шахсоне, ки аз маҳдуд кардани озодӣ дида ба ҷазои сабуктар маҳкум шудаанд бо гузаштани як сол пас аз тамом кардани муҳлати таъиншудаи ҷазо барҳам мехурад. Аз ин меъёр бармеояд, ки «тамом кардани муҳлати таъиншудаи ҷазо» гуфта қонунгузор адои ҷазоро дар назар дорад. Аммо адо кардани ҷазо нисбати ҳамаи ҷазоҳо хос нест. Масалан, ҷарима адо не, балки иҷро мешавад.

3) Дар масъалаи ҳисоб кардани муҳлати барҳамхурии доғи судӣ дар ҳолати таъини ҷазои ҷазои вазнин ба ҷазои сабук ва таъини ҷазои сабук ба ҷойи ҷазои вазнин пешниҳод дорем, ки ба моддаи 84 КҶ ҶТ банди мазкур илова карда шавад: «Дар ҳолати иваз намудани қисми адонакардаи ҷазо ба ҷазои нисбатан сабуктар (вазнинтар) муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ аз рӯйи намуди ҷазои дар аввал таъиншуда ҳисоб карда мешавад».

4) Бояд қайд кард, ки доғи судӣ барои ҷинояте, ки шахс то синни ҳаждаҳсолагӣ содир намудааст, ҳангоми эътирофи ретсидиви ҷиноят ба назар гирифта намешавад. Ин аз муносибати инсондӯстонаи қонунгузор нисбати ноболиғон шаҳодат дода, ба принсипҳои инсондӯстӣ ва адолат мувофиқ аст ва синну солу рушди камолоти ноболиғонро ба назар мегирад.

### 3.2. Проблемаҳои бардоштани доғи судӣ

Шакли дигари қатъ гардидани доғи судӣ ин бардоштани он мебошад. Ҳанӯз дар санадҳои давлати шӯравӣ дар солҳои 20-уми асри XX муносибати инсондӯстона бо баъзе категорияи шахсони ҷиноятсодиркарда ҷой доштанд. Ин дар он ифода меёфт, ки аз ин категорияи шахсон бо санади авф доғи судӣ бардошта шуда, дар натиҷа онҳо доғи судӣ надошта ҳисобида мешуданд. Чунин ҳолат ба он оварда расонид, ки баъдан дар Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои шӯравӣ аз соли 1958 институти бардоштани доғи судӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ ҷой дода шуд ва ин муқаррарот дар Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон аз 17 августи соли 1961 [9]. Аз ин рӯ, бардоштани доғи судӣ то гузаштани муҳлати муқаррарнамудаи қонун барои қонунгузории ҷиноятии кишварамон зуҳуроти нави беэътиборшавии оқибатҳои ҳуқуқӣ барои маҳкумшуда нест.

Моддаи 54 Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон аз 17 августи соли 1961 муқаррар карда буд, ки «агар шахсе, ки ба ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ маҳкум шудааст, баъд аз адо кардани ҷазо бо рафтори ибратбахш ва бо меҳнайт софдилона муносибат карданаш ислоҳ шудани худро исбот карда бошад, он гоҳ суд аз рӯйи илтимоси ташкилотҳои ҷамъиятӣ пеш аз гузаштани муҳлатҳои дар ҳамин модда нишон додашуда ҳам доғи судиро аз ӯ бардошта метавонад» [9]. Ба қонунгузории ҷиноятӣ ворид намудани муқаррарот оид ба бардоштани доғи судӣ бо мақсади шиддат бахшидан ба мубориза бо ҷиноятҳои махсусан вазнин ва ретсидивҳои хавфнок ва сабук кардани ҷазо барои ҷиноятҳои начандон вазнин амалӣ мегардад.

Кодекси ҷиноятии амалкунанда тартиби бардоштани доғи судиро ба таври назаррас тағйир дод ва имкон дод, ки дилхоҳ маҳкумшудагон, новобаста аз он ки ҷинояти содиркардаашон ба кадом категорияи ҷиноят мансуб аст, пеш аз муҳлат доғи судиашон бардошта шавад. Аниқтараш, тибқи қ. 6 м. 84 КҶ ҶТ «Агар маҳкумшуда пас аз адои ҷазо рафтори бенуқсон нишон диҳад, суд дар асоси илтимосномаи ӯ метавонад доғи судиашро то тамом шудани муҳлати барҳамдиҳии доғи судӣ, вале баъди гузаштани нисфи ин муҳлат бекор кунад» [3].

Бардоштани доғи судӣ чунин маъно дорад, ки бекор гардидани оқибатҳои ҳуқуқии маҳкумият на ба таври худкор, балки дар асоси қарори суд сурат мегирад. Моҳияти ин институт дар он ифода меёбад, ки он то фаро расидани мухлати барҳам хӯрдани доғи судӣ татбиқ шуда, ба мавҷудияти маълумоти боэътимод дар бораи рафтори бенуқсон ва қонунии шахс дар давраи пас аз адои ҷазо такя мекунад [142, с. 84]. Ба ибораи дигар, бардоштани доғи судӣ шакли пеш аз мухлат қатъ гардидани таъсири ҳуқуқии маҳкумият мебошад, ки бо арзёбии мусбати рафтори минбаъдаи маҳкумшуда алоқаманд аст.

Дар натиҷаи бардоштани доғи судӣ, оқибатҳои ҳуқуқии вобаста ба факти маҳкумияти шахс пурра беэътибор мегарданд ва ӯ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ дар ҳолате қарор мегирад, ки гӯё қаблан ҷиноят содир накарда бошад [115, с. 4-5]. Чунин натиҷа мақоми ҳуқуқии шахсро пурра барқарор намуда, тамоми маҳдудиятҳои ба доғи судӣ вобастаро аз байн мебарад. Аз ин ҷиҳат, бардоштани доғи судӣ на танҳо аҳамияти тартибию мурофиавӣ дорад, балки ҳамчун воситаи муҳими реабилитатсияи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии шахс низ баромад мекунад.

Дар адабиёти ҳуқуқии давраҳои гуногун се шакли бардоштани доғи судӣ ҳамчун шакли қатъгардии муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ муайян гардидааст:

1) Бардоштани доғи судии маҳкумшудагоне, ки ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро ба мухлати зиёда аз 10 сол гирифтаанд;

2) Пеш аз мухлат бардоштани доғи судӣ;

3) Бекор кардани доғи судӣ (аммо ба ақидаи баъзе аз олимон бекор кардани доғи судӣ шакли мустақили беэътибор донистани он мебошад).

И.Д. Перлов дар масъалаи бардоштани доғи судии шахсони ба зиёда аз даҳ сол маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда мавқеи хосро ишғол менамояд. Ба ақидаи ӯ, чунин бардоштани доғи судӣ шакли мустақил нест, балки яке аз зуҳуроти барҳам хӯрдани он ба ҳисоб меравад. Дар асоси ин равиш, муаллиф

танҳо ду шакли қатъ гардидани доғи судиро эътироф мекунад [79, с. 208-209].

Дар қонунгузории ҷиноятии қаблии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти бардоштани пеш аз муҳлат ва бардоштани доғи судӣ нисбат ба шахсоне, ки ба зиёда аз даҳ сол маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум гардида буданд, пешбинӣ мешуд. Ин равиш аз он шаҳодат медод, ки қонунгузор ҳатто нисбат ба маҳкумшудагони барои ҷиноятҳои вазнин ҷазо дида, эҳтимоли ислоҳшавӣ ва барқарор гардидани мақоми ҳуқуқии онҳоро рад намекард.

Қонунгузории ҷиноятии муосир бошад, ба масъалаи мазкур бо низоми возеҳтар ва мукаммалтар муносибат намуда, се шакли асосии бардоштани доғи судиро муқаррар намудааст. Якум, бардоштани доғи судӣ бо тартиби судӣ, ки дар асоси арзёбии рафтори минбаъдаи шахс ва бо қарори суд амалӣ мегардад. Дуюм, бардоштани доғи судӣ дар натиҷаи авф ё бахшиши ҷазо, ки бо санадҳои дахлдори мақомоти ваколатдор сурат мегирад. Сеюм, бардоштани доғи судӣ дар ҳолати декриминализатсияи кирдор, яъне ҳангоми аз ҷониби қонунгузор хориҷ гардидани кирдори қаблан ҷиноят эътирофшуда аз доираи қонунгузории ҷиноятӣ.

Ҳамин тариқ, қонуни ҷиноятии амалкунанда бардоштани доғи судиро ҳамчун механизми гуногуншакл ва мутобиқ ба тағйироти сиёсати ҷиноятӣ муқаррар намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахс ва таъмини адолати ҳуқуқӣ равона гардидааст.

Ҳамзамон, барои шахсоне, ки ҷиноятҳои махсусан вазнин содир намудаанд, бардоштани пеш аз муҳлат пешбинӣ нашуда, доғи судии онҳо танҳо бо гузаштани муҳлати муайян барҳам мехӯрад. Бо ин роҳ, нуқтаи назари И.Д. Перлов дар қонунгузории амалкунанда тасдиқи худро ёфтааст. Бо вуҷуди ин, амалияи судӣ нишон медиҳад, ки муроҷиат ба суд бо дархости пеш аз муҳлат бардоштани доғи судӣ нисбатан кам сурат мегирад.

Масалан, шаҳрванд Р.С., ба суд бо ариза муроҷиат намуда, онро асоснок кардааст, ки ӯ қаблан бо ҳукми суд бо қ. 2 м. 307[3] КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шуда, ба маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 5 сол ҷазо дода шуда,

дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз санаи 28 октябри соли 2019 аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шудааст. Маҳкумшуда қайд кардааст, ки пеш аз ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданаш омузгори муассисаи миёнаи умумӣ будааст ва мехостааст, ки фаъолияташкро идома диҳад. Бардоштани доғи судӣ барои идома додани фаъолияташ зарур будааст. Бо ин асос, аз суд хоҳиш намудааст, ки аризаи ӯ қонеъ карда шуда, мӯҳлати доғи судии ӯ, пеш аз мӯҳлат барҳам дода шавад.

Суд аризаи Р.С.-ро дар боари бардоштани доғи судӣ қонеъ намуда онро ба асос гирифтааст, ки аллакай зиёда аз нисфи мӯҳлати доғи судии ӯ барҳам хурда, бекор кардани он имконпазир мебошад. Зиёда аз ин аз тавсифномаи раиси маҳаллаи ҷойи истиқомати маҳкумшуда маълум гаштааст, ки шаҳрванд Р.С., рафтори бенуқсону намунавӣ дошта, дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок намуда истодааст.

Ҳамин тавр, суд маҷмуи далелҳои ба дастомадаро ба асос гирифта, бо назардошти ҷойдорӣ ва ҷойизии онҳо, инчунин бо назардошти он, ки доғи судии Р.С., аз рӯйи талаботи қ. 6 м. 84 КҶ ҶТ зиёда аз нисф барҳам хурдааст, қонеъ намудани аризаи ӯро мувофиқи мақсад донистааст [172].

Аксари маҳкумшудагон дар амалия оид ба шаклҳои бекор кардани доғи судӣ маълумоти кофӣ надоранд. Ю. Манаев қайд мекунад, ки «Институти бардоштани доғи судиро судҳо хеле кам истифода мебаранд» [127, с. 52], зеро ки шахсони ба озодӣ баромада ба суд бо илтимоснома оид ба бардоштани доғи судӣ муроҷиат намекунанд.

Татбиқи расмиёти бардоштани доғи судӣ, новобаста аз тағйирёбии қонунгузории ҷиноятӣ ва гуногуншаклии он дар марҳилаҳои мухталифи таърихӣ, ҳамеша бо иҷрои шартҳои мушаххас алоқаманд мебошад. Ин ҳолат бо табиати худи институт вобаста аст, зеро бардоштани доғи судӣ ҳуқуқи суд буда, ҳамчун уҳдадории ҳатмӣ муқаррар нашудааст. Дар натиҷа, суд метавонад бо назардошти дараҷаи ислоҳ шудани шахс ва дигар ҳолатҳои муҳим қарор қабул намояд.

Тибқи муқаррароти моддаи 54 КҶ РСС Тоҷикистон, барои бардоштани доғи судӣ иҷрои шартҳои зерин зарур дониста мешуд: маҳкумшавӣ ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ва адои пурраи он; нишон доданиислоҳи воқеӣ тавассути рафтори ибратбахш ва меҳнати софдилона; пешниҳоди илтимоснома аз ҷониби ташкилоти ҷамъиятӣ; инчунин муқаррар гардидани факти ислоҳ бо тартиби судӣ.

Гуфтан лозим аст, ки КҶ РСС Тоҷикистон ва умуман қонунгузории ҷиноятии ИҶШС пеш аз муҳлат бардоштани доғи судии шахсони маҳкумшудаеро, ки ҷазояшон бо маҳрум сохтан аз озодӣ вобаста нестанд, пешбинӣ накарда буданд.

Аммо дар адабиёти ҳуқуқӣ пешниҳодҳо буданд, ки аз рӯйи онҳо ба қонунгузории ҷиноятӣ меъёри нав илова карда шуда, тибқи он нисбати маҳкумшудагони сазоворгардидаи ҷазоҳои нисбатан сабуктар институти бардоштани доғи судӣ татбиқ карда шавад. Масалан, И.А. Бушуев корҳои ислоҳиро ҳамчун яке аз намудҳои ҷазои ҷиноятӣбаррасӣ намуда, пешниҳод карда буд, ки нисбати шахсони бо чунин намуди ҷазо маҳкумшуда бардоштани доғи судӣ татбиқ гардад [50, с. 194]. Муаллифони китоби дарсии қисми умумии фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки соли 1969 аз тарафи Донишгоҳи давлатии Москваи ба номи М. Ломоносов нашр шуда буд, пешниҳод карда буданд, ки нисбати шахсони бо ҷазоҳои сабуктар аз маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда бардоштани доғи судӣ истифода гардад [84, с. 367]. Пешниҳоди мазкур дар кодексҳои ҷиноятии мамлакатҳои пасошӯравӣ, хусусан, КҶ ҶТ дастгирӣ ёфт.

Тибқи қисми 6 моддаи 71 КҶ ҶТ «Агар маҳкумшуда бо гузашти на камтар аз нисфи муҳлати санҷиш бо рафтори худ ислоҳ шуданашро исбот кунад, суд бо пешниҳоди мақомоти ба рафтори маҳкумшуда назораткунанда метавонад дар хусуси бекор кардани маҳкумӣ ва бардоштани доғи судӣ қарор қабул намояд» [3].

Шарти дуюми бардоштани доғи судӣ – адои ҷазои таъинкардаи суд мебошад. Аммо адо кардани ҷазо аз тарафи шахс чӣ маъно дорад? Ин ҷо он

ҳолате дар назар дошта мешавад, ки шахс воқеан ҷазои бо ҳукми суд таъиншударо пурра адо мекунад ё ин ки ҳисоби тақвимии онро дар назар дорад.

Мафҳуми адо намудани ҷазо, ба андешаи В.В. Голина, ҳолатҳои адои пурра ва қисмии онро фаро мегирад. Бо вуҷуди ин, воқеияти татбиқи ҷазо нишон медиҳад, ки маҳкумшуда метавонад пеш аз анҷоми муҳлати ҷазо аз он озод гардад, масалан, дар натиҷаи шартан пеш аз муҳлат озод шудан ё бинобар вазъи саломатӣ.

Дар чунин мавридҳо қисми боқимондаи ҷазо ба муҳлати санҷиш табдил ёфта, аҳаммияти мустақили ҳуқуқӣ пайдо мекунад. Тибқи назари Ю.М. Ткачевский, муҳлати санҷиш давраи арзёбии амалишавии мақсадҳои ҷазои ҷиноятӣ буда, ҳамзамон давомнокии таъсири таҳдиди ҳуқуқиро нисбат ба қисми адонакардаи ҷазо муайян мекунад ва дар ҳолати содир шудани ҷинояти нав метавонад ҳаҷми ҷазои ҳамроҳшавандаро муайян созад [88, с. 134-135].

Бо назардошти ин, бардоштани пеш аз муҳлати доғи судӣ танҳо баъд аз иҷрои пурраи қисми адонакардаи ҷазо, аз ҷумла ҷазои асосӣ ва иловагӣ, мумкин мебошад.

Оид ба таъсири ҷазои иловагӣ ҳангоми пеш аз муҳлат бардоштани доғи судӣ А.Л. Светинович қайд намудааст, ки «пеш аз муҳлат бардоштани доғи судӣ танҳо ҳангоми пурра адо кардани ҷазои иловагӣ имконпазир аст» [165, с. 37], В.В. Голина бошад, хулосабарорӣ мекунад, ки «то пурра гузаштани муҳлати ҷазои асосӣ ва иловагӣ масъалаи пеш аз муҳлат бардоштани доғи судиро гузоштан мумкин нест».

КҶ РСС Тоҷикистон аз с. 1961 ба ҳайси шарти муҳимми бардоштани доғи судӣ ислоҳ шудани маҳкумшуда (м. 54 Кодекс), қ. 6 м. 74 КҶ ҶТ бошад, «рафтори бенуқсон нишон додан»-ро номбар кардаанд. Аммо қонунгузор мафҳуми «рафтори бенуқсон»-ро нададааст ва қонуни ҷиноятии шӯравӣ низ мафҳуми «ислоҳ шудан»-и маҳкумшударо надода буд. Саволе ба миён меояд, ки оё ҳар ду мафҳум якхелаанд, баробарарзишанд?

Барои ин зарур аст, ки мафҳумҳои болозикрро таҳлил намоем. Азбаски рафтори бенуқсони шахси аз ҷазо озодгардидаро қонунгузор муайян накардааст, пас масъала оид ба рафтори бенуқсон ба таври фардӣ, вобаста ба ҳолатҳои воқеӣ муайян карда мешавад: ҷой надоштани ҳуқуқвайронкунӣ, ҷойи зисти доимӣ, мавҷудияти ҷойи кор ва даромади қонунӣ гирифтан, тавсифномаи мусбӣ аз ҷойи кор ва ҷойи истиқомат ва ғайра.

Агар ислоҳ гардидани шахсро ҳамчун яке аз шартҳои пеш аз муҳлат бардоштани доғи судӣ тибқи Кодекси ҷиноятии соли 1961 баррасӣ намоем, метавон ба хулоса омад, ки қонунгузори он давра ба арзёбии рафтори минбаъдаи шахси аз ҷазо озодшуда аҳаммияти махсус медод. Маҳз рафтори ӯ дар марҳилаи баъдиислоҳӣ ҳамчун нишондиҳандаи асосии дараҷаи ислоҳшавӣ баррасӣ мегардид. Дар ин давра рафтори шахс дар соҳаи маишӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва фаъолияти меҳнатӣ ба инобат гирифта шуда, таҳлили ҳамаҷонибаи кирдорҳои ӯ анҷом дода мешуд. Чунин равиш имконият медод, ки хулоса на танҳо аз рӯйи набудани вайронкуниҳои қонун, балки бо назардошти мутобиқшавии иҷтимоӣ ва риояи меъёрҳои ҳамзистии ҷамъиятӣ бароварда шавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалаи таҳқиқи нишонаҳои аз ислоҳшавии шахс шаҳодатдиҳанда бардошта мешавад.

Ба ақидаи В.В. Голина «дар ҳолати пеш аз муҳлат бардоштани доғи судӣ мафҳуми ислоҳ гардидани шахсро на танҳо натиҷаҳои мусбии дар вақти адои ҷазо бадастомадаро фаро мегиранд, балки мустаҳкам гардидани онҳо дар шароити ҳаёти муътадилро низ фаро мегирад, вақте ки асосҳои рафтори намунавӣ ва муносибати бошарафона ба меҳнат, ки пештар ҳам буданд, қисми ҷудонашавандаи хислатҳои шахсияти инсон, ниёзи ҳаётии ӯ гардидаанд [51, с. 118]».

Ҳамин тариқ, нишонаи ислоҳ шудани шахс рафтори қонунӣ ва муносибати шарафмандона ба меҳнат ва таълим буданд. Рафтори қонунии маҳкумшуда рафтори ӯро дар муносибатҳои меҳнатӣ ва соҳаи маишӣ дар назар дошт. Муносибати шарафмандона бо меҳнат бошад, муносибати ӯро бо

кор, такмили ихтисоси ӯ, иштирок дар ҳаёти ҷамъиятиро дар назар дорад [149, с. 168].

Аммо дар шароити муосир, ки бо рушди иқтисоди бозорӣ ва афзоиши шумораи шахсони бекор тавсиф меёбад, муносибати шарафмандона ба меҳнат наметавонад ҳамчун меъёри универсалӣ ва асосииислоҳшавии маҳкумшуда баррасӣ гардад. Набудани ҷойи кор дар бисёр ҳолатҳо аз иродаи шахс вобаста набуда, ба омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии беруна марбут аст. Аз ин рӯ, такяи мутлақ ба нишондиҳандаҳои меҳнатӣ метавонад ба арзёбии нодурусти дараҷаи ислоҳшавии шахс оварда расонад.

Дар чунин шароит ворид намудани талаботи «нишон додани рафтори бенуқсон» моҳияти ин шартро ба таври ҷиддӣ тағйир медиҳад. Ин мафҳум имконият медиҳад, ки ислоҳшавии маҳкумшуда на танҳо аз рӯйи иштироки ӯ дар фаъолияти меҳнатӣ, балки бо назардошти маҷмӯи омилҳо, аз ҷумла риояи қонун, иҷрои уҳдадориҳои шаҳрвандӣ, муносибат бо атрофиён ва тарзи зиндагии иҷтимоии ӯ арзёбӣ карда шавад. Чунин равиш ба воқеиятҳои иҷтимоии замони муосир мутобиқ буда, арзёбии ҳамаҷониба ва одилонаи рафтори шахсро таъмин менамояд.

Ба ақидаи мо «рафтори бенуқсон» бояд рафтори шахсро дар давраи баъдиислоҳӣ дар бар гирад, хусусан рафтори ӯро дар соҳаи маишӣ, оё ӯ кор мекунад ё не, нақши ӯ дар ҷамъият чӣ гуна аст, муносибати ӯ бо оила ва тарбия ва ғайра. Танҳо ҳангоми муқаррар намудани ин ҳолатҳо суд метавонад масъалаи пеш аҳ муҳлат бардоштани доғи судиро ҳал намояд.

Вале дар баъзе мавридҳо судҳо ҳангоми қонеъ намудани дархости маҳкумшуда оид ба пеш аз муҳлат бардоштани доғи судӣ асосан ба гузаштани зиёда аз нисфи муҳлати доғи судӣ диққат дода, ба ҷой доштани «рафтори бенуқсон»-и маҳкумшуда чандон таваҷҷуҳ зоҳир наменамоянд. Масалан, суд илтимосномаи маҳкумшуда Н.А.-ро дар бораи пеш аз муҳлат бардоштани доғи судӣ қонеъ намуда асосан гузаштани зиёда аз нисфи муҳлати доғи судии ӯро ба асос гирифта дар таъиноти худ дарҷ намудааст, ки аз нусхаи ҳукми суди ноҳияи И.Сомонии ш.Душанбе, нусхаи маълумотномаи

муассисаи сукунат ва илтимосномаи маҳкумшуда дида мешавад, ки доғи судии ӯ аллакай зиёда аз нисф барҳам хурда, бекор намудани он имконпазир мебошад [174].

Вале дар таъиноти суд маълумотҳои аз «рафтори бенуқсон»-и маҳкумшуда шаҳодатдиҳанда мушаххас нишон дода нашудааст.

Ба ҳамин монанд, суд илтимосномаи маҳкумшуда Б.Б.-ро дар бораи пеш аз муҳлат бардоштани доғи судӣ қонеъ намуда дар таъиноти худро чунин асоснок намудааст: аз рӯйи муқаррароти м. 18 КҶ ҶТ суд муайян намуд, ки ҷинояти содирнамудаи Б.Б., ба гуруҳи ҷиноятҳои вазнин мансуб мебошад. Мутобиқи қ. 6 м. 84 КҶ ҶТ бошад, агар маҳкумшуда пас аз адои ҷазо рафтори бенуқсон нишон диҳад, суд дар асоси илтимосномаи ӯ метавонад доғи судиашро то тамом шудани муҳлати барҳамдиҳии доғи судӣ, вале баъди гузаштани нисфи ин муҳлат бекор кунад. Аз нусхаи ҳукми суди И. Сомонии ш. Душанбе, нусхаи маълумотнома ва илтимосномаи ба суд воридгардида дида мешавад, ки доғи судии Б.Б., аллакай зиёда аз нисф барҳам хурда, бардоштани он имконпазир мебошад. Аз ин рӯй, суд маҷмуи далелҳои ба дастомадаро ба асос гирифта, инчунин бо назардошти он ки доғи судии Б.Б., аз рӯйи талаботи қ. 6 м. 84 КҶ ҶТ зиёда за нисф барҳам хурдааст, қонеъ намудани илтимосномаи ӯро мувофиқи мақсад донист [173]. Дар ин таъинот низ ягон маълумот дар бораи рафтори бенуқсон доштани маҳкумшуда бевосита зикр карда нашудааст, яъне суд танҳо гузаштани нисфи муҳлати доғи судиро ҳамчун асоси бардоштани доғи судӣ ба ҳисоб гирифта ҷамъоварӣ намудани маълумотҳои аз рафтори бенуқсони маҳкумшуда дарак диҳанда ва дар чӣ ифода ёфтани он аз мадди назари суд дур мондааст.

Тағйир наёфтани мазмуни мафҳумҳои «ислоҳ шудан» ва «рафтори бенуқсон» боиси он намегардад, ки меъёрҳои арзёбии онҳо низ бетағйир монанд. Баръакс, ин меъёрҳо таҳти таъсири равандҳои сиёсӣ ва иқтисодии муосир, аз ҷумла гузариши ҷомеа ба иқтисоди бозорӣ, тағйир ёфтаанд. Дар

натиҷа, аломатҳое, ки ислоҳ шудани шахсро инъикос менамоянд, хусусияти дигар пайдо кардаанд.

Ин тағйирот дар тартиби пешниҳоди муроҷиат оид ба пеш аз муҳлат бардоштани доғи судӣ низ зоҳир мегардад. Дар гузашта чунин муроҷиат аз ҷониби коллектив ё ташкилоти ҷамъиятӣ пешниҳод шуда, нақши муҳими иҷтимоӣ дошт, зеро ифодаи фикри ҷамъиятӣ дар бораи ислоҳи шахс маҳсуб мешуд. Он ҳамчун натиҷаи таъсири тарбиявии коллектив ба шахсияти гунаҳкор баромад намуда, барои ӯ масъулияти маънавӣ нисбат ба рафтори минбаъдааш муқаррар менамуд.

Дар шароити кунунӣ бошад, қонунгузорӣ ташаббуси муроҷиатро ба худи шахси ҷазо адокарда ё ба наздикони ӯ месупорад, ки ин аз афзоиши нақши масъулияти инфиродӣ дар арзёбии ислоҳшавии шахс шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тавр, шахси маҳкумшуда бояд худаш масъалаи ислоҳ шудани худро муайян намояд. Вазифаи суд бошад, танҳо аз рӯйи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ҳал кардани масъалаи бардоштани доғи судӣ ё рад кардани чунин дархост мебошад. Дар ин ҳолат, баҳои воқеӣ додан ба рафтори бенуқсони шахс пас аз ислоҳ шуданаш барои суд хеле мушкил аст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки мафҳуми «рафтори бенуқсон» дар қонунгузорӣ пурра шарҳу тавзеҳ дода шавад. Ин барои он лозим аст, ки мақомоти судӣ тавонанд онро дар амалияи татбиқи ҳуқуқ дуруст истифода баранд.

Ғайр аз ин, барои пеш аз муҳлат бардоштани доғи судӣ муқаррар кардан зарур аст, ки аз лаҳзаи озодшавӣ аз ҷазо то лаҳзаи пешниҳоди илтимоснома ба суд оид ба бардоштани доғи судӣ чӣ қадар вақт гузаштааст.

Мутобиқи қ. 6 м. 84 КҶ ҶТ «Агар маҳкумшуда пас аз адои ҷазо рафтори бенуқсон нишон диҳад, суд дар асоси илтимосномаи ӯ метавонад доғи судиашро то тамом шудани муҳлати барҳамдиҳии доғи судӣ, вале баъди гузаштани нисфи ин муҳлат бекор кунад».

Муҳлати барҳамдиҳии доғи судӣ аз лаҳзаи ҳам аз ҷазои асосӣ ва ҳам иловагӣ озод шудани маҳкумшуда ҳисоб карда мешавад.

Вале муқаррароти б.б. «в», «г», «д» қ. 3 м. 84 КҶ ҶТ баъзан судҳоро ба хулосаҳои нодуруст меорад. Масалан, дар б. «г» қ. 3 м. 84 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ки «нисбати шахсоне, ки барои ҷиноятҳои вазнин бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд – бо гузаштани панҷ сол пас аз адои ҷазо» [3] доғи судӣ барҳам мехурад. Муқаррароти мазкур баъзан бо тарзе татбиқ карда мешавад, ки гуё қонунгузор «пас аз адои ҷазо» гуфта ҷазои маҳрум сохтан аз озодии таъиншударо дар назар дошта бошад. Масалан, бо ҳукми суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе аз соли 2016 шаҳрванд И.М., бо б. «б» қ. 4 м. 247 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шуда ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 8 сол бо адои ҷазо дар колонияи ислоҳи низоми пурзӯр бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти ба муносибатҳои пулӣ-молӣ алоқаманд ба муҳлати 4 сол таъин карда шудааст. Баъд аз адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ то ин ҷониб ӯ ягон ҷинояти дигар содир накардааст ва корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок дорад. Бинобар ин аз суд хоҳиш намудааст, ки аризааш дар бораи пеш аз муҳлат бардоштани доғи судӣ қонеъ карда шавад.

Суд баёноти аризадиҳандаро шунида, маводҳоро мавриди муҳокима қарор дода, бо чунин асос қонеъ намудани аризаро ба мақсад мувофиқ шуморидааст. Тибқи талаботи м. 18 КҶ ҶТ ҷинояти содирнамудаи маҳкумшуда ба категорияи ҷиноятҳои вазнин мансуб мебошад. Мувофиқи талаботи б «г» қ. 3 м. 84 КҶ ҶТ бошад нисбати шахсоне, ки барои ҷиноятҳои вазнин бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, бо гузаштани 5 сол пас аз адои ҷазо доғи судӣ барҳам мехурад.

Аз нусхаи маълумотномаи Муассисаи ислоҳии ЯС ¾ СРИҶҶ ҶТ дода шуда, муайян шудааст, ки И.М., соли 2020 аз адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ озод шудааст. Аз лаҳзаи адои ҷазо, яъне аз соли 2020 от рузи аз ҷониби И.М., ба суд пешниҳод намудани ариза 3 солу 9 моҳ сипари шудааст ва муҳлати бардоштани доғи судии И.М. расидааст.

Вобаста ба ин суд ба хулоса омадааст, ки доғи судии И.М. пеш аз муҳлат бардошта шавад [177].

Чи тавре ба назар мерасад суд дар ин ҳолат ба таври нодуруст лаҳзаи гузаштани муҳлати доғи судиро аз лаҳзаи аз ҷазои асосӣ, яъне маҳрум сохтан аз озодӣ озод шудани маҳкумшуда ҳисоб намудааст, ки ин бо мазмуни б «г» қ. 3 м. 84 КҶ ҶТ мувофиқат намекунад. Зеро дар он қонунгузор «пас аз адои ҷазо» гуфта ҳам ҷазои асосӣ ва ҳам иловагиро дар назар дорад. Барои бартараф намудани чунин камбудӣ ва мушаххас намудани меъёрҳои м. 84 КҶ ҶТ пешниҳод мешавад, ки дар дар б.б. «б, в, г, д» ибораи «пас аз адои ҷазо» бо ибораи «пас аз адои ҷазои асосӣ ва иловагӣ» иваз карда шавад.

Ба ақидаи В.В. Ераскин муҳлате, ки барои илтимоснома оид ба пеш аз муҳлат бардоштани доғи судӣ зарур аст, кӯтоҳ буда наметавонад, зеро дар ин ҳолат масъалаи ислоҳ шудани маҳкумшударо ҳал кардан номумкин аст, аммо ӯ дарозии ин муҳлатро намегӯяд, ки чӣ қадар бошад [66, с. 135].

С.И. Зелдов қайд мекунад, ки пеш аз муҳлат бардоштани доғи судӣ на барвақттар аз як сол пас аз оғози гузаштани барҳамхурии доғи судӣ имконпазир аст ва ба сифати далел хулосаеро пешниҳод мекунад, ки «пеш аз муҳлат бардоштани доғи судии шахсоне, ки бо чораҳои ҷазои ба маҳрум сохтан аз озодӣ вобастанабуда маҳкум шудаанд, имконнопазир аст, барҳам хӯрдани доғи судӣ нисбати онҳо бошад, бо гузаштани як сол аз рӯзи адои ҷазо сурат мегирад, аз ин рӯ ноадолатона мебуд, агар доғи судии шахсони бо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда пеш аз муҳлат бардошта шавад» [116, с. 11].

В.И. Горобтсов чунин мешуморад, ки «пеш аз муҳлат бардоштани доғи судӣ баъд аз гузаштани нисфи муҳлати бо қонун муқарраршудаи барҳамхурии доғи судӣ ҷой дошта метавонад, агар озодшуда бо рафтори худ ислоҳ шудани худро исбот намуда бошад». Хусусан ин давра имкон медиҳад, ки ба таври объективӣ рафтори шахси доғи судӣ доштаро баҳо диҳем ва масъалаи аз байн рафтани хатари ҷамъиятии онҳоро ҳал намоем [52, с. 65].

Нуктаи назари В.И. Горобтсов дар қонуни ҷиноятии як қатор мамлакатҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфт. Тибқи қ. 6 м. 84 КҶ ҶТ «Агар маҳкумшуда пас аз адои ҷазо

рафтори бенуқсон нишон диҳад, суд дар асоси илтимосномаи ӯ метавонад доғи судиашро то тамом шудани муҳлати барҳамдиҳии доғи судӣ, вале баъди гузаштани нисфи ин муҳлат бекор кунад» [3]. Муқаррароти шабеҳ дар м. 98 КҶ Ҷумҳурии Беларус, моддаи 79 КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон, қ. 4 м. 81 КҶ Туркманистон пешбинӣ шудааст. Муқаррароти қонунҳои ҷиноятии болозикр ба талаботи қ. 7 м. 86 КҶ ҶТ Кодекси ҷиноятии намунавӣ барои давлатҳои иштирокчии ИДМ мувофиқ аст.

Аммо тааҷҷубовар он аст, ки қонунҳои ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон ва Федератсияи Русия муҳлатеро пешбинӣ намекунанд, ки пас аз гузаштани он озодшуда ҳуқуқ пайдо намояд, ки барои бардошта шудани доғи судиаш ба суд илтимоснома ирсол намояд.

Қисми 7 м. 79 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон на танҳо муҳлати бардоштани шудани доғи судиро муқаррар накардааст, балки нисбати шахсоне, ки барои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин маҳкум шудаанд, ҳамчунин нисбати шахсоне, ки ҷазо нисбати онҳо ҳангоми ретсидиви ҷиноят ва ретсидиви хавфноки ҷиноят таъин гардидаст, имконияти пеш аз муҳлат бардошта шудани доғи судиро рад менамояд. Аз ин рӯ, тибқи қонуни мазкур танҳо шахсони доғи судӣ надошта ва ҷиноятҳои начандон вазнину дараҷаи миёна содиркарда имконияти пеш аз муҳлат бардошта шудани доғи судиашонро доранд.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон бошад, умуман масъалаи бардоштани доғи судиро танзим накардааст.

Ба масъалаи пеш аз муҳлат бардоштани доғи судӣ аз рӯйи дар сурати қабули санадҳои авф ё бахшиши ҷазо таваҷҷуҳро зоҳир намудан зарур аст. Авф ва бахшиши ҷазо – санадҳои парламент ва Президенти ҶТ мебошанд. Дар асоси табиати ҳуқуқии санади авф ва бахшиши ҷазо принсипи инсондӯстона меистад, ки тибқи он давлат бо назардошти шахсияти гунаҳкор, ки ҷиноят содир намудааст ва дигар ҳолатҳо ӯро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод мекунад. Аз рӯйи фаҳмиши ҳуқуқӣ санади авф ва бахшиши ҷазо санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахси мансабдори

он буда, қонуни ҷиноятиро, ки барои ин ё он ҷиноят ҷазоро пешбинӣ мекунад, бекор накарда, дар як маврид пурра ё қисман шахсро аз ҷазо озод мекунанд ё онро бо ҷазои нисбатан сабуктар иваз мекунанд [75, с. 38-39].

Қонуни авф аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ нисбати гуруҳи номуайяни ашхос қабул карда мешавад. Бо санади авф мутобиқ қ. 2 м. 82 КҶ ҶТ «шахси содирнамудаи ҷиноят метавонад аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад ва шахси барои ҷиноят маҳкумшуда ҳам аз ҷазои асосӣ ва ҳам иловагӣ пурра ё қисман озод карда шавад ё қисми ҷазои адонакардаи ӯ ихтисор гардад ё ба намуди ҷазои сабуктар иваз карда шавад ё доғи судиаш бардошта шавад» [3].

Тибқи банди 26 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат масъалаи бахшиши ҷазоро ҳал мекунад. Санади бахшиши ҷазо нисбати шахси муайян татбиқ мегардад. «Бо санади бахшиши ҷазо шахси барои ҷиноят маҳкумшуда метавонад ҳам аз ҷазои асосӣ ва ҳам иловагӣ пурра ё қисман озод карда шавад ё қисми ҷазои адонакардаи ӯ ихтисор гардад ё ба ҷазои сабуктар иваз карда шавад ё доғи судиаш бардошта шавад» [3] (қ. 2 моддаи 83 КҶ ҶТ). Бахшиши ҷазо метавонад нисбати дилхоҳ маҳкумшуда татбиқ гардад, аз ҷумла нисбати шахсе ки ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин содир кардааст, ва ҳатто бо ҳукми қатл маҳкум шудааст. Ҷазои қатл бо тартиби бахшиши ҷазо мумкин аст бо ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ё ба маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати бисту панҷ сол иваз карда шавад.

Барои омодасозии масъалаҳои вобаста ба бахшиши ҷазо Комиссия оид ба масъалаҳои бахшиши ҷазои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Комиссия мақоми доимамалкунанда буда, ба баррасии пешакии дархостҳои бахшиши гуноҳ ва пешниҳодҳо ба сардори давлат машғул мебошад. Ҳамчунин, мақомоти прокуратура, Суди Олии ҶТ, Вазорати корҳои дохилии ҶТ вазифадоранд, ки бо супориши Президенти ҶТ ва Маҷлиси Олии ҶТ барои ҳалли масъала оид ба амалигардонии бахшиши ҷазо ва қабули қонуни авф маводҳои заруриро пешкаш намоянд.

Мазмуни муносибатҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ оид ба қабули санади бахшиши ҷазо, инчунин, ҳуқуқи Прокуратураи генералии ҶТ, Суди Олии ҶТ-ро барои бо дархост муроҷиат кардан барои бахшиши ҷазо истисно намекунад.

Комиссияи оид ба масъалаҳои бахшиши ҷазои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолест, ки роҳбарии комиссияро сарвазир Қоҳир Расулзода ба уҳда дошта, ба ҳайати он раиси Суди Олии ҶТ, Прокурори генералии ҶТ, вазири адлияи ҶТ, вазири корҳои дохилии ҶТ, вазири корҳои хориҷии ҶТ, раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ ва раиси Агентии назорати молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд.

Бо дархостнома оид ба бахшиши ҷазо метавонанд худи маҳкумшудагон муроҷиат намоянд, ё ин ки хешу табори онҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коллективҳои меҳнатӣ, маъмурияти муассисаҳои ислоҳӣ муроҷиат намоянд. Дар ин ҳол муассисаҳои ислоҳӣ бояд онро асоснок кунанд, ки маҳкумшуда рафтори намунавӣ дошта, талаботи реҷаи адои ҷазоро риоя мекунад ва ба меҳнат, таълим муносибати содиқона дораду ба роҳи ислоҳшавӣ рафта истодааст ва ҳамчун қоида аллакай нисфи ҷазои таъингардидаро адо кардааст. Бемории вазнини маҳкумшуда ё падару модар, инчунин хешованди наздикаш низ асос барои бахшиши ҷазо шуда метавонад. Дар ҳолати рад кардани қонеъгардонии дархост оид ба бахшиши ҷазо бо чунин дархост такроран муроҷиат кардан мумкин аст, аммо бо гузаштани вақти муайян, то ки ислоҳ гардидани маҳкумшуда асоснок карда шавад. Санади бахшиши ҷазо ҳеҷ гоҳ ҳукми судро бадном намекунад, тағйир намедиҳад. Вай танҳо изҳори раҳмдилӣ ба шахси ҷинояткор мебошад. Шахсе, ки нисбаташ санади бахшиши ҷазо татбиқ гардидааст, бояд ба боварии он сазовор бошад.

Агар шахс тибқи санади авф аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад, ӯ аз лиҳози ҳуқуқӣ ҳамчун шахси доғи судӣ надошта эътироф мегардад, зеро дар ин ҳолат маҳкумият ба вуҷуд намеояд ва оқибатҳои ҳуқуқии он низ шакл намегиранд. Аммо вазъият дар ҳолате, ки шахс бо санади авф ё бо роҳи

бахшиши ҷазо аз адои ҷазо озод карда мешавад, хусусияти дигар касб мекунад. Дар чунин ҳолат шахс аллакай маҳкум гардида, доғи судӣ ба миён омадааст ва масъалаи қатъ ё боқӣ мондани он бояд бо тартиби махсус ҳал карда шавад.

Тартиби барҳам хӯрдани доғи судӣ дар ин ҳолат вобаста ба он муайян мегардад, ки озодкунӣ аз ҷазо пурра ё қисман сурат гирифтааст. Ҳангоми озодкунии пурра аз ҷазо, қонун метавонад қатъ гардидани доғи судиро пешбинӣ намояд ё барои он мӯҳлатҳои муайян муқаррар созад. Дар ҳолати озодкунии қисман бошад, доғи судӣ одатан боқӣ мемонад ва барҳам хӯрдани он мутобиқи қоидаҳои умумии қонунгузорӣ, бо назардошти мӯҳлатҳо ва дигар шартҳои пешбинишуда амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, санадҳои авф ва бахшиши ҷазо таъсири якхела ба масъалаи доғи судӣ надошта, арзёбии ҳуқуқии онҳо бояд бо дарназардошти шакл ва ҳаҷми озодкунӣ анҷом дода шавад.

Пурра аз ҷазо озод гардидан маънои онро дорад, ки маҳкумшуда ҳам аз ҷазои асосӣ ва ҳам аз ҷазои иловагӣ озод карда мешавад. Агар дар санади авф ё бахшиши ҷазо банд оид ба бардоштани доғи судӣ ҷой дошта бошад, пас ягон хел нофаҳмоӣ намемонад. Ҳолати дигар ҳамон вақт рух медиҳад, ки агар бардоштани доғи судӣ дар санадҳои авф ва бахшиши ҷазо пешбинӣ нагардида бошад. Дар қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС «Оид ба ҳисоб кардани муҳлати барҳамхурии доғи судӣ» аз 18 марти соли 1970, №4 бо тағйиру иловаҳо аз 21 сентябри соли 1977, №11 ва 26 апрели соли 1984, №7 омадааст, ки «дар ҳолати баровардани ҳукми айбдоркунӣ бе таъини ҷазо, ҳамчунин бо озод кардани маҳкумшуда аз ҷазо дар асоси санади авф ё бо сабаби гузаштани муҳлати мурур, гунаҳкоре, ки ҷазоро адо накардааст, шахси доғи судӣ надошта эътироф карда мешавад, новобаста аз давомияти ҳабси пешакӣ» [170, с. 495].

Чи тавре, ки дар қаблан қайд намуда будем, қонунҳои авф, ки даҳсолаи охир аз тарафи парламенти кишвар қабул карда шуданд, имконияти бардошта шудани доғи судиро рад кардаанд.

Ҳамин тариқ, бекор кардани доғи судӣ бо санади авф ё бахшиши ҷазо ба тартиби истисноии бекор кардани доғи судӣ дохил мешавад. Дар ин ҳолат ягон муносибати ҳуқуқии нав байни давлат ва шахси ҷиноятсодирнамуда намеояд, балки муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии қаблии дар ҷараёни содиршавии ҷиноят ба миёномада давом ёфтан мегирад.

Бо чунин ақида розӣ шудан мумкин аст, ки оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии доғи судӣ дар ҳолати барҳам хӯрдан ва бардошта шудани доғи судӣ бекор карда мешавад.

Илова бар ин, бардоштани доғи судӣ дар асоси санадҳои авф ва бахшиши ҷазо марҳилаи хотимавии рушди муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, анҷоми таъсири ҳукми айбдоркунандаи судро ифода менамояд. Маҳз дар ин марҳила оқибатҳои ҳуқуқии маҳкумият пурра аз байн меравад ва шахс аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ба мақоми шаҳрвандии худ барқарор мегардад. Бо назардошти аҳамияти чунин марҳилаи ниҳоӣ, татбиқи санадҳои авф ва бахшиши ҷазо нисбат ба доғи судӣ бояд ба таври қатъӣ мутобиқ ба талаботи қонуни ҷиноятӣ амалӣ гардад.

Риояи ин талабот кафолат медиҳад, ки бардоштани доғи судӣ дорои асоси ҳуқуқии устувор буда, ба принсипҳои қонуният, адолат ва муайянӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ҷавобгӯ бошад. Дар акси ҳол, истифодаи беасос ё номуайяни чунин санадҳо метавонад ба халалдор гардидани мувозинати манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат оварда расонад.

Бояд зикр намуд, ки қонуни ҷиноятӣ қувваи олии ҳуқуқӣ дорад ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонуни авф ва санади бахшиши ҷазо набояд ба он мухолифат намоянд, дар ҳолати мухолифат бартарият ба меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ дода мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ нуктаи назаре ҷой дорад, ки тибқи он яке аз қатъ гардидани доғи судӣ бекор кардани он мебошад. Ба масъалаи мазкур П.В. Коробов таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бекор кардани доғи судиро яке аз шаклҳои қатъ гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ меҳисобад [122, с. 122]. Ин нуктаи назар бо сабабҳои зерин қобили таваҷҷуҳ аст: якум, бекор кардани доғи судӣ ба

фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, хусусан ба декриминализатсия кардани кирдор вобаста аст. Ҳангоми бартараф намудани ҷинояткорӣ ва ҷазои кирдори декриминализатсияшуда доғи судӣ бардошта намешавад, балки бекор карда мешавад. Ин ба он вобаста аст, ки давлат шахсро маҷбур месозад, ки маҳкумшавӣ ва ҷазоро барои содир намудани ҷиноят то лаҳзаи декриминализатсия кардани кирдор тоқат намоят, аммо дар натиҷа вай аз доғи судӣ гузоштан ба ҷинояткор саркашӣ мекунад [149, с. 176].

Бекор кардани доғи судӣ ба адо намудани ҷазо монанд аст. Дар ҳар ду ҳолат ҷинояткорон маҳкум мешаванд, ҷазоро адо мекунанд, аммо доғи судӣ ҳамчун оқибати ҷазо метавонад на нисбати ҳама ба миён ояд. Дар ҳолати декриминализатсия кардани кирдор доғи судии шахси ҷазоро адокарда ба миён намеояд, гарчанде ки дар қонун ба бардоштани доғи судӣ ишора карда мешавад. Набояд мафҳумҳои «бекор кардани доғи судӣ» ва «бардоштани доғи судӣ»-ро як шуморем. Ин ду намуди мустақили қатъшавии доғи судӣ мебошанд. Фарқияти онҳоро аз рӯйи мақомоти амалигардонии қатъшавии доғи судӣ, аз лаҳзаи хотима ёфтан ва давомнокии муҳлати пас аз адои ҷазо оғозёбанда кардан мумкин аст. Агар бекор кардани доғи судӣ ба фаъолияти Маҷлиси Олии ҶТ вобаста бошад, бардоштани доғи судӣ ба салоҳияти суд дахл дорад. Лаҳзаи хотима ёфтани доғи судӣ ҳангоми бекор кардани доғи судӣ ба қувваи қонунӣ даромадани қонуни декриминализатсиякунандаи кирдор бошад, ҳангоми бардоштани доғи судӣ – ин лаҳзаи қабули қарори судӣ мебошад. Ҳангоми қабули қарор оид ба бекор кардани доғи судӣ вай берун аз ҷазо инъикос намеёбад, ҳангоми бардоштани доғи судӣ бошад, вай берун аз адои ҷазо, аммо то пурра гузаштани муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ ҷой дорад.

Инак, мафҳумҳои «бардоштани доғи судӣ» ва «бекор кардани доғи судӣ»-ро таҳлил намуда, мушоҳида менамоем, ки дар матни тоҷикии қ. 6 моддаи 84 КҶ ҶТ ба чунин хатогӣ роҳ дода шудааст: дар он қайд мегардад, ки «пас аз адои ҷазо озодшуда агар рафтори бенуқсон нишон диҳад, баъди гузаштани нисфи муҳлати барҳамхурӣ ӯ метавонад доғи судиашро «бекор»

кунад»« [3]. Ин ҷо бояд ба ҷойи «бекор кунад» бояд истилоҳи «бардорад» истифода шавад, зеро ки суд наметавонад доғи судиро бекор кунад, вай танҳо салоҳияти пеш аз муҳлат бардоштани доғи судиро дорад. Бекор гаштани доғи судӣ танҳо дар ҳолати декриминализатсия шудани кирдор сурат мегирад. Чунин нуқсони қонуни ҷиноятиро қонунгузор дар қисми 7 КҶ ҶТ ислоҳ кардааст, яъне дар ин меъёр истилоҳи «бардоштани доғи судӣ»-ро истифода бурдааст. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки қ.6 моддаи 84 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин қабул гардад: «Агар маҳкумшуда пас аз адои ҷазо рафтори бенуқсон нишон диҳад, суд дар асоси илтимосномаи ӯ метавонад доғи судиашро то тамом шудани муҳлати барҳамдиҳии доғи судӣ, вале баъди гузаштани нисфи ин мухлат бардорад» [3]. Чунин меъёри қонуни ҷиноятӣ на танҳо илман асоснок мебуд, балки фарқи байни бекор кардан ва бардоштани доғи судиро муайян мекард.

Аз навиштани параграфи мазкур чунин хулоса баровардан мумкин аст:

1) КҶ ҶТ дар фарқият аз қонуни ҷиноятии замони шӯравӣ тартиби бардоштани доғи судиро ба таври назаррас тағйир дода, ба дилхоҳ маҳкумшудагон, новобаста аз категоорияи ҷинояти содиркардаашон имконияти пеш аз мухлат бардоштани доғи судиашонро медиҳад;

2) Моҳияти истилоҳи «ислоҳ шудан», ки дар КҶ РСС Тоҷикистон аз соли 1961 омада буд ва истилоҳи «рафтори бенуқсон», ки қонуни ҷиноятии муосир истифода мебарад, тағйир наёфтаанд, аммо критерияи баҳо додан ба ин рафтор тағйир ёфтааст. Ин пеш аз ҳама ба тағйиротҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат, гузариши мамлакат ба иқтисоди бозорӣ вобаста аст ва аз ин рӯ ислоҳ шудани шахс нишонаҳои худро тағйир додаанд.

3) КҶ ҶТ дар қисми 2 моддаи 84 имконияти бо қонун дар бораи авф ё санади бахшиши ҷазо бекор кардани доғи судиро пешбинӣ намуда бошад ҳам, аммо шарт гузоштааст, ки агар дар ин санадҳо чунин ҳолат қайд гардида бошад. Аммо дар таҷрибаи кишварамон дар қонунҳои авф, мутаассифона, муқаррарот оид ба бардошта шудани доғи судӣ ҷой надорад. Дар чаҳор қонуни авф, ки дар даҳсолаи охир қабул гардидаанд, чунин муқаррарот ҷой

дорад: «Татбиқи Қонуни мазкур доғи судии шахсро намебардорад». Аз ин рӯ, бо назардошти муқаррароти бандҳои «а» ва «б» қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ ва таҷрибаи мамлакатҳое, ки қонунгузории ҷиноятиашон ба мо наздиканд, пешниҳод дорем, ки дар қонунҳои минбаъдаи авф муқаррароти «Татбиқи Қонуни мазкур доғи судии шахсро намебардорад» бардошта шаваду, имконияти бекор шудани доғи судӣ нисбати категорияи муайяни ашхос муқаррар гардад. Ин иқдом ҷиҳати амалӣ намудани принсипи инсондӯстӣ мусоидат хоҳад намуд.

4) Дар замони муосир бояд худи гунаҳкор масъалаи ислоҳшавии худро муайян намояд, судро бошад зарур аст, ки аз рӯйи ҳуҷҷатҳои воридгардида масъалаи бардоштани доғи судӣ ё рад кардани илтимосномаро ҳал намояд. Аз ин рӯ, барои суд дар давраи баъди ислоҳшавӣ ба таври воқеӣ баҳодиҳии «рафтори бенуқсон»-и шахс, ки имкони бардоштани доғи судиро фароҳам меорад, хеле мушкил аст. Бинобар ин, лозим меояд, ки мафҳуми «рафтори бенуқсон» пурра ва равшан шарҳ дода шавад. Чунин шарҳу тавзеҳ ба мақомоти судӣ имкон медиҳад, ки меъёри мазкурро дар амалияи татбиқи ҳуқуқ дуруст ва самаранок истифода баранд.

5) Бекор кардани доғи судӣ бо санади авф ё бахшиши ҷазо ба тартиби истисноии бекор кардани доғи судӣ дохил мешавад. Дар ин ҳолат ягон муносибати ҳуқуқии нав байни давлат ва шахси ҷиноятсодирнамуда намеояд, балки муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии қаблии дар ҷараёни содиршавии ҷиноят ба миёномада давом ёфтан мегирад.

# ХУЛОСА

Тадқиқоти анҷомдодашуда имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин бароварда шавад:

1. Дар Тоҷикистон доғи судӣ, ки моҳияти онро оқибатҳои манфии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд ҳамчун категрияи мустақили ҳуқуқии ҷиноятӣ танҳо дар замони шӯравӣ ташкил меёбад. Он дар натиҷаи якчанд маротиба қабул гардидан ва тағйиру иловаҳо ҳамчун институти ҳуқуқи ҷиноятӣ ташаккул ёфтааст.

Дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1935 бо вуҷуди мавҷудияти истилоҳи «доғи судӣ», таърифи мушаххаси мазмуни он дода нашуда буд. Аммо дар он меъёре (моддаи 49) мавҷуд буд, ки ҳолатҳои эътироф шудани шахсонро ҳамчун бе доғи судӣ муайян мекард.

Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз 17 августи соли 1961 низ таърифи дақиқи мафҳуми доғи судӣ ва лаҳзаи оғози онро пешниҳод накарда буд, аммо тартиби бардоштан ва барҳам хӯрдани онро муфассалтар танзим менамуд. Дар ин қонун доғи судӣ аҳаммияти иловагӣ пайдо намуд: он ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ, аломати ресидивисти махсусан хавфнок ба ҳисоб рафта, инчунин ҳангоми бандубасти баъзе ҷиноятҳо ба инобат гирифта мешуд. Ғайр аз ин, мавҷудияти доғи судӣ ҳамчун монеа барои татбиқи баъзе чораҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ хизмат мекард.

2. Маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие, ки институти доғи судиро ташкил медиҳанд, қабл аз ҳама бо мавҷудияти хусусияти моддӣ тавсиф мегардад, аммо муҳтавои он танҳо бо ин аломат маҳдуд намешавад.

Ғайр аз ҷанбаи моддӣ, институти ҳуқуқӣ дорои аломатҳои дигари муҳим низ мебошад. Яке аз чунин аломатҳо ин тартиботи низомноки меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки танзими дақиқи ҳуқуқии намуди мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятии мавзуи танзимшавандаро таъмин менамояд. Дар чунин ҳолат, баъзе аз

қоидаҳои рафтор метавонанд бевосита дар санадҳои қонунгузорӣ ҷой дошта бошанд, дар ҳоле ки қисми дигари онҳо дар санадҳои зерқонунӣ мушаххас мегарданд.

3. Маҷмуи меъёрҳое, ки дар моддаи 84-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, дар якҷоягӣ бо дигар муқаррароти Қисми умумӣ ва махсуси қонуни ҷиноятӣ, инчунин бо қоидаҳое, ки барои шахсони дорои доғи судӣ маҳдудиятҳоро пешбинӣ мекунанд, институти мукаммали ҳуқуқии доғи судиро ташкил медиҳанд. Институти доғи судӣ хусусияти маҷмуӣ дорад, зеро дар таркиби он на танҳо меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ низ мавҷуданд. Бо вуҷуди ин, чунин маҷмуият маънои онро надорад, ки он мустақилияти худро дар доираи низоми қонуни ҷиноятӣ аз даст медиҳад **[1-М].**

